# ПЕШГУФТОР

Падари Тимотиюс ғайрияҳудӣ ва модараш яҳудӣ буд. Вай аз хурдӣ дар рӯҳияи омӯзиши Навиштаҳо тарбия меёфт, ва шояд худи Павлус вайро назди Масеҳ оварда бошад. Ҳангоми сафари миссионерии дуюми худ Павлус Тимотиюсро дар Лустра вохӯрд ва баъди се гувоҳӣ, ки оиди вай аз бародарон дар Лустра ва Иқуния шунид, вайро бо худ ба сафар бурд. Тимотиюс яке аз ҳамсафарони наздики ӯ гардид, ва Павлус ду номаи шубонии худро маҳз ба вай навишт. Павлус ба вай дастурҳои аввалинро нисбати ташкили дурусти ҷамоати маҳаллӣ дод. Масалан, ӯ таъкид намуд, ки на сифатҳои иерархӣ,* балки сифатҳои рӯҳонӣ ва ахлоқии сарвари ҷамоат аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Титус барои ҳалли масъалаҳое ки аз боиси шариатпарастӣ ба миён омада буданд, аз Антиохия ба Уршалим ҳамсафари Павлус ва Барнаббо шуд. Пас аз он ки Павлус баъди маҳбусии аввалинаш дар Рум озод карда шуд, бо Титус ба Крит сафар кард. Вай Титусро дар он ҷо гузошт, то ки "корҳои нотамомро ба анҷом расонад ва дар ҳамаи шаҳрҳо пиронро таъин кунад". Номаи Павлус ба Титус номаи сеюми шубонии Павлус аст.

Ин номаҳои шубонӣ ба мо оиди он мегӯянд, ки ҷамоати инҷилӣ чӣ гуна бошад, ҳар як имондор дар алоҳидагӣ чӣ кунад, ҷамоати маҳаллиро чӣ гуна идора кардан даркор аст.

## НАҚШАИ НОМАИ ЯКУМ БА ТИМОТИЮС

**I.** Дуруд ба Тимотиюс дар аввали нома (1:1-2).

**II.** Ёдраскунӣ оиди зарурати насиҳат (1:3-11).
- а. Моҳияти насиҳат (1:3-4).
- б. Мақсади ниҳоии насиҳат (1:5).
- в. Таълимоти бардурӯғ оиди шариат (1:6-7).
- г. Аҳамияти ҳақиқии шариат мувофиқи Навиштаҳо (1:8-11).

**III.** Шукргузорӣ барои файзи ҳақиқии Худо (1:12-17).
- а. Шукргузории Павлус барои он ки Худо ӯро ба хизмат даъват намуд (1:12).
- б. Ин даъват боз ҳам аҷибтар метобад, агар ба ёд оварем, ки Павлус пеш аз ин кӣ буд (1:13).
- в. Файзи Худо, ки ба аввалини гуноҳкорон зоҳир карда шудааст (1:14-15).
- г. Сабаби ба Павлус зоҳир гардидани марҳамати Худо (1:16).
- д. Ҳамду санои Павлус дар ҷавоб ба файзи Худо (1:17).

* Иерархия – тартиби мақом ва вазифа

**IV.** Насиҳати такрорӣ ба Тимотиюс (1:18-20).
- а. Ёдрас намудан оиди ба хизмати Худо даъват шудани ӯ (1:18).
- б. Насиҳат (1:18-19).
- в. Огоҳ кардан оиди хатари дур шудан аз имон (1:19-20).

**V.** Насиҳатҳо нисбати зиндагӣ дар ҷамоати имондорон (2:1 – 3:16).
- а. Дуо дар ҷамоати имондорон (2:1-8).
  1. Навъҳои дуо (2:1).
  2. Онҳое ки дар ҳаққашон дуо гуфтан даркор аст (2:1-2.)
  3. Некӯии дуо (2:3).
  4. Чаро барои ҳамаи одамон дуо кардан даркор аст (2:4-7).
  5. Иштирок дар дуо (2:8).
  6. Талабот ба онҳое ки дар назди омма дуо мекунанд (2:8).
- б. Нақши зан дар ҷамоати имондорон (2:9-15).
  1. Либос ва намуди зоҳирии онҳо (2:9-10).
  2. Маҳдудиятҳо дар хизматгузории онҳо (2:11-12).
  3. Сабабҳои ин маҳдудиятҳо (2:13-14).
  4. Нақши худододи модар (2:15).
- в. Сифатҳои усқуф (3:1-7).
- г. Сифатҳои диаконҳо ва диаконзанҳо (3:8-13).
- д. Мақсади ин насиҳатҳо (3:14-16).
  1. Рафтори муносиб дар ҷамоат (3:14-15).
  2. Нақши ҷамоат дар ҳимоя ва эълон намудани ҳақиқат (3:15).
  3. Баёни кӯтоҳи он ҳақиқате ки ҳимоя кардан даркор аст (3:16).

**VI.** Огоҳӣ оиди он, ки одамон дар оянда аз имон рӯ мегардонанд (4:1-5).
- а. Гувоҳии Рӯҳ оиди ин (4:1).
- б. Аз имон рӯ гардондан аз шайтон аст (4:1).
- в. Хусусиятҳои азимонгаштагон (4:2).
- г. Ду таълимоти хоси азимонгаштагон (4:3).
- д. Асоси илоҳӣ оиди нодурустии таълимоти азимонгаштагон (4:3-5).

**VII.** Насиҳат ба Тимотиюс бо назардошти аз имон баргаштани одамон дар оянда (4:6-16).
- а. Доимо ба бародарон дар имон ёдрас намудан оиди ин хатар (4:6).
- б. Тақводорӣ зоҳир намудан (4:7-11).
- в. Барои дигар имондорон намуна будан (4:12).
- г. Доимо хондани Навиштаҳо (4:13).
- д. Пурра истифода бурдани бахшоишҳои худ (4-14).

е. Худро пурра ба хизмат бахшидан (4:15).
ж. Дарк намудани худ, ва сипас оиди он фикр кардан, ки таълими ту ба дигарон чӣ гуна таъсир мерасонад (4:16).

**VIII.** Насиҳатҳои махсус нисбати ҳама гуна имондорон (5:1–6:2).
а. Пирон ва ҷавонон, мардону занон (5:1-2).
б. Ғамхорӣ оиди бевазанҳо (5:3-16).
в. Пирон дар ҷамоат (5:17-25).
1. Ёрии молиявӣ (5:17-18).
2. Рафтор ҳангоми танбеҳ додан (5:19-22).
3. Зарурати эҳтиёткорӣ ҳангоми баҳо додани одамон (5:23-25).
г. Ғуломон (6:1-2).
1. Зарурати ҳурмат намудани хоҷагони худ (6:1).
2. Насиҳатҳои махсус барои ғуломоне ки хоҷагонашон имондор мебошанд (6:2).

**IX.** Муаллимони дурӯғин ва дӯст доштани пул (6:3-10).
а. Муаллимони дурӯғин ва мақсадҳои ғаразноки онҳо (6:3-5).
б. Дастоварди ҳақиқӣ дар зиндагӣ (6:6-8).
в. Хатари пулпарастӣ (6:9-10).

**X.** Даъватҳои хотимавӣ ба Тимотиюс (6:11-21).
а. Ҳазар намо, аз паяш бирав, талош намо (6:11-12).
б. То бозгашти Худованд ба ростӣ вафодор бимон (6:13-16).
в. Аз насиҳат кардани сарватмандон натарс (6:17-19).
г. Имони масеҳиро ҳимоя кун (6:20-21).

ДАРСИ ЯКУМ

# АЗ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ЭҲТИЁТ БОШ

**1Тимотиюс 1:1-14**

## МУҚАДДИМА

Ин се Нома – Номаи якум ва дуюм ба Тимотиюс ва Нома ба Титус – чун номаҳои шубонӣ маълуманд, чунки дар онҳо оиди ғамхории шубонӣ, ки ба имондорони алоҳида ва ба ҷамоатҳои маҳаллӣ зоҳир карда мешавад, гуфта мешавад.

Ин маънои онро надорад, ки Тимотиюс ва Титус коҳиноне буданд, ки барои имондорони ҷамоатҳои маҳаллӣ масъулият доштанд. Аниқтараш, Павлус онҳоро ба ҷамоатҳо чун ходимони муваққатӣ фиристод, то ки панду насиҳат диҳанд ва аз таъсири муаллимони дурӯғин огоҳ намоянд.

Эътироф шудааст, ки Номаи якум ба Тимотиюс ва Нома ба Титус дар Қӯринт тақрибан дар як вақт навишта шудаанд – аз афташ, баъди ҳабси якум дар Рум, пас, баъди он ҳодисаҳое ки дар Китоби Аъмол зикр шудаанд.

Номаи дуюм ба Тимотиюс дар Рум, ҳангоми маҳбусии дуюм ва охирини Павлус навишта шуда буд. Шояд ин номаи охирини ӯст.

Рости гап мо оиди он давраи зиндагии Павлус, ки ба навиштани ин номаҳо рост меояд, чизи каме медонем. Беҳтараш маълумотҳои тарҷумаиҳолиро, ки дар худи номаҳо зикр шуданд муқоиса намоем, аммо онҳо низ ҷудо-ҷудо мебошанд.

Дар ин номаҳо калимаҳо ва ибораҳое ҳастанд, ки бисёр вомехӯранд ва аз ҳамин сабаб диққати Павлусро ба он мавзӯъҳое, ки бо мурури ба охир расидани хизмати фиристагиаш ӯро бештар ба ташвиш меоварданд, нишон медиҳанд.

Яке аз ин калимаҳо "имон (бовар)" аст. Бо мурури он ки одамон торафт бештар аз имон мегаштанд, Павлус аҳамияти он таълимоти масеҳиро, ки имондорони ҳақиқӣ қабул намудаанд, таъкид кардан мехост. Ӯ муносибатҳои гуногунеро, ки одамон нисбати имон доранд ё хоҳанд дошт, тасвир мекунад.

1. "Киштии имон"-и баъзе касон ғарқ шуд (1Тимотиюс 1:19).
2. Баъзеҳо аз имон бармегарданд (1Тимотиюс 4:1).
3. Баъзеҳо тарки имон мекунанд (1Тимотиюс 5:8).
4. Баъзеҳо имони пештараро рад карданд (1Тимотиюс 5:12).
5. Баъзе касон зарпараст шуда, аз имон бармегарданд (1Тимотиюс 6:10).
6. Баъзе касон ба ёвагӯии (беҳудагӯӣ) ношоям ва мубоҳисоте ки бардурӯғ дониш номида мешавад, часпида, аз имон бармегарданд (1Тимотиюс 6:21).

Иборан "таълимоти солим" бо ин зич алоқаманд аст. "Солим" гуфта, на танҳо сухани дуруст ё мӯътақидона (сахт, қатъӣ) дар назар дошта шудааст. Маънои он сиҳат ё поккунанда аст. Калимаи "гигиена" аз ҷиҳати этимологӣ маҳз аз ҳамин калима бармеояд. Албатта, сухан дар ин ҷо оиди гигиенаи рӯҳонӣ меравад. Ба лаҳзаҳои зерин аҳамият диҳед.

Таълимоти солим (1Тимотиюс 1:10; 2Тимотиюс 1:13; 4:3; Титус 1:9; 2:1).

Суханони солим (1Тимотиюс 6:3).

Дар имон солим (Титус 1:13; 2:2).

Каломи солим (Титус 2:8).

Калимаи "виҷдон"-ро мо шаш бор вомехӯрем, масалан:

1Тимотиюс 1:5,19; 3:9; 4:2,

2Тимотиюс 1:3,

Титус 1:15.

Парҳезгорӣ дар ин номаҳо чун гувоҳии амалии таълимоти солим нишон дода шудааст – 1Тимотиюс 2:2; 2:10; 3:16; 4:7-8; 5:4; 6:3,5-6,11; 2Тимотиюс 3:5 (танҳо шакли зоҳирии парҳезгорӣ); 3:12; Титус 1:1; 2:12.

"Исмат", ё "боисмат", – сифатест, ки фириста дар одамон ба воситаи ёрдамчиёни ҷавони худ тарбият додан ва ҳавасманд намуданро сазовор медонист – 1Тимотиюс 2:9; 2:15; 3:2; Титус 1:8; 2:2,4,6,12.

Ҳамчунин бояд ба он диққат дод, ки фириста калимаи "нек" (хуб/писандида/нағз)-ғайраро бисёр истифода мебарад.

Виҷдони нек (1Тимотиюс 1:5; 1:19).

Шариат нек аст (1Тимотиюс 1:8).

Сарбози нек (Тимотиюс 1:18).

Дуои шафоаткунанда хуб аст (1Тимотиюс 2:3).

Аъмоли нек (кори хуб) (1Тимотиюс 2:10; 3:1; 5:10; 5:25; 6:18; 2Тимотиюс 2:21; 3:17; Титус 1:16; 2:7; 2:14; 3:1; 3:8;3:14).

Шаҳодати нек (1Тимотиюс 3:7).

Хизмати нағз (1Тимотиюс 3:13).

Ҳар офаридаи Худо хуб аст (1Тимотиюс 4:4).

Хизматгузори нек (1Тимотиюс 4:6).

Таълимоти нек (1Тимотиюс 4:6).

Қадрдонӣ кардани падару модарон писандидаи Худост (1Тимотиюс 5:4).

Талоши нек дар роҳи имон (1Тимотиюс 6:12; 2Тимотиюс 4:7).

Эътирофи нек (1Тимотиюс 6:12,13).
Асоси нек (1Тимотиюс 6:19).
Амонати нек (2Тимотиюс 1:14).
Хайрхоҳ/Некдил (Титус 1:8; 2:5).
Вафои нек (Титус 2:10).

Баъзе калимаҳое ки мо дар ин номаҳо бисёр вомехӯрем, ба тиб дахл доранд. Баъзе муҳаққиқон инро инъикоси он меҳисобанд, ки дар ин солҳо дӯсти наздики Павлус табиб Луқо буд.

Мо оиди он гуфта будем, ки калимаи "солим" маънои сиҳат, поккунандаро дорад, ва ин калима барои тасвири таълимот, суханон, имон истифода мешавад.

Дар 1Тимотиюс 4:2 Павлус оиди виҷдони сӯхта (бо доғе беҳисшуда) мегӯяд. "Бо доғе беҳисшуда" маънои "бо оҳани тафсон доғшуда"-ро дорад.

Калимаи "мараз" дар 2Тимотиюс дар дигар вариантҳо чун қарасон* тарҷума мешавад.

Акнун ба омӯхтани Номаи якум ба Тимотиюс 2:17 сар мекунем ва ҳар як ояти онро дида мебароем.

## МАВЗӮИ НОМА

Аз афташ, мавзӯи номаро дар боби 3, оятҳои 14 ва 15 баръало дидан мумкин аст: "Инро ба ту менависам ба умеди он ки ба қарибӣ назди ту биёям. Аммо агар даранг кунам (зуд наоям), туро лозим аст бидонӣ, ки чӣ гуна дар хонаи Худо рафтор намоӣ, ки он Ҷамоати Худои ҳай, рукн ва бунёди ростист". Павлус дар ин ҷо ба таври фаҳмо мегӯяд, ки барои ҷамоати Худо меъёри муайяни рафтор муқаррар карда шудааст, ва ӯ ба Тимотиюс менависад, то ки инро донад.

Агар худи кӯдак надонад, ки чӣ гуна рафтор намудан даркор аст, ба вай "Дуруст рафтор кун!" гуфтан кофӣ нест. Ба вай фаҳмондан даркор аст, ки рафтори дуруст аз чӣ иборат аст. Дар 1Тимотиюс низ фаҳмонда мешавад, ки фарзанди Худо дар ҷамоат бояд чӣ гуна рафтор намояд. Назари сатҳӣ ба бобҳои гуногун кофист, то бифаҳмем, ки дар ин ҷо маҳз ҳамин мавзӯъ пешкаш шудааст. Боби дуюм нишон медиҳад, ки ҳангоми дуои якҷоя чӣ гуна рафтор бояд намуд, зан дар ҷамоат чӣ мақоме дорад. Боби сеюм талаботеро номбар мекунад, ки ба касоне пешниҳод намудан даркор аст, ки дар ҷамоат ба худ масъулияти муайянеро, роҳбарии имондоронро ба ӯҳда мегирад. Боби панҷум оиди масъулият нисбати бевазанон ва ғайра мегӯяд.

*Қарасон – як навъ беморӣ

## ДУРУДИ МУҚАДДИМАВӢ БА ТИМОТИЮС (1:1-2)

**1:1** Павлус аз худи аввал дар ин ҷо худро чун “Фиристаи Исои Масеҳ” муаррифӣ мекунад. Фириста маънои “фиристодашуда”-ро дорад, бинобар ин Павлус мегуяд, ки аз ҷониби Худо барои хизмати миссионерӣ фиристода шудааст.

Ӯ фиристаи Масеҳ Исо буд, на ин ки Исои Масеҳ, чуноне ки мо дар тарҷумаи тоҷикӣ мебинем. Дар тарҷумаи тоҷикӣ мехонем: “Павлус, фиристаи Исои Масеҳ”. Чаро мо ба ин фарқ аҳамият медиҳем? Гап дар он аст, ки номи “Исои Масеҳ” хислати одамии Наҷоткор ва зиндагии заминии Ӯро таъкид мекунад, дар ҳоле ки номи “Масеҳ Исо” оиди Ӯ чун аз мурдагон бархоста, болошуда, ва дар тарафи дасти рости Худо нишаста мегӯяд. Қариб ҳамаи фиристаҳоро “Исои Масеҳ”, яъне Исо ҳангоми дар рӯи замин буданаш барои хизмат интихоб намуда буд. Танҳо Павлус фиристаи “Масеҳ Исо” буд, чунки Худованд ӯро баъди ба осмон боло шуданаш барои хизмат интихоб намуд.

Хизмати фиристагии Павлус “бо амри Худое ки Наҷотдиҳандаи мост, ва Исои Масеҳи Худованд, ки умеди мост” мегузашт. Ин ҷо таъкид карда мешавад, ки Павлус хизматро ба худ интихоб накардааст, ва ҳеҷ кас аз одамон ӯро ба ин хизмат таъин накардааст. Ӯро Худо барои мавъиза намудан, таълим додан ва азоб кашидан даъват намуда буд.

Дар ин оят Павлус Худо Падарро “Наҷотдиҳандаи мо” меномад. Одатан дар Инҷил Худованд Исоро Наҷотдиҳанда меноманд. Аммо, албатта, дар ин ҳеҷ мухолифате нест. Худо Падар Наҷотдиҳандаи одамон аст, зеро Ӯ мехоҳад, ки одамон наҷот ёбанд. Ӯ Писари Худро фиристод, то кори кафоратро ба ҷо оварад ва ба ҳамаи онҳое ки Худованд Исои Масеҳро бо имон қабул мекунанд, зиндагии ҷовидон медиҳад. Масеҳ аз боиси он Наҷотдиҳанда аст, ки ба салиб баромад, то ки Худо гуноҳкорони бехудоро наҷот дода тавонад.

Худованд Исои Масеҳро Павлус дар ин ҷо “умеди мо” меномад, Ин дарҳол Қӯлассиён 1:27-ро ба ёд меоварад: “Масеҳ дар шумо умеди ҷалол аст”. Ягона умеди дар осмонҳо гузарондани ҷовидонӣ дар Шахсият ва кори Худованд Исо аст. Ва умуман ҳамаи дурнамоҳои дурахшон, ки дар Навиштаҳо сабт ёфтаанд, ба мо танҳо ба шарофати иттиҳод бо Исои Масеҳ дастрас мебошанд.

Ҳамчунин ба Нома ба Эфсӯсиён 2:14 диққат диҳед, ки он ҷо оиди Масеҳ гуфта шудааст, ки Ӯ “осоиштагии мост”, ва Нома ба Қӯлассиён 3:4, ки он ҷо гуфта шудааст: “Масеҳ зиндагии шумост”. Масеҳ осоиштагии мост, зеро Ӯ ҳамаи мушкилоти вобаста ба гуноҳҳои гузаштаи моро ҳал мекунад; Масеҳ зиндагии мост, чунки Ӯ ҳамаи мушкилотро бо қудрат дар замони ҳозира

ҳал мекунад, ва Масеҳ умеди мост, чунки Ӯ ҳамаи мушкилоти озодшавии моро дар оянда ҳал мекунад.

**1:2** Нома ба Тимотиюс навишта шудааст, ки Павлус ӯро писари ҳақиқии имон меномад. Баъзе хонандагон ва муҳаққиқон инро гувоҳии он меҳисобанд, ки Тимотиюс ба шарофати Павлус наҷот ёфтааст, шояд баъди боздиди ӯ аз Лустра, чуноне ки оиди ин дар Аъмол 14:6-20 гуфта шудааст. Аммо ҳангоми хондани ин порча таассуроте ҳосил мешавад, ки Тимотиюс ҳангоми шиносоӣ бо Павлус аллакай шогирд буд (Аъмол 16:1-2). Дар ин маврид ибораи "фарзанди ҳақиқӣ дар имон" маънои онро дорад, ки Тимотиюс ҳамон сифатҳои рӯҳонӣ ва ахлоқиро, ки Павлус дошт, зоҳир намуд; вай пайрави ҳақиқии фириста буда, худи ҳамон хислатро зоҳир менамуд.

"Хушо он устоде ки тирдони худро бо ин гуна "фарзандони ҳақиқӣ" пур кардааст" (Сток).

Чуноне ки мо мебинем, суханони "файз ва осоиштагӣ" дуруди маъмулии Инҷил мебошанд. Дар Номаҳои якум ва дуюм ба Тимотиюс, дар Нома ба Титус ва Номаи дуюми Юҳанно мо аллакай дуруди андаке дигарро мебинем – "файз, *марҳамат* ва осоиштагӣ". Ин номаҳо на ба ҷамоатҳо, балки ба шахсони алоҳида навишта шуда буданд, ва ин сабаби илова гардидани калимаи "марҳамат" гардидааст.

Файз маънои ҳамаи он сарватҳоеро дорад, ки барои зиндагии масеҳиёна ва хизмати масеҳиёна даркоранд. Марҳамат маънои ҳамдардӣ, ғамхорӣ ва ҳимояи Худоро ба эҳтиёҷмандон ва касони дар имон ноустувор, дорад. Осоиштагӣ маънои осудагии ботиниро дорад, ки танҳо ҳангоми дар Худо будани мо меояд.

Ин се баракати бузург аз Худо Падар ва Масеҳ Исо, Худованди мо бармеоянд. Мо дар ин оят табиати илоҳии Масеҳро мебинем, чунки Павлус Ӯро ба Падар баробар медонад. Ибораи "Худованди мо Масеҳ Исо" ба мо ҳақиқатеро ёдрас мекунад, ки Исо *Худованд* аст. Дар ҳоле ки калимаи "Наҷотдиҳанда" дар Инҷил 24 бор вомехӯрад, калимаи "Худованд" – 522 бор. Ҳар хонанда аз ин ҳисоббарориҳо барои худ хулосаҳои мувофиқ бароварда метавонад.

## ДАЪВАТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (1:3-4)

**1:3** Аз афташ, баъди ҳабси аввалин дар Рум Павлус бо Тимотиюс аз Эфсӯс боздид намуд. Ҳангоме ки фириста ба Мақдуния раҳсипор шуд, ба Тимотиюс фармуд, ки муддате дар Эфсӯс монад, то ки дар он ҷо Каломи Худоро таълим диҳад ва имондоронро аз муаллимони дурӯғин огоҳ кунад.

Аз Мақдуния Павлус ба ҷануб, ба Қӯринт рафт, ва шояд, Номаи якумашро ба Тимотиюс аз он ҷо навишт.

Дар ояти сеюм фириста мегӯяд: "Вақте ки ба Мақдуния равона шудам, аз ту хоҳиш кардам, ки дар Эфсӯс бимонӣ, то баъзе касонро насиҳат диҳӣ, ки таълимоти дигарро паҳн накунанд". Ин тамоман маънои онро надорад, ки Павлус Тимотиюсро дар ҷамоати Эфсӯс шубон таъин намуд. Дар ин порча ба ин матлаб ишорае ҳам нашудааст. Аниқтараш, Тимотиюс дар он ҷо ҳамчун ходими муваққатӣ монда, баъзе аъзоёни ҷамоатро даъват менамуд, ки таълимоти ба масеҳият мухолифро ё он чиро, ки қисми он нест, таълим надиҳанд. Таълимоти дурӯғини асосӣ дар он вақт шариатпарастӣ ва гностисизм буданд. Ва, аз афташ, барои он мавриде ки Тимотиюс аз ҳалли ин мушкилот саркашӣ мекарда бошад, Павлус ба ӯ мегӯяд, ки ӯ дар ҷамоат монад ва ин хизматро пеш барад.

**1:4** Павлус ҳамчунин Тимотиюсро насиҳат мекард, ки ӯ имондорони Эфсӯсро даъват намояд, то ба қиссаҳо ва насабномаҳои бепоён аҳамияте надиҳанд. Ҳозир аниқ гуфтан имкон надорад, ки ин чӣ қиссаҳо ва насабномаҳо буданд. Баъзеҳо онҳоро бо қиссаҳое алоқаманд мекунанд, ки дар байни муаллимони яҳудият пайдо шуда буданд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки онҳо ба қиссаҳо ва наслҳои гностикҳо дахл доранд. Ҷолиби диққат аст, ки таълимоти дурӯғини имрӯза худи ҳамон тавсифотро доранд. Бисёр қиссаҳои фантастикӣ дар робита бо таъсисдиҳандагони таълимоти дурӯғин пайдо мешуданд, масъалаи насабнома бошад, ақаллан дар яке аз мазҳабҳои имрӯза маъқеи намоён дорад.

Ин мафҳумҳое ки сазовори диққати ҷиддӣ нестанд, танҳо ба як мақсад хизмат мекунанд – дар ақлҳо ва дилҳои одамон шубҳаро ҷойгир намудан. Онҳо ба панду насиҳати илоҳӣ, ё агар аниқтар гӯем, "ободии хонаи Худо, ки дар имон аст", мусоидат намекунанд. Ибораи "ободии хонаи Худо, ки дар имон аст" амали Худоро ифода мекунад, ки бо имон вобаста аст ва имонро тавлид мекунад. Тамоми нақшаи кафорат аз Худо на барои дар дилҳои одамон ҷойгир кардани шубҳа, балки барои дар дилҳои онҳо ҷойгир намудани имон бармеояд. Бинобар ин фикри асосии ин оят аз он иборат аст, ки имондорони Эфсӯс ба мавзӯъҳои беҳудаи қиссаҳо ва насабномаҳо диққат надиҳанд, балки бояд дар мадди аввал оиди ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳӣ фикр кунанд, ки ба зиндагии ин одамон файз меоваранд ва на шубҳаҳо, балки имони устуворро таваллуд менамоянд.

## МАҚСАДИ НИҲОИИ ИН НАСИҲАТ (1:5)

**1:5** Шояд дар омӯзиши ин оят чизи муҳимтарин он аст, ки калимаи "насиҳат", ё чуноне ки он дар баъзе вариантҳои дигар тарҷума мешавад, "фармуда" ба шариати Мусо ё даҳ фармуда робитае надорад, балки ба насиҳате дахл дорад, ки дар оятҳои 3

ва 4 оиди онҳо гуфта мешавад. Павлус менависад, ки мақсади ин насиҳати ба Тимотиюс додашуда он аст, ки на танҳо ҳақиқат, балки муҳаббати самимӣ, виҷдони пок ва имони бериёро тавлид намояд. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо танҳо ҳамон вақт пайдо мешаванд, ки Хушхабар оиди файзи Худо мавъиза карда мешавад.

"Муҳаббат" – дар ин ҷо, албатта, сухан дар бораи муҳаббат ба Худо, муҳаббат ба бародарону хоҳарон дар имон, муҳаббат ба тамоми ҷаҳон меравад. Ин муҳаббат бояд аз самими дил барояд. Агар олами ботинии одам на он қадар дуруст бошад, аз ӯ муҳаббати ҳақиқии масеҳиёнаро интизор шудан аз эҳтимол дур аст. Чунин муҳаббат ҳамеша маҳсули виҷдони пок аст, ки он аз ранҷондани Худо ва одамон канораҷӯӣ мекунад. Ва, ниҳоят, ин гуна муҳаббат бояд натиҷаи имони самимӣ бошад, яъне имоне ки бо ҳеҷ гуна ниқоб пӯшонида нашудааст.

Таълимоти дурӯғин ҳеҷ гоҳ он чиро, ки Павлус дар ин оят зикр кард, ба вуҷуд оварда наметавонад, ва ҳамаи ин, албатта, натиҷаи қиссаҳо ва насабномаҳо буда наметавонад. Танҳо таълимот оиди файзи Худо дар одам дили соф, виҷдони пок, имони самимӣ ва чун натиҷаи ҳамаи ин – муҳаббатро тавлид менамояд.

Ҳамин тариқ, ояти 5 ба мо нишон медиҳад, ки кадом таълимот ҳақиқист, ва маҳз – кадом таълимот дар одам ҳамаи сифатҳои дар ин ҷо номбаршударо тавлид мекунад.

## ТАЪЛИМОТИ ДУРӮҒИН (1:6-7)

**1:6** Пас аз ин Павлус ба Тимотиюс мефаҳмонад, ки баъзеҳо аз он чи худи ҳозир зикр карда шуданд, яъне аз дили соф, виҷдони пок, имони ҳақиқӣ баргаштаанд. "Баргаштан" маънои "на ба он мақсад равона шудан" ва ё "ба ҳадаф нарасидан"-ро дошта метавонад. Бе шубҳа, ин ҷо сухан дар бораи маънои якум меравад, зеро ишорае ҳам нест, ки одамон кӯшиш мекарданд дили соф, виҷдони пок ва имони самимӣ дошта бошанд; онҳо ҳатто дар назди худ чунин мақсад нагузошта буданд. Ва чун натиҷа, онҳо ба беҳудагӯӣ рӯ оварданд. Мавъизаҳои онҳо бемақсад буданд; ба ҳеҷ ҳадафе намебурданд; онҳо барои беҳтар шудани одам ёрӣ намерасонданд.

Бояд диққат дод, ки дар ин нома калимаи "баъзе" бисёр истифода мешавад. Дар он вақте ки Павлус Номаи якумашро ба Тимотиюс менавишт, муаллимони дурӯғин дар ҷамоат ақаллият буданд. Ҳангоме ки мо ба Номаи дуюм ба Тимотиюс мегузарем, мебинем, ки ин калима акнун он қадар зиёд вонамехӯрад. Мувозинати қувваҳо тағйир ёфт. Аз ҳақиқат баргаштан бештар назаррас шуд. Ақаллият ба аксарият табдил ёфт.

**1:7** Аз ин оят мо мефаҳмем, ки муаллимони дурӯғин, ки дар оятҳои гузашта оиди онҳо сухан мерафт, пайравони яҳудият

буданд. Онҳо мекӯшиданд масеҳият ва яҳудият, шариат ва файзро якҷоя кунанд, ва мегуфтанд, ки имон ба Масеҳ барои наҷот асосӣ нест. Онҳо исрор менамуданд, ки шахси имондор бояд хатна карда шавад ё ба ягон тарзи дигар шариати Мусоро риоя кунад, ки он, ба фикри онҳо, барои ҳар одам қоидаи зиндагӣ аст.

Ин таълимоти дурӯғин дар ҳамаи асрҳои мавҷудияти Ҷамоат ҷой дошт, ва имрӯз ин яке аз асбобҳои самарабахштарини барҳам задани масеҳият аст. Дар шакли ҳозира таълимоти дурӯғин мегӯяд, ки ба Масеҳ бовар доштан барои наҷот зарур бошад ҳам, одам бояд ғӯтаи обӣ низ ёбад, ё ба ҷамоат равад, ё шариатро риоя кунад, даҳяк супорад, ё дигар “корҳои нек”-ро ба ҷо оварад. Ин шариатпарастони ҳозира фаҳмида наметавонанд, ки наҷот на бо корҳои шариат, балки ба воситаи имон ба Масеҳ ба даст меояд. Корҳои нек на сабаби наҷот, балки натиҷаи он мебошанд. Одам аз кардани корҳои нек масеҳӣ намешавад – ӯ барои он корҳои нек мекунад, ки масеҳӣ шудааст. Шариатпарастон намефаҳманд, ки қоидаи зиндагии имондор на шариат, балки Масеҳ аст, ва агар одам зердасти шариат бошад, таҳти лаънат набуда наметавонад. Шариат ҳамаи онҳоеро, ки дастурҳои поки Ӯро то охир риоя карда наметавонанд, маҳкум мекунад. Ва азбаски ҳеҷ кас онҳоро то охир риоя карда наметавонад, пас, шариат ҳамаро маҳкум мекунад. Аммо Масеҳ имондоронро аз лаънати шариат озод намуд, чунки Худи Ӯ ин лаънатро ба ҷои мо қабул намуд.

Фириста ин ҷо оиди он мегӯяд, ки муаллимони шариат на чизи мегуфтаашонро мефаҳманд ва на чизеро, ки оиди он мегӯянд. Онҳо оиди шариат оқилона муҳокимаронӣ карда наметавонанд, зеро намедонанд, ки Худо онро ба мо бо кадом мақсад дод, ва намефаҳманд, ки муносибати имондор ба шариат бояд чӣ гуна бошад.

## ҶОИ ҲАҚИҚИИ ШАРИАТ (1:8-11)

**1:8** Фириста комилан аниқ мегӯяд, ки шариат тамоман он нақшеро намебозад, ки ин муаллимон ба ӯ нисбат медиҳанд. "Бинобар ин шариат муқаддас аст, ҳукми он низ муқаддас, барҳақ ва нек аст" (Румиён 7:12). Аммо шариатро ба таври дуруст истифода бурдан даркор аст. Он ҳеҷ гоҳ воситаи ҳатмии наҷот набуд (Аъмол 13:39; Румиён 3:20; Ғалотиён 2:16,21; 3:11). Истифодаи дурусти шариат аз он иборат аст, ки дар раванди мавъизаҳо ва таълим он барои фош намудани гуноҳ ба мо ёрӣ медиҳад. Онро чун  воситаи наҷот ё қоидаи зиндагӣ пешниҳод кардан мумкин нест.

Гай Кинг зикр кардааст, ки шариат ба мо се дарс меомӯзонад: "Мо бояд шариатро риоя кунем. Мо онро риоя намекардем. Мо онро риоя карда наметавонем". Ҳангоме ки шариат кори худро дар зиндагии гуноҳкор кард, ин шахс тайёр аст ба Худо муроҷиат кунад: "Худовандо, аз рӯи марҳамати Худ маро наҷот деҳ". Аммо онҳое ки таълим медиҳанд, гӯё шариат барои наҷот ё муқаддасгардонӣ даркор аст, номунтазам мебошанд. Онҳо мегӯянд, ки агар масеҳӣ шариатро вайрон кунад, ӯро набояд кушт, чунки Масеҳ барои вай дар салиб кушта шуд. Аммо ин ҳукми шариатро устувор намекунад. Касе хеле хуб гуфтааст, ки шариат бе ҷазо – танҳо машварати хуб аст.

**1:9** Шариат барои росткор таълиф нашудааст. Агар одам росткор бошад, ба вай шариат даркор нест. Оиди масеҳӣ низ худи ҳаминро гуфтан мумкин аст. Ҳангоме ки вай бо файзи Худо наҷот меёбад, вайро бо даҳ фармуда маҳкум кардан даркор нест, то ки зиндагии муқаддас ба сар барад. Тамоман на тарси ҷазо имондорро маҷбур мекунад, ки зиндагии тақводорона ба сар барад, балки муҳаббат ба Наҷоткор, ки дар салиб мурд.

Сипас фириста оиди одамоне мегӯяд, ки шариат ҳақиқатан ҳам барояшон таъин шудааст. Бисёр муҳаққиқони Китоби Муқаддас зикр намудаанд, ки байни ин суханони Павлус ва даҳ фармуда  робитаи зич ҳаст. Даҳ фармуда ба ду қисм ҷудо мешавад: чор фармудаи аввал оиди вазифаи одам дар назди Худо мегӯянд (тақводорӣ), шаш фармудаи дигар бошанд оиди вазифаи одам нисбати ёри худ мегӯянд (росткорӣ). Дар ояти 9-уми ҳамин боб суханони зерин ба нимаи якуми даҳ фармуда дахл доранд: "... барои шарирон ва беитоатон, осиён ва гуноҳкорон, фосиқон ва палидон..."

Ибораи "барои таҳқиркунандагони падар ва модар" ба фармудаи панҷум дахл дорад – "Падари худ ва модари худро иззат намо".

Ибораи "барои одамкушон" ба фармудаи шашум дахл дорад – "қатл накун". Ин ҷо оиди касоне гуфта мешавад, ки дидаву дониста одам мекушанд, на ин ки тасодуфан.

**1:10** Ифодаи “барои зинокорон, ливотагарон, ба гуноҳи бадахлоқии ҷинсӣ дахл дорад. Дар ҳамин ҷо оиди ливотагарон ё ҳомосексуалистон гуфта мешавад. Тамоми ин ибора ба фармудаи ҳафтум вобаста аст – “зино накун”.

Ибораи “барои одамдуздон”, аз афташ, бо фармудаи ҳаштум вобаста аст – “дуздӣ накун”. Он гуноҳи дуздидани одамонро дар назар дорад.

Калимаҳои “... дурӯғгӯён, савгандшиканон” бо фармудаи нӯҳум вобаста аст – “дар ҳаққи ёрӣ худ шаҳодати дурӯғ надеҳ”.

Калимаҳои охирин “ва барои ҳар амале ки бар хилофи таълимоти солим аст” ба фармудаи даҳум муносибати бевосита надорад, балки ба ҳамаи фармудаҳо дахл дошта, як навъ ҷамъбаст мебошад.

**1:11** Аниқ кардан душвор аст, ки ин оят бо он чи дар оятҳои гузашта гуфта шуд, чӣ робитае дорад. Шояд дар назар аст, ки “таълимоти солим”-и ояти даҳум “ба ҳасби башорати пурҷалол” аст. Ё, масалан, ин суханон маънои онро дошта метавонанд, ки ҳамаи он чи Павлус дар оятҳои 8 то 10 оиди шариат гуфтааст, бо он Хушхабаре ки ӯ мавъиза мекард, пурра мувофиқат мекунад. Ё ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки ҳамаи он чи дар оятҳои 3 то 10 оиди муаллимони дурӯғин гуфта шуд, ба Хушхабар мувофиқат мекунад.

Дар баъзе вариантҳои тарҷума муждарасонӣ дар ин оят пурҷалол номида нашудааст, балки “башорати ҷалоли Худои таборак” гуфта шудааст. Гап на дар он аст, ки муждарасонӣ пурҷалол аст; ин ҳақиқат бе ин ҳам маълум аст. Аммо дар ин ҷо таъкид карда мешавад, ки муждарасонӣ ба таври ҳайратовар ба мо оиди ҷалоли Худо мегӯяд. Он мегӯяд, ки худи ҳамон Худо – муқаддас, росткор ва боинсоф – дар айни замон Худои файз, марҳамат ва муҳаббат аст. Муҳаббати Ӯ ба мо он чиро медиҳад, ки муқаддасии Ӯ аз мо талаб мекунад, ва ҳамаи онҳое ки Худованд Исоро қабул мекунанд, зиндагии ҷовидонӣ ба даст меоваранд.

Маҳз ҳамин гуна муждарасонӣ ба фириста Павлус боварӣ карда шудааст. Он дар навбати аввал оиди Худованд Исои Масеҳи пурҷалол мегӯяд, ва низ ба одамон шаҳодат медиҳад, ки Ӯ на танҳо Наҷотдиҳанда, балки Худованд низ ҳаст.

## ШУКРГУЗОРИИ ПАВЛУС БАРОИ ОН КИ Ӯ БА ХИЗМАТИ ХУДО ДАЪВАТ ШУДААСТ (1:12-14)

**1:12** Дар қисми пештараи нома Павлус оиди муаллимони дурӯғин мегуфт, ки ба имондорони Эфсӯс аҳамиятнокии шариатро бор карданӣ мешуданд. Акнун ӯ бозгашт кардани худро ба ёд меоварад. Он тамоман на аз рӯи шариат, балки бо файзи Худо воқеъ шуд. Фириста то ин вақт на росткор, балки

гуноҳкор буд. Дар оятҳои 12 то 17 дар мисоли Павлус мо тасвири мушаххаси истифодаи дурусти шариатро мебинем. Шариат барои ӯ роҳи наҷот нагардид, он воситаи фош кардани гуноҳ буд.

Дар ояти 12 Павлус бори аввал ба Исои Масеҳ барои файзи Ӯ, ки "қувват бахшид", шукргузорӣ мекунад. Аҳамият диҳед, ки фириста на оиди он чи Шоули Тарсусӣ барои Худованд кард, балки оиди он чизе мегӯяд, ки Худованд барои ӯ кард.

Фириста зикр кардани он мӯъҷизаеро фаромӯш накард, ки Худованд Исо на фақат ӯро наҷот дод, балки ба қатори хизматгорони Худ дароварда, ба хизмат фиристод. Шариат ҳеҷ гоҳ чунин файзро зоҳир карда наметавонист. Аниқтараш, суханони сахти ӯ Шоули гуноҳкорро ба марг маҳкум мекарданд.

**1:13** Аз ин оят баръало намоён аст, ки Павлус то бозгашт карданаш даҳ фармударо вайрон мекард. Ӯ худро куфргӯ, таъқибкунанда, озордеҳ меномад. Чун куфргӯ ӯ ба масеҳиён ва Масеҳ тӯҳмат мекард. Чун таъқибкунанда мекӯшид масеҳиёнро кушад, зеро чунин меҳисобид, ки ин бидъати нав барои дини яҳудӣ хатар дорад. Нақшаҳои бадхоҳонаи худро амалӣ гардонда, ӯ озордеҳ буд, яъне дар ҳама ҷо бар зидди имондорон амалҳои беҳаёёна, бераҳмона ва бемаъно мекард. Ва агарчи аз худи матн ин маъноҳо аён нестанд, дар калимаҳои "куфргӯ", "таъқибкунанда", "озордеҳ" афзудани амалҳои гуноҳолуди фириста то бозгашт карданаш садо медиҳад. Гуноҳи аввалин танҳо ба суханон дахл дошт. Гуноҳи дуюм он азобҳоеро тасвир мекунад, ки ӯ ба одамон танҳо аз боиси имон мерасонд. Сеюм бераҳмии беандозаро низ дар назар дорад.

Аммо Павлус марҳамат ба даст овард; ӯ ҷазоеро, ки сазовор буд, надид. Сабаби рафторҳои ӯ дар нодонӣ ва нобоварӣ буд. Масеҳиёнро таъқиб намуда, ӯ гумон мекард, ки хизмати Худоро ба ҷо меоварад. Азбаски дини гузаштагон ӯро таълим медод, ки Худои ҳақиқиро парастиш намояд, ӯ танҳо ба як хулоса омада метавонист: имони масеҳӣ зидди Яҳуваи Таврот аст. Тамоми қуввати худро ба кор бурда, Павлус мекӯшид бо куштани масеҳиён шарафи Худоро ҳимоя кунад.

Бисёр касон боварӣ доранд, ки ҷидду ҷаҳд, боваринокӣ ва самимият дар муносибат бо Худо унсурҳои муҳиманд. Аммо намунаи Павлус нишон медиҳад, ки як худи кӯшиш кам аст. Зиёда аз ин, агар одами дорои ҷидду ҷаҳди беандоза ба роҳи нодуруст равад, ин хусусияти ӯ вазъиятро боз ҳам бадтар мекунад. Ҳар қадар бештар ҷидду ҷаҳд дошта бошад, ҳамон қадар бештар зарар меоварад.

**1:14** Павлус на танҳо ҷазои сазоворро надид (марҳамат), балки меҳрубонии беандозаеро ҳис кард, ки сазовори он набуд (файз). Ҳангоме ки гуноҳаш афзун шуд, файз ҳам фаровон гардид (Рум. 5:20).

Аз суханони “бо имон ва муҳаббате ки дар Исои Масеҳ аст” аён аст, ки файзи Парвардигор ба Павлус беҳуда дода нашуда буд. Ин маънои онро дорад, ки файз ба Павлус ҳамроҳи имон ва муҳаббат дар Исои Масеҳ омад. Албатта, ин маънои онро дошта метавонад, ки чуноне ки файз аз Парвардигор омад, имон ва муҳаббат низ аз Ӯ бармеояд. Аммо агар фаҳмем, ки Павлус файзи Худоро рад накард, ва ӯ ба он бо имон ба Худованд Исо, имон ба Оне ки пештар бадаш медид, ҷавоб дод, маънои ин оят аниқтар мешавад.

ДАРСИ ДУЮМ

# ЗИНДАГИИ ҶАМОАТ
**1:15 – 2:15**

## АВВАЛИНИ ГУНОҲКОРОН (1:15)

**1:15** Ин аввалин аз панҷ “сухани дуруст” дар номаҳои шубонӣ аст. Гай Кинг онҳоро ба тартиби зайл ҷамъбаст кардааст:

1. Оиди наҷоти зиндагӣ (1Тимотиюс 1:15).
2. Оиди хизмат дар зиндагӣ (1Тимотиюс 3:1).
3. Оиди азоб дар зиндагӣ (1Тимотиюс 4:9-10).
4. Оиди муқаддас гардондани зиндагӣ (Титус 3:8).
5. Оиди сирри зиндагӣ (2Тимотиюс 2:11).

Ин сухан барои он дуруст аст, ки Каломи Худост, ва Худо наметавонад дурӯғ гӯяд ё хато кунад. Одам метавонад ба ин суханон аз боиси яқинан ҳаққонӣ буданашон бовар кунад. Дар ҳақиқат, ба онҳо бовар накардан беақлона ва бехирадона аст.

Ин сухан сазовори боварист, зеро нисбати ҳама чиз қобили истифода аст, оиди ҳама чизе ки Худо барои одамон кардааст, мегӯяд, ва атои наҷотро ба ҳама пешниҳод мекунад.

Номи Масеҳ Исо илоҳияти Худовандро таъкид мекунад. Касе ки аз осмон ба замин омад, пеш аз ҳама *Худо* буд (“Масеҳ”), ва баъд *Одам* (“Исо”). Пеш аз ибтидои ибтидоҳо вуҷуд доштани Наҷотдиҳанда дар суханон оиди он, ки Ӯ “ба ҷаҳон омад” дар назар дошта шудааст. Байт-Лаҳм ба ҳеҷ ваҷҳ ҷои саршавии мавҷудияти Ӯ набуд. Ӯ тамоми ҷовидонӣ ҳамроҳи Худо Падар мезист, аммо ба ин ҷаҳон чун Одам барои иҷрои вазифаи муайян омад. Тақвими мо низ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ӯ ба ин ҷаҳон омад. Масалан, мо мегӯем, ки ин ё он воқеа дар соли фалон баъди милоди Масеҳ рӯй дод.

Чаро Ӯ ба ин ҷаҳон омад? То ки гуноҳкоронро наҷот диҳад. На барои он, ки одамони хубро наҷот диҳад (як нафар ҳам

росткор нест). На барои он ки шахсонеро, ки шариатро пурра риоя намудаанд (ҳеҷ кас ин корро карда наметавонад).

Ана дар ин ҷо мо ба моҳияти фарқ байни масеҳияти ҳақиқӣ ва дигар таълимотҳо наздик мешавем. Динҳои дурӯғин мегӯянд, ки одам метавонад ҳамон тавре шавад, ки ба муҳаббати Худо сазовор гардад. Хушхабар таълим медиҳад, ки одам гуноҳкор ва гумроҳ аст, ва худаш худро наҷот дода наметавонад; ягона роҳ барои ба осмонҳо рафтан – меҳнати Худованд Исо дар салиб аст, ҳангоме Ӯ барои ҳамаи мо мурд. Он шариат, ки пештар дар ин боб Павлус оиди он навишта буд, оиди ҷисм хеле хуб мегӯяд. Он ба одам он чиро мегӯяд, ки ӯ оиди худ шунидан мехоҳад, яъне: ӯ барои наҷоти худ саҳме гузошта метавонад. Аммо Хушхабар мегӯяд, ки хизмат ва шарафи наҷот танҳо ба Худованд Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Одам танҳо ба гуноҳ кардан қобилият дорад, ва танҳо Худованд Исо ба одамон наҷот меоварад.

Рӯҳи Худо ба Павлус ёрӣ дод, то фаҳмад, ки ӯ гуноҳкори асосӣ (дар тарҷумаи тоҷикӣ “бадтарини гуноҳкорон”), ё чуноне ки бисёриҳо ин ҷойро тарҷума мекунанд, “аввалини гуноҳкорон” аст. Агар ӯ гуноҳкори асосӣ набошад ҳам, албатта, дар қатори аввалинҳо буд. Ҳамчунин ҷолиби диққат аст, ки чунин тасвия ба одаме дахл дорад, ки на бутпараст ё зинокор, балки бениҳоят тақводор буда, дар оилаи диндорони яҳудӣ зода шудааст. Гуноҳи ӯ хусусияти таълимотӣ дошт; ӯ таълимоти Каломи Худоро оиди Шахсият ва меҳнати Худованд Исои Масеҳ эътироф накард. Аз Писари Худо рӯ гардондан бузургтарин гуноҳ аст.

Ғайр аз ин, бояд зикр кард, ки суханони “аввалини (бадтарини) гуноҳкорон” ин ҷо дар замони ҳозира истифода шудаанд. Имондорони тақводор бисёр вақт гуноҳкор будани худро сахттар дарк мекунанд.

Дар 1Қӯринтиён 15:9 (ки тақрибан дар соли 57-уми милодӣ навишта шудааст) Павлус худро “хурдтарини фиристаҳо” номидааст. Дар Эфсӯсиён 3:8 (ки тақрибан дар соли 60-уми милодӣ) навишта шудааст, ӯ худро “хурдтарини ҳамаи муқаддасон” номидааст. Ва дар 1Тимотиюс 1:15, ки якчанд сол баъдтар навишта шуда буд, ӯ худро “аввалини (бадтарини) гуноҳкорон” меномад. Дар ин порчаҳо як навъ инкишофро дар фурӯтании Павлус дидан мумкин аст.

Пеш аз гузаштан ба ояти оянда мо бояд боз як тафсири суханони “ман аввалини (бадтарини) онҳо ҳастам“-ро зикр кунем. Маънои он на танҳо дар он аст, ки ӯ бадтарини гуноҳкоронест, ки замоне дар рӯи замин зистаанд, балки ӯ нисбати кишвари худ, Исроил, аввалин аст. Дигар хел карда гӯем, бозгашт кардани ӯ воқеаи ягонае буд, ки пеш аз бозгашт намудани тамоми халқи Исроил рӯй дода буд. Ӯ “тифли хом” буд (1Қӯринтиён 15:8) ба он маъное ки пеш аз зодашавии нави халқаш – Исроил – зода шуд.

Ва чуноне ки ӯ ба воситаи ваҳйи бевосита аз осмон бе ягон дахолати инсон наҷот ёфт, шояд яҳудиёни зиндамонда низ ҳамин гуна дар солҳои ояндаи мусибат наҷот хоҳанд ёфт. Чунин тафсир дар калимаҳои “аввал” ва “намуна” дар ояти оянда асос ёфтааст.

## ЧАРО МАРҲАМАТ БА ПАВЛУС ЗОҲИР КАРДА ШУД (1:16)

**1:16** Ин оят фаҳмонданро давом медиҳад, ки чаро фириста Павлус марҳамат пайдо намуд. Худо марҳамат намуд, то ки Масеҳ дар Павлус пурсабрии Худро нишон дода тавонад. Ва чуноне ки ӯ дар байни гуноҳкорон аввалин буд, акнун файзи беандозаи Парвардигор дар ӯ ҳамин гуна равшан зоҳир шуда метавонист. Ӯ намунаи зиндаи “муҳаббати илоҳӣ, ки афзунтар аз ҳама гуна бадии беҳад, ва пурсабрии илоҳӣ, ки афзунтар аз душмании беандоза ва оштинопазир аст” буда метавонист (Уилям Келлӣ).

Дар ин маврид Павлус намуна буда метавонист. Чуноне ки зикр карда шуд, бозгашт намудани Павлус намунаи он чизе буд, ки Худо бо халқи Исроил мекунад, ҳангоме Раҳокунанда аз Сион меояд (Румиён 11:26).

Ба маънои умумитар ин оят маънои онро дорад, ки ҳеҷ кас набояд рӯҳафтода шавад, новобаста ба он ки ин ё он шахс ба дигарон то кадом дараҷа гуноҳкор тофта метавонад. Вай метавонад худро бо он тасалло диҳад, ки азбаски Парвардигор аллакай аввалини гуноҳкоронро наҷот дод, вай низ метавонад назди Ӯ омада тавба кунад, ва файзу марҳамат ёбад. Аз рӯи имон ба Ӯ, вай метавонад зиндагии ҷовидон ба даст оварад.

## ҲАМДУ САНОИ ПАВЛУС (1:17)

**1:17** Ҳангоме Павлус оиди файзе андеша мекунад, ки Худо ба вай зоҳир намудааст, таърифу таҳсинро дареғ намедорад. Ин ҷо дидан душвор аст, ки оё вай ин суханонро ба Худо Падар мегӯяд, ё ба Худованд Исо. Калимаҳои “Подшоҳи ҷовид”, аз афташ, ба Худованд Исо дахл доранд, ки “Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон” (Ваҳй 19:16) номида шудааст. Бо вуҷуди ин, аз афташ, калимаи “нонамоён” ба Худо Падар дахл дорад, чунки Худованд Исо ба чашмони одамон намоён буд. Мо бо боварии пурра гуфта наметавонем, ки дар ин оят сухан дар бораи кадом Шахсияти Илоҳӣ меравад. Ин ҳақиқат далели он аст, ки ин Шахсиятҳо комилан баробаранд.

Оиди Подшоҳи ҷовид ин ҷо гуфта шудааст, ки Ӯ пеш аз ҳама намиранда аст, яъне “ғайрифонӣ”, ё ҷовидон. Худо аз рӯи табиати Худ ҳамчунин нонамоён аст. Дар замони Паймони Куҳан Худо ба одамон бо роҳҳои гуногун зоҳир мешуд, Худованд Исо

бошад зоҳиршавии пурраи Худо дар шакли намоён гардид, аммо ҳақиқат он аст, ки Худи Худо ҳамеша барои чашмони одамӣ нонамоён буд. Сипас гуфта мешавад, ки Ӯ "якто" (калимаи "пурҳикмат"-ро дар ин ҷо партофтан мумкин аст, агарчи дар Румиён 14:26 он ҳаст. Тарҷумаи ҳозиразамон маъноро дуруст медиҳад: "Ба Подшоҳи ҷовид, ба Худои ғайрифонӣ, нонамоён ва Якто то абад шавкат ва ҷалол бод. Омин".)

Ба Ӯ ҷовидона шавкат ва ҷалол дода мешавад. "Шавкат" маънои чун Ҳукмфармои олам ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон иззату эҳтиром намудани Ӯро дорад. "Ҷалол" ҳамду сано ва парастишро ифода мекунад, ҳангоме мо шукӯҳу бузургии Ӯро таҷлил мекунем.

Калимаи "омин" маънои "ҳақиқат"-ро дорад, ва одатан дуо ё ҳамду сано бо ин калима ба охир мерасад. Аммо Худованд Исои Масеҳ бисёр вақт ин калимаро барои таъкиди аҳамиятнокии суханонаш истифода мебурд, масалан: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям" (Юҳанно 5:24). (Дар тарҷумаи аслӣ ин суханон чунин садо медиҳанд: "Омин, омин...")

## ДАЪВАТИ ТАКРОРИИ ПАВЛУС БА ТИМОТИЮС (1:18-20)

**1:18** Даъвати Павлус дар ин оят ҳамон аст, ки дар оятҳои 3-юм ва 5-уми ҳамин боб садо медиҳад, – дигар хел карда гӯем, даъвати фош кардани муаллимони дурӯғин. Фириста ба Тимотиюс вазъияти ба хизмати масеҳӣ даъват шудани ӯро ёдрас мекунад, то ӯро ба амалӣ гардондани чунин вазифаи муҳим рӯҳбаланд намояд.

Суханони "мувофиқи нубувватҳое ки пештар дар ҳаққи ту шуд"-ро бояд чунин фаҳмем: ҳанӯз пеш аз он ки Павлус бо Тимотиюс шинос шавад, дар ҷамоат пайғамбаре пайдо шуд, ки ба Тимотиюс гуфт, ки вай бояд ба Худо хизмат намояд. Пайғамбар фиристодаи Худост, ки ба вай хости Худо нисбати баъзе амалҳои муайян ошкор шуда буд, ва вай онро ба ҷамоат расонд.

Дар тарҷумаи дигари Китоби Муқаддас ин порча чунин садо медиҳад: "мувофиқи он нубувватҳое ки назди ту овардаанд". Он гоҳ ин чунин маъно дорад, ки Павлус ба шарофати як ваҳйи илоҳӣ назди Тимотиюс омад, ва ҳамин тариқ маълум гардид, ки Тимотиюс ба ӯ дар хизматаш ба Масеҳ ёрӣ хоҳад расонд.

Бо вуҷуди тафсирҳои гуногун як чиз равшан аст: аз "нубувватҳое ки пештар дар ҳаққи вай шуд", аён гардид, ки Тимотиюс хизматгори Исои Масеҳ хоҳад шуд. Бинобар ин вай ба хизмат интихоб карда шуд. Агар вай ақаллан як бор нисбати хизмат ба Худованд беҷуръатӣ ё рӯҳафтодагӣ ҳис мекард, ин пайғамбариҳоро ба ёд оварда, барои давом додани ин хизмат ҳавасмандӣ ва илҳом пайдо менамуд.

**1:19** Дар ин хизмат ӯ бояд имон ва виҷдони пок дошта бошад. Пурра донистани таълимоти масеҳӣ кофӣ нест. Имкон дорад, ки шахс диндори мӯътақид бошад ва дар айни ҳол виҷдони пок надошта бошад.

"Касоне ки бахшоиши илоҳӣ доранд, бояд боэҳтиёт бошанд, ки ҳангоме назди одамон хизмат, мавъиза ва меҳнат мекунанд, тақводории ба назар нонамоёнро назди Худо рад накунанд. Магар Навиштаҳо моро таълим намедиҳанд, ки бо тамоми хушсухание, ки ба одамону фариштагон хос аст, мавъиза кунем, ва дар айни замон ҳеҷ бошем. Он чи барои Худо самар меоварад ва дар рӯзи меомада сазовори мукофот мешавад, – зиндагии тақводорона аст, ки ҳамаи хизмати ҳақиқӣ аз он бармеояд" (Г. Смит).

Баъзе аз онҳое ки дар замони хизмати Павлус мезистанд, виҷдони покро фаромӯш мекарданд ва ҳамин тариқ "киштии имонашон ғарқ мешуд". Онҳо ба баҳрнаварди нодоне монанд мешуданд, ки қутбнаморо нодаркор ҳисобида, ба баҳр партофтааст.

Онҳое ки "киштии имонашон ғарқ шудааст", бе шубҳа, имондорони ҳақиқӣ буданд, аммо дар виҷдони пок устувор монда натавонистанд. Ибтидои зиндагии масеҳии онҳо ба киштии наве монанд буд, ки ба баҳр баромадааст, аммо ба ҷои он ки ба бандар бо бори пур ва парчами афрошта баргардад, ба харсангҳо бархӯрда, ба худ ва гувоҳии худ бешарафӣ овард.

**1:20** Рости гап, мо намедонем, ки оё ин ҳамон одамоне мебошанд, ки дар 2Тимотиюс 2:17 ва 2Тимотиюс 4:14 сухан дар бораи онҳо меравад. Мо сабаби бешарафии онҳоро низ намедонем. Ба мо танҳо гуфта шудааст, ки онҳо куфр мегуфтанд ва барои ин ба шайтон супурда шуданд.

"Куфргӯӣ" (дар нусхаи асли юнонӣ : "тӯҳмат кардан") на ҳамеша маънои зидди Худо сухан гуфтанро дорад. Он метавонад бадгӯӣ дар ҳаққи бародарон ё хоҳарон дар Масеҳ, зидди атрофиёнро дар бар гирад. Ҳамчунин ҷолиби диққат аст, ки дар ин ҷо бо ин феъл на танҳо суханҳои бади онҳо, балки тарзи зиндагии ин одамон тавсиф дода шудааст. Онҳо аз боиси ғарқ шудани киштии имонашон сабабгори дар ҳаққи ростӣ бадгӯӣ кардани дигарон шуданд, бинобар ин худи зиндагии онҳо куфр шуд.

Ҳамин аст фоҷиаи масеҳиёне ки замоне хушбахт, равшандил ва устувор буданд, аммо баъд ба роҳи дурӯғ афтида, виҷдони худро нобуд карданд.

"Ки онҳоро ба шайтон супурдам", – мегӯяд фириста. Дар байни муҳаққиқони Китоби Муқаддас оиди маънои ин суханон ҳамфикрӣ нест. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо сухан дар бораи аз ҷамоат дур кардан меравад, ва мегӯянд, ки Павлус ин ду шахсро аз ҷамоати маҳаллӣ ронд, то бо ҳамин восита онҳоро ба

тавба водор кунад ва мушоракаташонро бо Худованд ва халқи Ӯ барқарор намояд.

Ин ақида аз он ҷиҳат қобили қабул нест, ки аз ҷамоат дур кардан дар ихтиёри фириста набуд, балки танҳо ҷамоати маҳаллӣ ин корро карда метавонист. Дар 1Қӯринтиён 5 Павлус нагуфтааст, ки шахси зинокорро аз ҷамоат дур мекунад, балки танҳо маслиҳат дод, ки чунин карда шавад. Тафсири дигари паҳншуда оиди ба шайтон супурдан онро ба асос мегирад, ки ба фиристаҳо қудрате дода шуда буд, ки ҳозир ҳеҷ кас надорад, чунки акнун онҳо нестанд. Мувофиқи ин ақида, фиристаҳо метавонистанд гуноҳкорро ба шайтон барои ҷазои ҷисмонӣ, азобҳо ва дар ҳолатҳои бадтарин ҳатто ба марг супоранд, чуноне ки бо Ҳанониё ва Сафиро рӯй дод (Аъмол 5:1-11). Мақсади чунин ҷазо дар мавриди додашуда, албатта, ислоҳшавии онҳост – “то таълим диҳам, ки куфр нагӯянд”.  Ин ҷо сухан на дар бораи лаънат, балки тарбия меравад.

## ДУО ДАР ҶАМЪОМАД (2:1–8)

Фириста огоҳкунии аввалини худро ба Тимотиюс нисбати муаллимони дурӯғин  ба охир расонд, ва акнун  ба масъалаи дуо мегузарад. Чунин ҳисобидан қабул шудааст, ки дар ин порча оиди дуо дар ҷамъомад гуфта мешавад, агарчи дар ин ҷо ягон сухан нест, ки нисбати зиндагии шахсии дуоии имондор қобили истифода бошад.

**2:1** Барои ҳамаи одамон дуо ҳам шараф ва ҳам ӯҳдадорӣ аст. Ҳайратовар аст, ки мо шарафи бо Худо мушоракат намудан, барои наздикон назди Ӯ шафоат карданро дорем. Аммо ин дар айни замон ӯҳдадорӣ низ ҳаст, чунки мо бояд барои Хушхабар оиди наҷот, ки аз Ӯ бармеояд, шукргузор бошем.

Фириста чор ҷиҳати дуоро номбар мекунад: илтимос, зорӣ, шафоат дар назди Худованд ва шукрона. Се ҷиҳати аввалро аз ҳам ҷудо кардан душвор аст. Дар истифодаи ҳозира “илтимос” оиди чизе боисрор хоҳиш карданро ифода мекунад, аммо дар ин ҷо ин илтимоси махсус оиди эҳтиёҷоти махсус аст. Истилоҳи “зорӣ” хусусияти умумӣ дорад, чунки ҳама намудҳои муроҷиати эҳтиромонаро ба Худо дар бар мегирад. Дар ин оят ин калима маънои дуои эҳтиромонаро дорад. “Шафоат кардан” маънои ба Худо чун ба Соҳибқудрат бо  шафоат муроҷиат карданро дорад. “Шукрона” ба дуо дахл дорад, ки дар он мо файз ва некӯии Худовандамонро эътироф мекунем ва аз самими дил ба Ӯ миннатдории худро изҳор менамоем.

Ҳамин тариқ, мо ин оятро ҷамъбаст карда, гуфта метавонем, ки дар дуо барои ҳамаи одамон мо бояд фурӯтан бошем, Худоро парастиш намоем, ба Ӯ боварӣ кунем ва ба Ӯ шукргузор бошем.

**2:2** Дар ин ҷо ба таври махсус подшоҳон ва ҳамаи онҳое зикр мешаванд, ки ягон хел қудрат доранд. Оиди ин одамон махсус дуо кардан даркор аст. Дар дигар ҷойҳои Навиштаҳо Павлус ба мо ёдрас мекард, ки ҳокимият аз Худост (Румиён 13:1), ва роҳбарон-хизматгорон ба нафъи мо мебошанд (13:4).

Агар мо ба ёд оварем, ки Павлус онро дар солҳои ҳукмронии қайсар Нерон навишта буд, ин оят маънои махсус пайдо мекунад. Ҳатто таъқиботи сахте ки масеҳиён аз ин диктатори ноодам медиданд, ба он ҳақиқат таъсир нарасонданд, ки имондорон бояд барои ҳокимони худ дуо гӯянд. Инҷил моро таълим медиҳад, ки мо бояд нисбати ҳукуматҳои худ итоаткор бошем, ба истиснои он ҳолатҳое ки ҳукуматҳо моро маҷбур кунанд, то зидди хости Худо равем. Дар ин мавридҳо албатта Худоро пайравӣ кардан даркор аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ масеҳӣ набояд дар инқилобҳо ва баромадҳои зиддиҳукуматӣ иштирок кунад, хусусан, агар онҳо бо истифодаи зӯроварӣ бошанд. Ӯ метавонад аз иҷрои фармон даст кашад ва баъд бо фурӯтанӣ ва оромона барои ин ҷазо бинад.

Фириста Павлус мегӯяд, ки мо бояд барои ҳокимони худ дуо гӯем, "то ки ором ва сокит, бо камоли парҳезгорӣ ва покӣ умр гузаронем". Мо ба он манфиатдорем, ки ҳукуматҳо устувор бошанд, кишвар аз инқилобҳо, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва анархия ба ларза наояд.

**2:3** Ва барои ҳамаи одамон, аз ҷумла барои онҳое ки дар сари қудрат мебошанд, дуо кардани мо хуб ва писандидаи Худост. Ин худ аз худ хуб аст ва ба "Худо, ки Наҷотдиҳандаи мост, писандида аст". Ин ҷо он чиз муҳим аст, ки Павлус Худоро чӣ хел меномад. Худо ҳамаи одамонро наҷот додан мехоҳад. Ва аз ҳамин сабаб, барои ҳамаи одамон дуо карда, мо ҳамин тавр, хости Худоро ба ҷо меоварем.

**2:4** Ин ҷо боз он чи дар ояти 3 дар борааш гуфта мешавад, фаҳмонда мешавад. Худо мехоҳад, ки ҳама наҷот ёбанд (Ҳизқиёл 33:11; Юҳанно 3:16; 2Петрус 3:9). Бинобар ин мо бояд барои ҳамаи одамоне ки дар тамоми ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, дуо кунем.

Ин оят тарафҳои илоҳӣ ва одамии наҷотро равшан нишон медиҳанд. Нимаи якуми оят оиди он мегӯяд, ки одам бояд *наҷот дода шавад*. Ин ҷо феъл дар шакли мафъулӣ аст; одам наметавонад худро наҷот диҳад, танҳо Худо ӯро наҷот дода метавонад. Ин ҷанбаи илоҳии наҷот аст.

Барои наҷот ёфтан одам бояд ростиро дарк намояд. Худо одамонро ба хилофи хосташон наҷот намедиҳад. Ӯ осмонро бо одамоне ки Ӯро дӯст намедоранд, пур намекунад. Одам бояд назди он Касе ояд, ки гуфтааст: "Ман роҳ ва ростӣ ва зиндагӣ ҳастам". Ин ҷанбаи инсонӣ аст.

Аз ин гуфтаҳо аён мегардад, ки ин оят оиди наҷоти ҳамагонӣ намегӯяд. Агарчи Худо мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд, дар асл на ҳама наҷот меёбанд. Худо тамоман намехост, ки халқи Исроил 38 сол дар биёбон оворагардӣ кунад; аммо ин одамон ҳама корро карданд, то чунин шавад. Худо роҳ дод, ки ин ба амал ояд, аммо баракате ки Ӯ барои онҳо омода намуд, тамоман ин гуна набуд.

**2:5** Робитаи ин оят бо оятҳои гузашта на он қадар равшан аст. Аммо, ба ҳар ҳол, ин робита ҳаст: Худо ягона аст; пас, Ӯ Худои ҳамаи одамон аст ва ба ӯ бо дуо барои ҳамаи одамон муроҷиат кардан мумкин аст. Чун Худои ягона, Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд. "Агар Ӯ танҳо яке аз худоёни бисёр мебуд, танҳо оиди онҳое ғамхорӣ мекард, ки Ӯро мепарастанд" (Сток).

Сониян, дар байни Худо ва одамон як Миёнарав ҳаст. Ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ кас наметавонад бо ягон роҳи дигар назди Худо ояд. Миёнарав касе мебошад, ки байни ду тараф амал мекунад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд. "Танҳо ба воситаи Ӯ Худо дар симои Одам тавонист назди одамон бо бахшидани гуноҳҳо биёяд, ва аз ин рӯ ҳар кас, ҳатто гуноҳкори бадбахттарин метавонад танҳо назди Ӯ биёяд, ва рад карда намешавад".

Павлус мегӯяд, ки Миёнарав "Исои Масеҳи одамизод" аст. Албатта, ин ба идеяи табиати илоҳии Худованд Исо мухолифат намекунад. Барои дар байни Худо ва одамон миёнарав будан Ӯ бояд ҳам Худо ва ҳам одам мебуд. Худованд Исо ҳамеша Худо буд, пеш аз ибтидои ибтидоҳо, аммо сипас дар Байт-Лаҳм зода шуда, одам гардид. Ӯ намояндаи тамоми инсоният аст. Ҳам Худо ва ҳам одам будани Ӯ дар номаш ифода ёфтааст – "Масеҳ Исо". Номи "Масеҳ" оиди Ӯ чун оиди масҳшудаи Худо мегӯяд. "Исо" номест, ки Ӯ ҳангоми қабул намудани симои одамӣ гирифт.

Ин оят аниқ мегӯяд, ки на мард, на зан, на фаришта, на авлиё байни Худо ва одам миёнарав шуда наметавонанд. Байни Худо ва одамон танҳо як Миёнарав ҳаст, ва номи Ӯ Масеҳ Исо аст.

Дар ин оят мо пайвастшавии ҳақиқатҳои Таврот ва Инҷилро мебинем. "Худо ягона аст" – ҳақиқати Таврот аст, ки ба Исроил кушода шуда буд; "воситачӣ.... ягона аст" – ҳақиқати Инҷил аст, ки ба Ҷамоат ошкор карда шудааст. Ва чуноне ки Исроил ба парастиши бутҳо сар карда, аз ӯҳдаи масъулияти худ набаромад, ҷамоати расмӣ низ, ба худ миёнаравҳои дигар гузошта, аз ӯҳдаи масъулияти худ набаромад.

**2:6** Дар ин оят он ҳақиқат таъкид карда мешавад, ки Худо наҷот ёфтани ҳамаи одамонро мехоҳад. Ин дар он ифода ёфтааст, ки Масеҳ Исо Худро барои бозхарид намудани ҳамаи одамон фидия дод. Фидия муздест, ки дар ивази озод намудани шахс

дода мешавад. Ба он аҳамият диҳед, ки ин фидия барои ҳамаи одамон аст. Ин маънои онро дорад, ки меҳнати Худованд Исо дар салиб аз он иборат буд, ки ҳамаи гуноҳкоронро наҷот диҳад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки ҳама наҷот меёбанд, чунки кори наҷот хости одамро низ дар назар дорад.

Ин оят, ба монанди бисёр ҷойҳои Навиштаҳо, таълим медиҳад, ки марги Масеҳ хусусияти ивазкунандагӣ дошт. Ӯ ба хотири ҳамаи одамони ҷаҳон мурд. Саволи дигар – оё ҳама марги Ӯро қабул мекунанд, аммо факт ҳамин аст: меҳнати бозхаридкунандаи Масеҳ барои бозхарид намудани ҳамаи одамон кофист.

"Ин шаҳодатест, ки дар замони муайян дода шудааст" маънои онро дорад, ки гувоҳӣ оиди меҳнати бозхаридкунандаи Масеҳ дар замони худ пайдо шуд. Худи ҳамон Худо, ки мехоҳад, то ҳамаи одамон наҷот ёбанд, ба одамон барои ин имконият дод, муқаррар намуд, ки Хушхабар ба одамон дар давраи ҷамоат биёяд. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки Худо мехоҳад инсониятро баракат диҳад,

**2:7** Ҳамчун тасдиқи ниҳоии хоҳиши Худо, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд, Павлус мегӯяд, ки Худо ӯро чун фириста ва воиз ба бутпарастон фиристодааст. Дар он вақт, чун дар замони ҳозира, бутпарастон аксарияти аҳолии ҷаҳонро ташкил медоданд. Фириста барои муждарасонӣ ба ягон халқи алоҳида – масалан, ба яҳудиён фиристода нашуда буд, – балки барои муждарасонӣ ба бисёр халқҳое ки бутпараст буданд.

Павлус худро воиз, фириста ва муаллим меномад. Воиз ба маънои аслӣ он касест, ки Хушхабарро мавъиза мекунад. Вазифаҳои воизро васеътар тафсир кардан мумкин аст – ӯ на танҳо мавъиза мекунад, балки ҷамоатҳо бунёд мекунад, ҷамоатҳои маҳаллиро аз ҷиҳати тартибу интизом роҳнамоӣ мекунад, ва низ оиди кудрати Худованд Исои Масеҳ мегӯяд. Муаллим, албатта, Каломи Худоро чунон мерасонад, ки онро ҳама қабул карда тавонанд.

Барои он ки ба гуфтаҳояш аҳамияти иловагӣ диҳад, Павлус ба муаллимии бутпарастон даъват шудани худро бо ин суханон тасдиқ мекунад: "Дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ не". "Дар имон ва ростӣ" шояд нишон медиҳад, ки фириста хизмати муаллимии худро то чӣ андоза дуруст ва бовиҷдонона ба ҷо меоварад, аммо бештар эҳтимол дорад, ки онҳо оиди мундариҷаи (мазмуни) таълимоти ӯ мегӯянд. Дигар хел карда гӯем, ӯ ба бутпарастон он чиро, ки ба имон ва ҳақиқат дахл дорад, таълим медод.

**2:8** Дар ин ҷо оиди дуои умумӣ гуфта мешавад, ва мо бояд ба онҳое диққат диҳем, ки халқи Худоро дар дуо роҳбарӣ мекунад. Суханони аввалини оят – "пас хоҳиш дорам"

муносибати фаъолона ва дорои илҳоми илоҳии Павлусро ба ин нишон медиҳанд.

Дар матни ибтидоии Инҷил ба ҷои калимаи “мардон” калимаест, ки ба забони имрӯза ду хел тарҷума карда мешавад: “инсоният” ба маънои умумӣ, ва “мардон“. Дар ин оят маънои дуюм ифода ёфтааст. Панду насиҳати фириста аз он иборат аст, ки дуоро на занон, балки мардон гузаронанд.

Ибораи “дар ҳар ҷо” шояд маънои онро дорад, ки ҳар як масеҳии алоҳида дар ҳар вақт дуо карда метавонад, новобаста ба он ки дар куҷост. Аммо, азбаски дар ин оят сухан оиди дуо дар назди омма меравад, инро чунин бояд фаҳмид, ки дар ҳар ҷое ки масеҳиён барои дуо ҷамъ шаванд, ин чорабинии муҳимро бояд на занон, балки мардон гузаронанд.

Дар оят ҳамчунин оиди се сифат гуфта мешавад, ки дуокунандагон дар ҷамъомад бояд дорои онҳо бошанд. Аввалан, онҳо бояд дастони *пок*ро боло кунанд. Ин ҷо на ҳолати ҷисмонӣ, балки олами ботинии дуокунанда таъкид карда мешавад. Дастони ӯ бояд пок бошанд. Оиди дастон дар ин ҷо маҷозан гуфта мешавад, чунки тарзи зиндагии одам дар назар дошта шудааст. Дуюм, ӯ бояд “бе ғазаб” бошад. Ин ҷо оиди номунтазамии шахсоне гуфта мешавад, ки эҳсосоти худро идора накарда, дар ҷамоати маҳаллӣ мехезанд ва ба Худо аз номи ҷамъомадагон дуо мегӯянд. Ва ниҳоят, ӯ набояд шубҳа кунад. Шояд ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки ин шахс бояд бовар кунад, ки Худо метавонад дуоро шунавад ва ба он ҷавоб диҳад. Шояд, дар ҷамъбасти ин оят гуфтан мумкин аст, ки одам бояд муқаддасӣ ва покиро дар худ, муҳаббат ва осоиштагиро нисбати одамон ва боварии устуворро ба Худо зоҳир намояд.

## НАҚШИ ЗАН ДАР ҶАМЪОМАД (2:9-15)

**2:9** Сифатҳои шахсии мардонеро, ки дуоҳои оммавиро роҳбарӣ мекунанд, аз назар гузаронда, фириста ба он сифатҳое мегузарад, ки занро дар ҷамъомади имондорон тавсиф медиҳанд. Аввалан, дар ин ҷо гуфта мешавад, ки занон бояд шармгинона ва боисмат дар либоси хоксорона бошанд. Юҳаннои Зарсухан тавсифи либоси хоксоронаро медиҳад, ки ба он чизе илова намудан душвор аст:

Либоси хоксорона чист? Он либосе ки онҳоро пурра ва ба таври шоиста мепӯшонад ва дар он ороишоти беҳад назаррас нестанд; чунки як либос шоиста аст, дигараш бошад – не. Оё ҳангоми ба Худо дар дуо муроҷиат намудан мӯйро бофтан ва ороиш додан зарур аст? Магар шумо ба базм ё тӯйи арӯсӣ омадаед? Дар он ҷо чунин ороишот бамаврид мебуданд, аммо дар ин ҷо, дар ҷамоат, онҳо комилан ноҷоя мебошанд. Шумо ба ҷамоат барои он меравед, ки дуо гӯед, барои гуноҳҳоятон

бахшиш пурсед, ба Худованд муроҷиат намуда, барои хатоҳоятон узр хоҳед, Худовандро биҷӯед... Аз чунин риёкорӣ барканор бошед!”

Шармгинӣ кӯшиши барканор будан аз ҳамаи он чизҳоест, ки баъд аз боиси онҳо хиҷил шуда метавонед. Ин онро дар назар дорад, ки одам бояд хоксор ва бофаросат бошад. Боисматӣ маънои онро дорад, ки зан бояд дар зоҳири худ мӯътадил бошад. Аз як ҷиҳат, вай набояд бо либоси гаронбаҳо ва мӯд диққатро ҷалб намояд. Ин метавонад боиси парастиши нодаркор ва ё ҳатто ҳасад ва рашки онҳое гардад, ки бояд Худоро парастиш кунанд. Аз тарафи дигар, зан набояд бо либоси мӯдаш кӯҳна ва хеле бенур диққатро ҷалб намояд. Дар мавриди либос Навишта моро таълим медиҳад, ки эътидоли оқилонаро риоя кунем.

Занҳо бояд аз “мӯйбофӣ, ороишоти тиллоӣ, марворид ва либосҳои гаронбаҳо” канораҷӯӣ кунанд. Ҳатмӣ нест, ки мӯйбофӣ гуфта, мӯйи ғундошта ва шонакардаи комилан намуди хоксорона дошта дар назар дошта шуда бошад. Аниқтараш, ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки аз намоиши мӯйбофии мӯд ва диққатҷалбкунанда канораҷӯӣ кардан даркор аст. Ҷавоҳирот ё либоси гаронбаҳо низ чун воситаи худнамоӣ ҳангоми дуо комилан бемаврид аст.

**2:10** Дар ин оят ҷиҳатҳои мусбат, ки занон дар ҷамоат бояд дошта бошанд, зикр шудаанд. Барои зани тақводор ва парҳезгор корҳои нек чун ороиши ҳақиқӣ хизмат карда метавонанд. Чунин ороиш диққати одамонро аз мушоракат бо Худо ба дигар тараф ҷалб намекунад, балки онро мустаҳкамтар менамояд. Он одамонро на ба рашк ё ҳасад ба маънои бадтарини ин калимаҳо, балки ба пайравии намунаи нек водор менамояд.

Корҳои нек дар номаҳо мақоми муҳиме доранд (Нигаред ба “Муқаддима”). Онҳо дар ифодаи таълимот мувозинати зарурмро ташаккул медиҳанд.

**2:11** Агар сухан дар бораи иштироки зан дар ҷамъомадҳои ҷамоатӣ равад, вай бояд “дар хомӯшӣ бо камоли итоат” таълим гирад. Ин ғоя бо қисми боқимондаи Нома аз рӯи ин мавзӯъ хуб мувофиқат мекунад (1Қӯринтиён 11:3–15; 14:34–35).

**2:12** Суханони Павлус “ва ба зан иҷозат намедиҳам, ки таълим диҳад” бо илҳоми Худо гуфта шудаанд. Бар хилофи ақидаи баъзеҳо, ин ҷо сухан дар бораи хурофоти шахсии Павлус намеравад. Маҳз Худо мегӯяд, ки зан набояд дар ҷамоат хизмати таълимдиҳиро пеш барад. Истиснои ягона он аст, ки зан метавонад кӯдаконро (2Тимотиюс 3:15) ва духтарони ҷавонро (Титус 2:4) таълим диҳад. Ҳамчунин зан наметавонад “бар мард ҳукмрон шавад”. Ин маънои онро дорад, ки зан набояд бар мард фармонравоӣ кунад, балки бояд хомӯш бошад. Шояд илова кардан даркор аст, ки чунин дастур-ҳо набояд танҳо бо

хизматгузориҳои ҷамоатӣ маҳдуд шаванд. Принсипи муносибатҳои Худо бо одам аз он иборат аст, ки мард сарвар аст, зан бошад дар тобеият аст. Ин маънои онро надорад, ки зан одами пастсифат аст. Аммо агар зан бар мард ҳукмфармо шавад, ин нақши вай ба хости Худо мухолиф аст.

**2:13** Барои асоснок кардани ҳаққонияти ин суханон Павлус дар навбати аввал ба офарида шудани Одаму Ҳавво муроҷиат мекунад. Дар ин ҷо пайдарҳамии офариниш муҳим аст. Дар аввал Худо Одамро офарид ва баъд Ҳавворо. Мардро аввал офарида, Худо дар назар дошт, ки мард бояд сарвар бошад, касе бошад, ки роҳбарӣ мекунад, нуфуз ва қудрат дорад. Дар навбати дуюм офарида шудани зан маънои онро дорад, ки вай бояд дар итоати шавҳараш бошад.

**2:14** Далели дуюми ҳаққонияти чунин вазъият ба он дахл дорад, ки гуноҳ чӣ гуна ба ин ҷаҳон омад. Ба ҷои он ки бевосита ба Одам муроҷиат кунад, мор бо дурӯғ ва васвасаи худ назди Ҳавво омад. Мувофиқи дастуроти Худо, Ҳавво бояд ҳамаашро ба Одам хабар медод. Аммо ба ҷои ин вай ба шайтон имкон дод, ки вайро фиреб диҳад ва дар натиҷа ба гуноҳ афтид.

Дар ин робита қобили зикр аст, ки имрӯзҳо муаллимони дурӯғин одатан ҳангоме ки занон дар хона ва шавҳарон дар кор мебошанд, хона ба хона мегарданд.

Одам фиреб нахӯрда буд. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ дидаву дониста гуноҳ кард. Ақидае ҳаст, ки чун Одам дид, ки занаш аллакай гуноҳ кардааст, ягонагиро бо ӯ барқарор карданӣ шуд ва бинобар ин гуноҳ кард. Аммо дар Навишта бевосита ин тавр навишта нашудааст. Тасвир шудааст, ки Ҳавво фиреб хӯрд, аммо Одам не.

**2:15** Ин яке аз душвортарин оятҳои номаҳои шубонӣ аст, ва муҳаққиқон оиди маънои он бисёр маънидодҳо пешниҳод кардаанд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки мувофиқи ин оят, модари имондор ҳангоми бачазоӣ аз марг раҳо меёбад. Аммо мо медонем, ки ин тавр нест, чунки бисёр занҳои масеҳии самимӣ ва тақводор ҳангоми зоидан мурдаанд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки калимаи "бачазоӣ" ба зода шудани Масеҳ дахл дорад, ва занон ба воситаи Ӯ, ки зодаи зан аст, наҷот меёбанд. Аммо ин маънидод низ ба қадри кофӣ боварибахш нест, чунки мардон низ айнан ҳамин тавр наҷот меёбанд. Ба гӯшаи хотири касе намеояд, ки зан модар шуда, наҷоти ҷовидонӣ ба даст меоварад; он гоҳ вай наҷотро бо амалҳо ба даст меоварад.

Ҳамчун тафсири оқилонатарин мо маънидоди зеринро пешниҳод карда метавонем. Аввалан, дар ин ҷо тамоман на дар бораи наҷоти ҷони зан, балки оиди наҷоти мавқеи вай дар ҷамоат гуфта мешавад. Аз гуфтаҳои Павлус таассуроте ҳосил шуда метавонад, ки дар нақшаҳо ва мақсадҳои Худо барои зан ҳеҷ

накше пешбинӣ нашудааст, ва вай ба мавҷудияти ҳақирона маҳкум гардидааст. Аммо Павлус ин тавр нагуфтааст. Ҳа, зан дар ҷамоат ҳеҷ гуна хизмати оммавӣ карда наметавонад, аммо ин маънои онро надорад, ки вай умуман ҳеҷ гуна хизмати муҳимро ба ҷо оварда наметавонад. Худо муқаррар намуд, ки зан бояд хизмати тарбияи фарзандонро барои шараф ва ҷалоли Худованд Исои Масеҳ ба ҷо оварад. Модарони сарварони Ҷамоати масеҳии замони моро ба ёд оваред! Ин занҳо ҳеҷ гоҳ кӯшиш накардаанд, ки ҳуқуқи мавъиза намудани Хушхабарро ба даст оваранд, аммо фарзандонро барои хизмати Худо тарбия намуда, онҳо ҳақиқатан наҷоти мавқеи худ ва хизмати самаранокро дар назди Худо ба даст овардаанд.

“Агар зан таъиноти табиии зан ва модар будани худро қабул намуда, дар айни замон самари хислати муқаддаси масеҳиро зоҳир намояд, аз натиҷаҳои гуноҳ наҷот ёфта, дар ҷамоат мавқеи бонуфуз пайдо карда метавонад” (Лиллей).

Касе метавонад пурсад: “Занҳои ба шавҳар набаромада чӣ?” Ҷавоб чунин аст, ки дар ин оят муносибати умумии Худо ба занҳо ифода ёфтааст. Аксари занҳо ба шавҳар мебароянд ва фарзанд таваллуд мекунанд. Агар дар бораи дигарон гӯем, дар ҷамоат бисёр хизматҳои муҳими дигар пешбинӣ шудаанд, ки занҳо ба ҷо оварда метавонанд ва бо баромадҳо дар назди омма, роҳбарии ҷамоат ва ҳукмронӣ бар мардон муносибате надоранд.

Ба анҷоми ояти 15-ум диққат диҳед: “... ба воситаи бачазоӣ наҷот хоҳад ёфт, *агар дар имон ва муҳаббат ва қудсият бо исмат қоим бошад*”. Ин ваъда бешарт нест. Агар шавҳар ва зан самимона Масеҳро пайравӣ кунанд, Худовандро ситоиш кунанд ва фарзандонро дар тарси Худо тарбия намоянд, зан дар ҷамоат эътибор пайдо мекунад. Аммо агар волидон зиндагии бепарвоёнаи дунявӣ ба сар баранд ва фарзандонро ба таври даркорӣ тарбия кардан нахоҳанд, ин фарзандон барои Масеҳ ва Ҷамоат гумшуда хоҳанд буд. Дар ин маврид зан он эътибореро, ки Худо ба вай муқаррар кардааст, пайдо намекунад.

Бигузор ҳеҷ кас фикр накунад, ки хизматҳои занона хусусияти ҷудогона дошта, аҳамияташон ба андозаи хизмат барои миқдори зиёди одамон нест. Дуруст гуфта шудааст: “Дасте ки гаҳвораро меҷунбонад, ҷаҳонро идора мекунад”. Дар рӯзи меомада, дар доварии Масеҳ, танҳо садоқат арзиши бештар хоҳад дошт, ва онро ҳам дар хизмати хоксоронаи хонагӣ, ҳам ҳангоми баромад аз минбар зоҳир намудан мумкин аст.

Бинобар ин оиди наҷот дар ин ҷо на ба маънои инҷилӣ, балки ба маънои раҳоӣ аз беарзишии рӯҳонӣ гуфта шудааст. Зан бо манъи оятҳои 11 ва 12 ба беарзишии рӯҳонӣ маҳкум нашудааст, чунки дар ояти 15-ум Павлус ба вай имконияти хизмати хонагӣ – тарбияи фарзандони худро ошкор менамояд. Ва

ҳангоме вай баъд мебинад, ки онҳо минбаъд “дар имон ва муҳаббат ва қудсият бо исмат” зиндагӣ мекунанд, он гоҳ оиди солҳои бесамар зистааш ғам намехӯрад (Гай Кинг).

ДАРСИ СЕЮМ

# РОҲБАРОНИ ҶАМОАТ
**3:1-16**

## СИФАТҲОИ УСҚУФОН (3:1-7)

**3:1** Ҳозир мо ба "сухани дуруст"-и дуюм дар 1Тимотиюс мегузарем, ва он ба меҳнати усқуфон дар ҷамоати маҳаллӣ муносибат дорад. Бояд гуфт, ки усқуф масеҳии аз ҷиҳати таҷриба ва фаҳмиш болиғ мебошад, ки дар нигоҳ доштани муҳити зиндагии рӯҳонӣ дар ҷамоати маҳаллӣ ёрӣ медиҳад. Вай "бар мероси Худо" ҳукмронӣ намекунад, балки "ба рама намунаи ибрат нишон дода" хизмат мекунад (1Петрус 5:3).

Дар зиндагии имрӯза усқуф роҳбарест, ки фаъолияти якчанд ҷамоатҳои маҳаллӣ ва гоҳо миқдори зиёди онҳоро роҳбарӣ мекунад. Аммо дар Инҷил мо мебинем, ки дар як ҷамоат якчанд усқуфон буданд (Аъмол 14:23; 20:17; Филиппиён 1:1; Титус 1:5: Яъқуб 5:14).

Усқуф нигаҳбон аст. Калимае ки дар ин оят "усқуф" тарҷума шудааст, дар Аъмол 20:28 "нигаҳбон" тарҷума шудааст. Усқуф, ё нигаҳбон ва ё пир ҳамон якест. Касоне ки дар Аъмол 20:17 пресвитерҳо номида шудаанд, дар Аъмол 20:28 нигаҳбонон номида шудаанд (ниг. ҳамчунин Титус 1:5 ва 1:7). Пирон ва пресвитерҳо ҳамон як шахсон мебошанд, чунки калимаи "пир" бо калимаи юнонии "пресвитер" як аст. Ҳамин тариқ, калимаҳои "усқуф", "нигаҳбон", "пир", "пресвитер"-ро ба ҳамон як кас мансуб донистан мумкин аст.

Гоҳо калимаи "пир" барои тасвири шахси солхӯрда истифода мешавад, ва дар айни ҳол ҳатмӣ нест, ки вай аз ҷумлаи роҳбарони ҷамоат бошад, аммо дар аксари ҳолатҳо калимаи "пир" одамеро ифода мекунад, ки дар ҷамоати маҳаллӣ ғамхории шубониро оиди имондорон ба ҷо меоварад.

Дар Инҷил мо мебинем, ки усқуфон, ё пирон, дар ҳар як ҷамоати маҳаллӣ буданд (Филиппиён 1:1). Аммо наметавон гуфт, ки ҳеҷ як ҷамоат бе усқуфон вуҷуд дошта наметавонад. Аз Нома ба Титус аён аст, ки дар Крит ҷамоат буд, аммо дар он пирон (усқуфон) набуданд.

Танҳо Рӯҳи Поки Худо одамро пир (усқуф) карда метавонад. Ин аз Аъмол 20:28 аён аст. Рӯҳи Пок ба бародар хоҳиши ба дӯш гирифтани чунин масъулиятро сокин менамояд ва ӯро ба меҳнати муҳим омода мегардонад. Бародарро бо овоздиҳӣ ё дастгузорӣ усқуф кардан имкон надорад. Масъулияти ҳар як ҷамъомади алоҳида аз он иборат аст, ки пир (усқуф) будани маҳз ҳамин касро, ки бо хости Рӯҳи Пок чунин шудааст, эътироф намоянд (1Таслӯникиён 5:12-13). Ҳақиқатан, дар Нома ба Титус

мо оиди таъин кардани пирон мехонем, аммо он ҷо сухан дар бораи он меравад, ки Титус аз байни имондорон шахсони дорои сифатҳои пирро (усқуфро) ҷудо мекард. Он вақт масеҳиён Инҷилро дар шакли ҳозираи чопшуда, ки дар он оиди сифатҳои пир (усқуф) гуфта шудааст, надоштанд. Бинобар ин Павлус Титусро бо чунин маълумот назди имондорон равона кард ва ба ӯ дастур дод, то аз байни онҳо маҳз ҳамон касонеро интихоб кунад, ки Рӯҳи Пок бе шубҳа барои чунин кор тайёр кардааст.

Аз ҷониби имондорони ҷамоати маҳаллӣ чун пир эътироф шудани касе хусусияти ғайрирасмӣ дошта метавонад. Дар ин маврид масеҳиён кайҳо медонанд, ки киҳо дар асл пирони онҳо мебошанд, зеро он сифатҳое ки дар 1Тимотиюс 3 ва Титус 1 номбар шудаанд, ба ҳама намоёнанд. Аз тарафи дигар чун пир эътироф намудани касе хусусияти расмитар низ дошта метавонад. Имондорони ҷамоат метавонанд якҷоя ҷамъ шаванд, то дар байни аъзоёни ҷамоат ба таври расмӣ пиронро номбар кунанд. Дар чунин мавридҳо маросим аз он иборат аст, ки порчаҳои мувофиқи Навиштаҳо хонда, тафсир карда шаванд, ва баъд ба имондорони ин ҷамоат имкон дода шавад, ки онҳоеро, ки дар ҷамъомади худ пирон меҳисобанд, ба таври хаттӣ номбар кунанд; сипас номҳои номзадҳо ба таври расмӣ эълон карда мешаванд. Ва агар ҷамоат пирони ихтисосманд надошта бошад, ҷамъомад метавонад ба Худованд бо дуо муроҷиат намояд, то Ӯ дар оянда одамони сазоворро ба интихоби онҳо ҳозир намояд.

Дар Навишта гуфта нашудааст, ки дар ҳар як ҷамоати маҳаллӣ чанд нафар пирон бояд бошанд. Ин ба он вобаста аст, ки чанд нафар бародарон ба даъвати Рӯҳи Пок оиди ба ҷо овардани чунин хизмат ҷавоб мегӯянд.

Хизмати усқуфиро, на ҳамеша масъулияти калон дошта бошад ҳам, аксаран вазифаи ҷамоатӣ меҳисобанд. Аммо дар асл усқуфӣ хизмати хоксорона ба имондорон аст.

**3:2** Дар оятҳои 2-7 сифатҳое номбар шудаанд, ки бояд усқуф дошта бошад. Ва дар навбати аввал ин ҷо чор заминаи асосӣ ҷудо карда шудаанд: хислат, шаҳодат дар хонаи худ, қобилияти таълим додан ва таҷрибаи шахсӣ. Ҳар касе ки дар ҷамоати маҳаллӣ роҳбарии рӯҳониро ба дӯш дорад, бояд ҳамаи инҳоро доро бошад. Имрӯзҳо бисёр касон мегӯянд, ки ҳеҷ кас ба ин меъёрҳо пурра мувофиқат карда наметавонад. Аммо ин тавр нест. Чунин далел эътибори Навиштаҳои Покро суст мекунад ва ба касоне ки Рӯҳи Пок онҳоро ба ин хизмат тайёр накарда буд, роҳ мекушояд.

Аввалан, усқуф бояд беайб бошад. Дар тарҷумаи ҳозиразамон навишта шудааст: “Аммо нигаҳбон бояд чунон зиндагӣ ба сар барад, ки одамон барои маҳкум кардан асос надошта бошанд”. Яъне ӯ бояд ҳамеша чунон бошад, ки барои

дар ҳаққи ӯ ягон даъвои ҷиддӣ гуфтан сабабе набошад. Ин маънои онро надорад, ки ӯ бегуноҳ аст, балки дар назар дошта шудааст, ки агар ӯ гуноҳе содир кунад, бояд онро дар назди Худо ва одамон ислоҳ намояд. Ӯ бояд "на танҳо барои эътибори беайб доштан беайб бошад, балки онро сазовор гардад" (Сток).

Сониян, он бояд "соҳиби як зан" бошад. Ин талаботро ҳар хел фаҳмидан мумкин аст. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо гӯё гуфта шудааст, ки усқуф бояд зандор бошад, зеро агар дар байни имондорони ҷамоат мушкилоти оилавӣ ба миён оянд, марди безан барои ҳалли онҳо таҷрибаи кофӣ дошта наметавонад. Агар ин суханон маънои онро доранд, ки усқуф бояд зандор бошад, он гоҳ ояти 4 маънои онро дорад, ки ӯ бояд фарзандон ҳам дошта бошад.

Мувофиқи ақидаи дигар, суханони "шавҳари як зан" маънои онро доранд, ки агар зани аввали усқуф мурда бошад, ӯ ҳақ надорад бори дуюм зан гирад. Ин тафсир бофтаи хаёл аст ва муқаддасии муносибатҳои никоҳиро нодуруст инъикос менамояд. Чунин бармеояд, ки никоҳи дубора ба Худованд писанд намеояд.

Ақидаи сеюм оиди ин оят он аст, ки усқуф ҳам дар гузашта ва ҳам дар оянда дар зиндагии никоҳии худ бояд беайб бошад. Симои ахлоқии ӯ дар ҳеҷ кас набояд шубҳае бедор созад. Албатта, ҳамин тавр аст, новобаста ба он ки дар оят кадом маъно дар назар дошта шудааст.

Ва ниҳоят, бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки мувофиқи ин оят, усқуф набояд бисёр зан дошта бошад. Ҳозир чунин тафсир аҷиб метобад, аммо он сазовори диққати ҷиддист. Ҳатто ҳозир ҳам дар амалияи миссионерон мавридҳое мешаванд, ки мардони дорои занҳои бисёр наҷот меёбанд. Кӣ медонад, шояд ин мард дар лаҳзаи имон овардан 20 зан дошт. Ва дар охир ӯ хоҳиш мекунад, ки ӯро ғӯта дода, ба ҷамоати маҳаллӣ қабул намоянд. Миссионер дар чунин ҳолат бояд чӣ кунад? Касе ҷавоб медиҳад, ки ин шахс бояд аз 19 занаш ҷудо шавад. Аммо чунин рафтор мушкилиро бадтар мекунад. Саволе ба миён меояд, ки кадоме аз онҳоро сар диҳад. Ӯ ҳамаи онҳоро дӯст медорад, ба ҳамаашон сарпаноҳ медиҳад, Ғайр аз ин, агар ӯ чунин кунад, 19 зани бешавҳар бе воситаи рӯзгузаронӣ мемонанд, ва шояд бисёре аз онҳо барои таъмини ризқу рӯзии худ зиндагии гуноҳолудро сар мекунанд. Худо ҳеҷ гоҳ як гуноҳро ба воситаи пайдо шудани бисёр гуноҳҳои дигар, ки боз ҳам бадтар мебошанд, ҳал намекунад. Дар бисёр ҷамоатҳо миссионерон чунин масъалаҳоро бо ғӯта додан ва ба ҷамоат қабул намудани чунин касон ҳал мекунанд, аммо то даме ки онҳо занҳои бисёр доранд, имкон намедиҳанд, ки хизмати пирро (усқуфро) ба ҷо оваранд.

Калимаи “ҳушёр” маънои “мӯътадил”-ро дорад. Ин на танҳо ба хӯрдан ва пӯшидан, балки ба кӯшиши дар зиндагии рӯҳонӣ аз ифротҳо барканор будан дахл дорад.

“Боисмат” маънои онро дорад, ки ин шахс набояд сабукфикр бошад. Ӯ бояд ҷиддӣ, масъулиятшинос, зирак, боандеша бошад. Ӯ ҳамеша бояд дар ёд дошта бошад, ки “магасҳои мурда равғани атторро бадбӯй ва фосид мекунанд; андак ҳамоқат аз ҳикмат ва ҷалол гаронтар аст (Воиз 10:1).

Усқуф бояд хушодоб бошад, яъне дар кор ва рафтори худ покизакор ва муташаккил бошад.

“Меҳмоннавоз” маънои онро дорад, ки ӯ бояд ғарибонро дӯст дорад. Хонаи ӯ бояд ҳам барои наҷотнаёфтагон ва ҳам барои наҷотёфтагон кушода бошад, ва худи ӯ бояд кӯшиш кунад, ки барои ҳама касоне ки ба хонаи ӯ меоянд, баракат бошад.

Пир бояд таълим диҳад. Чунин талабот дар байни одамони фурӯтан душвориҳо ба миён меоварад.  Агар ӯ ба боздиди имондорони дорои мушкилиҳои рӯҳонӣ равад, бояд ба Навиштаҳо муроҷиат карда, хости Худоро нисбати вазъияти муайян фаҳмонда тавонад. Ӯ бояд “рамаи Худоро чаронда” (1Петрус 5:2) ва Навиштаҳоро истифода бурда тавонад, то ки ба пайравони таълимоти дурӯғин муқовимат кунад (Аъмол 20:29-31). Ин маънои онро надорад, ки усқуф ҳатман бояд бахшоиши муаллимро дошта бошад, аммо ба боздиди одамон рафта, ҳангоми хизматгузориҳои ҷамоатӣ баромад карда, ӯ бояд таълимоти имонро баён намудан, Каломи Ростиро фарқ кардан ва ба он пайравӣ намудан тавонад.

**3:3** Ибораи “на моили шаробнӯшӣ” хархашакунанда набуданро ифода мекунад. Ин ҷо Павлус хархашаҳо гуфта он чиро, ки дар натиҷаи майнӯшии зиёд ба миён меояд, дар назар дорад. Гуфтан мумкин аст, ки усқуф набояд касе бошад, ки майпараст аст ва дар натиҷаи ин майли худ сарчашмаи ҷангу ҷидолҳо мегардад.

“На ҷангара” маънои онро дорад, ки чунин одам набояд зидди атрофиён қувваи ҷисмониро ба кор барад. Масалан, агар вай хизматгорон ва ғуломон дошта бошад, набояд онҳоро занад.

Ифодаи “на тамаъкор” дар ҳамон ҷой дар матнҳои ибтидоии Инҷил вонамехӯрад.

Пир бояд “сокит” бошад, ё дигар хел гӯем, ботамкин бошад. Дар хизмати ӯ ба ҷамоат алабатта сабр, таҳаммул, гузашт кардан даркор мешаванд.

Ӯ бояд сулҳҷӯ бошад, яъне набояд бо сабабҳои ночиз асабӣ шавад. Ӯ бояд дар ҳифзи ҳуқуқҳои худ исрор накунад ва ботаҳаммул ва мулоҳизакор бошад.

Ускуф бояд зарпараст набошад, яъне пулро дӯст надорад. Ӯ бояд пеш аз ҳама оиди зиндагии рӯҳонии имондорон фикр кунад ва диққати худро ба манфиати моддӣ равона накунад.

**3:4** Барои он ки шахсро чун нигаҳбон эътироф намоянд, ӯ бояд дар хонаи худ соҳиби хуб бошад, фарзандонро дар итоаткорӣ тарбия карда тавонад. То даме ки фарзандон дар хонаи ӯ мебошанд, чунин сифат дар муносибат бо фарзандон бояд ба ӯ хос бошад. Баъди он ки онҳо калон шуда, аз хонаи падару модар мераванд ва оилаҳои худро бунёд мекунанд, чунин тобеияти фарзандон ба волидон дигар нахоҳад буд.

Агар одам дар хонааш соҳиби хуб бошад, на ба дағалӣ роҳ медиҳад ва на ба сустмуҷозии бемаврид.

**3:5** Мундариҷаи ин оят пурра равшан аст. Агар шахс хонаи худро ба таври даркорӣ идора карда натавонад, чӣ гуна оиди ҷамоати Худо ғамхорӣ карда метавонад? Дар оилааш ба ӯ лозим меояд, ки доираи камшумори одамонро идора кунад, ҳамаи онҳо наздикони ӯянд ва аксарашон аз ӯ хеле ҷавонтаранд. Аммо дар ҷамоат одамон бештар буда, хислатҳояшон боз ҳам бештар фарқ мекунанд. Ва аён аст, ки агар шахс гурӯҳи хурди одамонро идора карда натавонад, алахусус ҷамъомади калонро идора кардан наметавонад.

Ин оят барои он муҳим аст, ки меҳнати пирро тасвия медиҳад. Ин меҳнат аз он иборат аст, ки *дар бораи Ҷамоати Худо ғамхорӣ кунад*. Аҳамият диҳед, ки ин ҷо “идора кардан”-и Ҷамоати Худо гуфта нашудааст. Ҳар боре ки мо дар Инҷил калимаи “идора кардан”-ро дар робита бо пирон мебинем, метавон бо боварӣ гуфт, ки ин тарҷумаи нодуруст аст. Пир фармонраво нест, балки касест, ки оиди одамон ғамхорӣ мекунад чуноне ки шубон оиди гӯсфандон ғамхорӣ мекунад.

Истилоҳи “ғамхорӣ кардан” дар Инҷил боз танҳо як бори дигар дар қисса оиди сомарии некдил вомехӯрад (Луқо 10:34). Ин сомарӣ ба қурбонии ғоратгарон ҳамон гуна пурсабрӣ, ҳамдардӣ ва ғамхорӣ зоҳир намуд, ки пир бояд нисбати Ҷамоати Худо зоҳир намояд.

**3:6** “Аз ҷумлаи навимонон набошад”. Касе ки ба қарибӣ масеҳӣ шудааст, чун ҳар шахси дар имон noболиғ, ускуф шуда наметавонад. Ин меҳнат шахси пуртаҷриба ва дар имон фаҳмиши зиёд доштаро металабад. Хатар ин ҷо дар он аст, ки агар навимон ногоҳ ускуф шавад, метавонад мағрур гардида, “зери ҳукми иблис афтад”. Ин суханон маънои онро надоранд, ки шайтон чунин одамро маҳкум мекунад. Дар ин оят оиди он маҳкумияте гуфта мешавад, ки худи шайтон аз боиси мағрур шудан дучор гардидааст. Ӯ мартабаи баландро, ки тамоман сазовораш набуд, орзу мекард, ва дар натиҷа фурӯ ғалтид.

**3:7** Усқуф шахсест, ки бояд дар ҷамъомади худ сазовори эҳтиром бошад. “Аз ҷониби онҳое ки дар берунанд” – дар ин ҷо атрофиёни беимон дар назар дошта шудаанд. Бе чунин гувоҳии нек ӯ албатта ҳадафи таънаҳо ва “доми иблис” мегардад. Таънаҳо ҳам аз ҷониби имондорон, ҳам аз ҷониби беимонон буда метавонанд. “Доми иблис” он домест, ки шайтон барои ҳамаи касоне тайёр мекунад, ки зиндагиашон ба эълони имонашон мувофиқат намекунад. Ва ҳангоме ки касе ба чунин дом меафтад, шайтон ӯро дар масхара, нафрат ва маҳкумият нигоҳ медорад.

## СИФАТҲОИ ДИАКОНҲО ВА ДИАКОНЗАНҲО (3:8-13)

**3:8** Дар ин ҷо фириста оиди сифатҳое мегӯяд, ки диаконҳо ва диаконзанҳо доро бошанд. Дар Инҷил диакон маънои ходимро дорад. Ба маънои умумӣ диакон ходимест, ки барои ҳалли масъалаҳои муваққатӣ, камаҳамияти ҷамоати маҳаллӣ масъулият дорад, дар ҳоле ки усқуф барои ҳолати умумии рӯҳонӣ ҷавобгар аст. Чунин фаҳмиши вазифаҳои диаконҳо асосан аз он ҳақиқатҳои дар Аъмол 6:1-5 баёншуда бармеояд. Он ҷо гуфта шудааст, ки ба одамон масъулияти дар ҷамоат ба бевазанон расондани ёрии молиявии ҳаррӯзаро вомегузоштанд. Дар ин порча мо худи калимаи “диакон”-ро намебинем, аммо феъле ки мо дар ояти 2 мебинем, оиди ҳамаи ин мегӯяд: “... Шоиста нест, ки мо каломи Худоро тарк карда, ба хизмати таъмини ризқу рӯзӣ машғул шавем (яъне хизмати диаконҳоро ба ҷо оварем)”.

Сифатҳое ки бояд диаконҳо доро бошанд, ба сифатҳои усқуфон хеле монанданд, агарчи на он қадар қатъӣ мебошанд. Як фарқ ба чашм мерасад: аз диакон талаб карда намешавад, ки лаёқати таълим додани одамонро дошта бошад.

Диаконҳо бояд бовиҷдон бошанд, пас бояд сазовори эҳтиром бошанд. Онҳо набояд дузабон бошанд, яъне ба баъзеҳо як чизро гӯянд ва ба дигарон чизи дигарро, ҳамчунин набояд имрӯз як чизро гӯянд ва пагоҳ чизи дигарро. Рафтори онҳо бояд мантиқӣ бошад.

Диаконҳо набояд майпараст бошанд. Инҷил барои табобат ё чун нӯшокӣ истеъмол намудани майро дар ҷойҳое ки обро аз боиси ифлос буданаш нӯшидан хатарнок аст, манъ намекунад. Аммо ҳатто агар истеъмоли мӯътадили май манъ набошад ҳам, имондорон бояд дар ин тарафи зиндагӣ низ дар назди худ намунаи мусбатро бинанд. Агар дар баъзе кишварҳо масеҳиён май нӯшида, дар айни замон назди беимонон гувоҳони хуб буда тавонанд, дар кишварҳои дигар беимон масеҳии май менӯшидаро дида, пешпо хӯрда метавонад. Бинобар ин, агар истеъмоли май пурра манъ набошад ҳам, он бояд мӯътадил бошад.

Диаконҳо набояд манфиатҷӯй бошанд. Чуноне ки аллакай гуфта будем, яке аз вазифаҳои диакон пулҳои ҷамоати маҳаллиро дар ихтиёр доштан аст. Агар ӯ пули зиёдро дӯст медошта бошад, ин вазифа барояш васвасаҳои сахт дорад. Ӯ метавонад дар он сарчашмаи бойшавии худро бинад. Чуноне ки Эрдман гуфтааст: "Яҳудо хазинадори охирин набуд, ки Хоҷаи худро дар ивази якчанд тангаи нуқра фурӯхт".

**3:9** Диаконҳо бояд сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо набояд таълимотро аз зиндагӣ ҷудо кунанд. Онҳо бояд на танҳо зиндагиро донанд, балки аз рӯи он зиндагӣ кунанд. Сирри имон тасвири имони масеҳӣ аст. Бисёр таълимотҳои масеҳӣ дар замони Паймони Куҳан сирр буданд, аммо сипас аз ҷониби фиристаҳо ва пайғамбарони Инҷил ошкор карда шуданд. Барои ҳамин ҳам ин ҷо калимаи "сирр" истифода мешавад.

**3:10** Диаконҳоро, ба монанди усқуфон, аввал санҷидан даркор аст. Ин маънои онро дорад, ки муддате онҳоро мушоҳида карда, шояд баъзе хизматҳои хурдро дар ҷамоати маҳаллӣ супурдан даркор аст. Ва агар дар чунин кори хурд нишон диҳанд, ки ба онҳо боварӣ кардан мумкин аст ва ҳама корро софдилона ба ҷо меоваранд, ба онҳо хизматҳои дорои масъулияти бештарро супурдан мумкин аст. Бори дигар бояд ба он диққат дод, ки дар матни ибтидоии Инҷил калимаи "диаконӣ" вонамехӯрад, балки калимаи "хизмат" ҳаст. Танҳо навишта мешавад, ки "ба хизмат роҳ дода шавад". Чуноне ки аллакай гуфта будем, ҳангоме сухан дар бораи усқуфон мерафт, дар навбати аввал на оиди идоракунии ҷамоат, балки оиди хизмат ба Худованд ва халқи Ӯ фикр кардан даркор аст.

Агар одам ҳам дар зиндагии шахсӣ ва ҳам дар фаъолияти ҷамъиятӣ беайб бошад, хизмати диаконро ба ҷо оварда метавонад. "Беайб" дар ин оят пеш аз ҳама ба он сифатҳое дахл дорад, ки мо ҳозир дар бораи онҳо гуфтем.

Ин ҷо зикр кардани баъзе вазифаҳое бамаврид хоҳад буд, ки хизмати диаконҳо дар ҷамоати маҳаллӣ ҳисобидан мумкин аст. Маълум аст, ки ба чунин вазифа хизмати хазинадор, котиб, директори мактаби якшанбегӣ дохил мешавад.

**3:11** Дар тарҷумаи синодӣ, аз афташ, сухан дар ин оят дар бораи занҳои диаконҳо ё занҳои усқуфон ва диаконҳо меравад. Занони ин шахсоне ки хизмати масъулиятнокро дар ҷамоат ба ӯҳда доранд, худашон бояд занҳое бошанд, ки бо намунаи худ чун гувоҳии масеҳӣ хизмат кунанд, аз ҷумла, ба шавҳарон дар хизмати муҳимашон ёрӣ диҳанд.

Аммо дар тарҷумаи ҳозиразамон мо мехонем: "Айнан ҳамин хел занон-ёрдамчиён дар ҷамоат бояд сазовори эҳтиром бошанд..." Аз Нома ба Румиён 16:1 мо медонем, ки чунин занон

дар ҷамоати ибтидоӣ буданд, аз ҷумла, Фубӣ дар ҷамоати Канхария диаконзан буд. Оиди он ки ин занҳо маҳз кадом хизматро ба ҷо меоварданд, мо дар Румиён 16:2 мебинем: Павлус мегӯяд, ки Фубӣ "ба бисёр касон ва ба худи ман низ мададгор буд".

Умуман ин оятро ҳар гуна фаҳмем ҳам, як чиз аён аст: ин занон бояд боинсоф бошанд. Чуноне ки мо аллакай пештар зикр карда будем, ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд сазовори эҳтиром ва оқил бошанд. Онҳо набояд тӯҳматчӣ бошанд, ки танҳо оиди он фикр мекунанд, то оиди дигарон ғайбат кунанд, маълумоти бардурӯғро расонда, обрӯи касеро доғдор кунанд. Онҳо бояд ҳушёр, ё мӯътадил бошанд, яъне худдорӣ карда тавонанд.

Ва ниҳоят, онҳо бояд дар ҳама кор содиқ бошанд. Ва ин на танҳо ба имони масеҳӣ, балки ба бовариноки, дурусткорӣ ва сазовори эҳтиром будан дахл дорад. Онҳо бояд сазовори боварӣ бошанд, яъне асрори оилавӣ ва шахсии дигаронро нигоҳ дошта тавонанд.

**3:12** Ин ҷо Павлус боз ба сӯҳбат оиди диаконҳо бармегардад. Дар навбати аввал ӯ мегӯяд, ки диакон бояд шавҳари як зан бошад. Тафсирҳои гуногуни ин суханонро мо ҳангоми таҳлили ояти 2-юми ҳамин боб пешниҳод карда будем. Танҳо зикр кардан муҳим аст, ки диаконҳо, чун усқуфон, бояд дар зиндагии оилавии худ беайб бошанд.

Диакон бояд ҳамчунин бояд фарзандон ва хонадони худро идора карда тавонад. Инҷил ишора мекунад, ки набудани чунин лаёқат далели норасоии хислати масеҳӣ аст. Чунин одамон набояд фармонраво бошанд, балки гап дар он аст, ки фарзандони ин шахсон бояд ҳам ба онҳо ва ҳам ба ҳақиқат итоаткор бошанд.

**3:13** Дар яке аз тарҷумаҳо мехонем: "Зеро онҳое ки чун диакон хуб хизмат карда бошанд, барои худ мартабаи олӣ ... муҳайё мекунанд..." Боз ҳам ба он диққат диҳед, ки калимаи "диаконӣ" нест. Ин ҷо танҳо оиди хизмати хуб гуфта мешавад.

Аҳамияти ин оятро қиссаҳо оиди Филиппус ва Истефанус хуб тасвир менамоянд. Дар Аъмол 6:5 ин ду шахс дар қатори ҳафт диаконҳои таъиншуда зикр мешаванд. Хизмате ки онҳо ба он таъин шуда буданд, аз он иборат буд, ки ёрии молиявӣ ба бевазанонро дар ӯҳда доштанд. Азбаски ин вазифаро содиқона ба ҷо меоварданд, аз афти кор, Рӯҳи Худо ба онҳо имкон дод, ки хизмати масъулиятноктарро ба ҷо оваранд, зеро чуноне ки мо баъдтар дар Аъмол мехонем, Филиппус дертар воиз шуда хизмат менамуд, Истефанус бошад муаллимӣ мекард. Чун диаконҳо хуб хизмат намуда, онҳо дар чашмони имондорони ҷамоати маҳаллӣ таҳсин ва эҳтиром ба даст оварданд. "Касе ки дар хизмати худ ҳатто дар чизи хурдтарин содиқ аст, дарҳол бовари атрофиёнро

ба даст меоварад, ва ба ӯ боварӣ мекунанд, ходими ҳақиқӣ меҳисобанд” (Ҷон Уилямс).

Боз гуфтан мумкин аст, ки Филиппус ва Истефанус дар имон ба Исои Масеҳ хеле боҷуръат буданд. Ин, бе шубҳа, маънои онро дорад, ки ба онҳо озодии зиёде дода шуда буд, то оиди Масеҳ гувоҳӣ диҳанд, таълим диҳанд, дуо гӯянд. Хусусан ин дар он баромади Истефанус, ки пеш аз марги риёзаткашонаи ӯ буд, хуб аён аст.

## МАҚСАДИ ИН ДАСТУРҲО (3:14-16)

**3:14** Фириста ҳамаи инро бо умеди зудтар ба дидори Тимотиюс расидан навишта буд. Ҷонишини ишоратии “инро” на танҳо ба он чи пеш аз ояти додашуда навишта шудааст дахл дорад, балки низ ба он чи баъд аз он сабт ёфтааст.

**3:15** Фириста аз эҳтимол дур намедонад, ки нақшаҳояшро мавқуф гузоштан лозим меояд, ва шояд, ӯ ҳеҷ гоҳ ба Эфсӯс наравад. Дар асл мо намедонем, ки оё ӯ дар Эфсӯс бо Тимотиюс вохӯрда тавонист ё не.

Павлус мехост (агар ба наздикӣ ба Эфсӯс рафта натавонад), то Тимотиюс донад, ки “чӣ гуна дар хонаи Худо рафтор намояд”. Ин ҷо на танҳо оиди он гуфта мешавад, ки Тимотиюс чӣ гуна рафтор кунад, балки умуман одамон бояд чӣ гуна рафтор намоянд.

Дар оятҳои гузашта Павлус оиди рафтори усқуфон, диаконҳо ва занон гуфта буд. Умуман вай фикреро баён менамуд, ки масеҳиён бояд парҳезгорона зиста, барои ҷаҳон гувоҳони нек бошанд.

Хонаи Худо гуфта, дар ин ҷо Ҷамоати Худои зинда, рукн ва бунёди ҳақиқат дар назар дошта шудааст. Дар Таврот Худо дар хаймаи ҷомеъ ва дар парастишгоҳ сокин буд, аммо дар Инҷил Ӯ дар Ҷамоат сокин аст. Оиди Ҷамоат чун оиди Ҷамоати зиндаи Худо гуфта мешавад, ва ин худ аллакай тазодест бо парастишгоҳ ва бутҳои беҷони он.

Ҷамоат дар ин ҷо ҳамчунин рукн ва бунёди ҳақиқат номида мешавад. Рукн на танҳо барои он истифода мешуд, ки сохторро устувор нигоҳ дорад, балки аксар вақт онро дар маркази бозор гузошта, ба он ҳар гуна эълонҳоро мечаспонданд. Чунин рукн гӯё эълон мекард. Ҷамоатро рукн номида, шояд Павлус маҳз ҳаминро дар назар дошт. Ҷамоат дар замин он органест, ки Худо барои эълон намудан ва нишон додани ҳақиқати Худ гузоштааст.

Ҷамоат ҳамчунин бунёди ҳақиқат аст. Ин ҷо дарҳол таҳкурсӣ ё асоси бино ба ёд меояд. Ва Ҷамоат чун биное ба назари мо мерасад, ки ҳақиқати Худоро ҳимоя мекунад ва дастгирӣ менамояд.

**3:16** Бояд эътироф намуд, ки ин ояти хеле душвор аст. Онро бо оятҳои гузашта алоқаманд кардан душвор аст. Ақидае ҳаст, ки ин ҷо моҳияти он ҳақиқате ки Ҷамоат рукн ва бунёди он аст, баён гардидааст (ояти 15). Дигарон чунин меҳисобанд, ки дар ин оят намуна ва қувваи тақводорӣ аст, ки ба қавли Павлус, қисми таркибии рафтори дуруст дар хонаи Худо аст.

> “Бисёр вақт ин оятро чунон иқтибос меоваранд ва тафсир медиҳанд, ки гӯё дар он оиди сирри Худо, ё сирри Шахсияти Масеҳ гуфта шудааст, Аммо дар ин ҷо оиди сирри тақводорӣ ё сирре гуфта шудааст, ки сарчашмаи тақводорист – сарчашмаи илоҳии ҳамаи он чи дар инсон тақводорӣ номидан мумкин аст... Тақводорӣ аз дониши таҷассум, марг, растохез ва болошавии Худованд Исои Масеҳ бармеояд... Маҳз ҳамин тавр одам Худоро мешиносад, ва маҳз ҳамин тавр аз шинохтани Худо дар одам тақводорӣ сар мешавад” (Д.Л. Дарбӣ).

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки ин сирр бузург аст, ӯ пурасрорӣ ё даркнашавандагиро тамоман дар назар надорад; ӯ мегӯяд, ки ҳақиқати пеш номаълум оиди Шахсият ва меҳнати Худованд Исо ҳайратовар ва олидараҷа аст.

Дар тарҷумаи синодӣ гуфта шудааст: “Худо дар ҷисм зоҳир шуд”, аммо бисёрии тарҷумонон бар он ақидаанд, ки дар ин ҷо “Ӯ дар ҷисм зоҳир шуд” хондан даркор аст. Ва ин суханон ба Худованд Исо ва аз ҷумла ба таҷассуми Ӯ муносибат доранд. Тақводорӣ бори аввал вақте дар ҷисм зоҳир карда шуд, ки Наҷотдиҳанда дар Байт-Лаҳм зода шуд.

Аммо бо суханони “дар Рӯҳ тасдиқ гардид” чӣ дар назар дошта шудааст? Оё ин маънои онро дорад, ки Ӯ “Худро дар рӯҳи инсонии Худ тасдиқ намуд”? Ё ин маънои онро дорад, ки Ӯ “дар Рӯҳи Пок тасдиқ гардид“? Мо ин калимаро ба таври зерин мефаҳмем. Ҳангоми ғӯтаи масеҳӣ (Матто 3:15-17), дигаргуншавӣ (Матто 17:5), растохез (Румиён 1:3-4) ва болошавӣ (Юҳанно 16:10) Ӯ аз тарафи Рӯҳи Пок тасдиқ гардида буд.

Худованд Исоро фариштаҳо ҳангоми зодашавӣ, ба васваса дучор шудан, дуои Ӯ оиди коса дар боғи Ҷатсамонӣ, растохез ва болошавии Ӯ дида буданд.

Аз рӯзи Пантикост оиди Ӯ дар байни ғайрияҳудиён мавъиза намуданро сар карданд. Ҳақиқати Ӯ на танҳо барои халқи яҳудӣ буд, он дар дуртарин гӯшаҳои замин эълон карда шуд.

“Дар ҷаҳон бо имон қабул карда шуд” оиди он мегӯяд, ки намояндагони қариб ҳамаи халқҳо ба Исои Масеҳ бовар карданд. Аҳамият диҳед, ки ин ҷо “аз ҷониби ҷаҳон бо имон қабул карда шуд” гуфта нашудааст. Агарчи Хушхабар оиди Ӯ дар тамоми гӯшаҳои замин эълон карда шудааст, онро на ҳама қабул карданд.

“Дар ҷалол боло бардошта шуд”; дар ин ҷо, бе шубҳа, оиди ба осмон боло шудани Ӯ баъди дар замин анҷом ёфтани меҳнати

кафораткунандаи Ӯ, ва низ оиди ҳолати ҳозираи Ӯ дар осмонҳо сухан меравад.

Баъзе тафсиркунандагон ҳамаи воқеаҳои дар ин ҷо зикршударо ба тартиби хронологӣ ҷойгир карданӣ мешаванд. Масалан, онҳо мегӯянд, ки “дар ҷисм зоҳир шуд” ба таҷассум дахл дорад; “Худро дар Рӯҳ тасдиқ намуд” ба марг, дафн ва растохези Масеҳ дахл дорад; “ба василаи фариштаҳо дида шуд” ба болошавии Ӯ дахл дорад; “дар миёни халқҳо мавъиза карда шуд” ва “дар ҷаҳон бо имон пазируфта шуд” – он воқеаҳое мебошанд, ки пас аз болошавии Ӯ рӯй додаанд; ва ниҳоят, “дар ҷалол боло бароварда шуд” ба рӯзи меомада дахл дорад, ки он вақт ҳамаи онҳое ки Ӯ бозхарид намудааст, аз мурдагон бармехезанд, дар як ҷой ҷамъ мешаванд ва ҳамроҳи Ӯ дар ҷалол боло мешаванд. Ва танҳо пас аз ин, мувофиқи ин ақида, сирри тақводорӣ пурра ошкор мегардад.

Аммо мо ҳеҷ асосе надорем чунин фикр кунем, ки ин тартиб бояд хронологӣ бошад.

Шояд илова кардан меарзад, ки мувофиқи ақидаи бисёриҳо, дар ин оят қисми як суруди масеҳӣ мебошад:

Ӯ дар замин дӯстам дошт,
чун мурд, маро наҷот дод;
Ҳангоме дафн карда шуд,
гуноҳҳоямро дур кард;
Ӯ бо растохези Худ
абадан сафедам кард;
Ӯ боре хоҳад омад
– оҳ, ин чӣ рӯз хоҳад буд!

ДАРСИ ЧОРУМ

# ХОДИМИ НЕКИ ИСОИ МАСЕҲ
**4:1-16**

## ОГОҲӢ ОИДИ ОН, КИ ОДАМОН ДАР ОЯНДА АЗ ИМОН РӮ МЕГАРДОНАНД (4:1–5)

**4:1** Рӯҳ ҳақиқатҳои Худоро бо ду роҳ ифода менамояд. Аввалан, он чи Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ба худи ӯ ба воситаи ваҳйи илоҳӣ дода шуда буд. Ғайр аз ин, дар Навиштаҳо, ва пеш аз ҳама дар бисёр ҷойҳои Инҷил гуфта шудааст, ки дар замонҳои охир бисёр касон аз имон дур мешаванд.

"Дар замонҳои охир" дар асл маънои "дар замонҳои дертар"-ро дорад. Яъне он давраҳое ки баъди навишта шудани ин нома фаро мерасанд.

"Баъзе касон  аз имон бармегарданд". Ибораи "баъзе касон" барои Номаи якум ба Тимотиюс хос аст. Он чи дар номаи якум чун оиди ақаллият гуфта мешавад, дар номаи дуюм чун аксарият зикр карда мешавад. Аз имон баргаштани ин одамон маънои онро надорад, ки онҳо замоне наҷот ёфта буданд – фақат ин ки онҳо худро масеҳиён меҳисобиданд. Онҳо оиди Худованд Исои Масеҳ чизе медонистанд, шунида буданд, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи ягона аст. Муддате онҳо гумон мекарданд, ки Ӯро пайравӣ мекунанд, аммо дар охир аз имон баргаштанд.

Ин порчаро хонда, кас оиди пайдо шудани мазҳабҳо дар замони мо фикр мекунад. Дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани онҳо дар ин ҷо хеле аниқ тасвир ёфтааст. Дар бисёрии ҳолатҳо касоне пайравони ин мазҳабҳо мешаванд, ки замоне дар ҷамоатҳои ба ном масеҳӣ буданд. Шояд замоне ин ҷамоатҳо имонро мавъиза менамуданд, аммо баъд фақат оиди некӯаҳволӣ ғамхорӣ менамуданд. Муалимони мазҳабҳо аз ин истифода бурда, мазмуни барояшон писанд меомадаро пешниҳод мекардагӣ шуданд, ва ҳамин тариқ, онҳое ки худро масеҳӣ меҳисобиданд, дарҳол ба он дода шуданд.

"...ба арвоҳи фиребанда ва таълимоти шайтонӣ гӯш хоҳанд андохт". Ибораи "арвоҳи фиребанда" дар ин ҷо маънои маҷозӣ дошта, муаллимони дурӯғинро ифода мекунад, ки гирифтори рӯҳҳои бад буда, одамони фориғболро фиреб медиҳанд. Калимаҳои "таълимоти шайтонӣ" на таълимот оиди шайтонҳо, девҳо, балки таълимоте мебошанд, ки асосашон дар олами девҳост.

**4:2** Калимаи "риёкорӣ" ба маънои аслӣ "ниқоб пӯшидан"-ро ифода мекунад. Ин барои мазҳабҳои дурӯғин хеле хос аст.  Онҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд симои ҳақиқии худро пинҳон кунанд,

зеро намехоҳанд, то одамон он таълимотеро, ки дар асл пайравӣ мекунанд, донанд. Онҳо баъзе ҷойҳои Китоби Муқаддас ё ҳатто сурудҳои масеҳиро барои пардапӯш намудани мақсадҳои худ истифода мебаранд.

Онҳо на танҳо риёкор, балки дурӯғгӯй низ ҳастанд. Таълимоти онҳо ба ҳақиқати Каломи Худо мувофиқат намекунад; онҳо онро дидаву дониста таҳриф мекунанд ва одамонро фиреб медиҳанд.

Виҷдони онҳо бо оҳани тафсон сӯзонда шудааст. Шояд замоне виҷдони онҳо ҳассос буд, аммо онҳо он қадар онро хомӯш мекарданд ва зидди нур гуноҳ мекарданд, ки он тамоман дағал гардида, ҳассосиятро гум кард. Онҳо тамоман парвое надоранд, ки он идея (ки нодуруст буданашро худашон ҳам медонанд) бо каломи Худо ҳеҷ умумият надорад.

**4:3** Ин ҷо оиди ду таълимоти шайтонӣ гуфта мешавад. Аввалинаш аз он иборат аст, ки зан гирифтан мумкин нест. Ин ба каломи Худо мухолифат дорад. Худи Худо анъанаи никоҳро муқаррар намуд – ҳанӯз пеш аз он ки гуноҳ ба ин ҷаҳон ояд. Дар худи никоҳ ҳеҷ чизи нодуруст нест, ва ҳангоме ки муаллимони дурӯғин оиладор шуданро манъ мекунанд, бо ин корашон зидди муқаррароти Худо мебароянд.

Барои тасвир намудани ин таълимот дар ҷаҳони динии имрӯза мо метавонем ақидаҳои зеринро зикр намоем: 1) ақида оиди он ки ходимони Худо набояд оиладор шаванд; 2) ақидаи баъзе намояндагони гурӯҳҳои симиёӣ оиди он ки никоҳ робитаи одамро бо олами рӯҳӣ барҳам мезанад; ва 3) таълимоти як мазҳаб, ки мегӯяд: “то нафаҳмед, ки Худо Падар аст, никоҳ вуҷуд хоҳад дошт... Никоҳ, ки замоне дар байни мо ҳақиқати воқеӣ буд, бояд барои ҳамеша моро тарк намояд, ва одам бояд ҷовидониро дар принсипҳои бештар рӯҳонӣ ҷӯяд” (Зане ки ин сатрҳоро навиштааст, се бор оиладор шуда буд).

Таълимоти дуюми шайтонӣ аз талаби гӯшт нахӯрдан иборат аст. Бисёр динҳои шарқӣ куштани ҳама гуна ҳайвонотро манъ мекунанд, чунки пайравони ин таълимотҳо ба таносух бовар мекунанд, яъне ба он ки ҷони одам баъди марг метавонад баргашта, ба ягон ҳайвон ё ҷонзоди дигар сокин шавад.

Дар китоби Пембер “Асрҳои аввали замин” (саҳ. 372-376) фикрҳои шавқоваре оиди он зикр гардидаанд, ки дар 1Тим. 4 спиритизм то чӣ андоза аниқ тасвир шудааст.

“Бо шукргузорӣ” дар ин оят ҳам ба никоҳ ва ҳам ба хӯроки гӯштӣ дахл дорад. Ҳамаи инро Худо офарида буд, то ки мо онро бо шукргузорӣ қабул намоем. Ӯ инро на барои аз нав зоданашудагон, балки барои онҳое омода намуд, ки ба ҳақиқат бовар дорад ва онро медонад.

**4:4** Ин таълимотҳои дурӯғин хилофи хости Худо мебошанд, чунки Худо ба инсон хӯрокҳои гуногунро дод, ва онҳоро на рад кардан, балки бо шукргузорӣ қабул намудан даркор аст. Айнан ҳамин тавр Худо анъанаи никоҳро муқаррар намуд, ва онро низ набояд одамон рад кунанд (Ҳастӣ 1:28-29; 9:3). Маҳз ҳамин тариқ одам метавонад афзоиш ёфта, зиндагиро давом диҳад.

**4:5** Ин ба он маъно тақдис мегардад, ки махсус аз ҷониби Худо барои одам муқаррар гардидааст. Аввалан, ҳамаи ин бо Каломи Худо ҷудо карда шудааст. Дигар хел карда гӯем, Китоби Муқаддас моро таълим медиҳад, ки ғизо ба одам дода шудааст (нигаред, масалан, Ҳастӣ 9:3; Марқӯс 7:19; Аъмол 10:14-15; 1Қӯринтиён 10:25-26). Дар 1Қӯринтиён 7 ва Ибриён 13:4 мо мебинем, ки никоҳро низ Худо махсус барои одам муқаррар намудааст.

Ҳамаи ин ба воситаи дуо низ тақдис мегардад. Пеш аз хӯрок хӯрдан мо бояд сар хам карда, Худовандро барои он чи мехӯрем, шукр гӯем (Матто 14:19; Аъмол 27:35). Мо бо ин амал аз Худованд хоҳиш мекунем, ки ин хӯрокро барои қувват додани бадани мо ҷудо кунад, то ки мо ба Ӯ пурсамартар хизмат карда тавонем.

Агар масеҳӣ дар ҳузури наҷотнаёфтагон Худоро барои ғизо шукр гӯяд, ин барои онҳо гувоҳии хубест. Чунин дуо набояд намоишкорона ё хеле дароз бошад, аммо дар айни замон ин имондор набояд пинҳон кунад, ки Худоро барои ғизо шукр мегӯяд.

## ДАСТУРҲО БА ТИМОТИЮС ОИДИ АЗ ИМОН БАРГАШТАНИ ОДАМОН ДАР ОЯНДА (4:6-16)

**4:6** Ба дигарон мазмуни оятҳои 1–5-ро талқин намуда, Тимотиюс хизматгузори неки Худо мешавад. Ӯ хизматгузоре мешавад, ки аз суханони имон ва таълимоти нек, ки то ин дам бе каму кост пайравӣ мекард, ғизо мегирад.

**4:7** Ин ҷо Павлус таълимоти масеҳиро бо машқҳои ҷисмонӣ муқоиса мекунад. Дар ояти гузашта ӯ оиди парҳез гуфта буд, ки ҳар пайрави Масеҳ бояд онро риоя кунад, – ӯ бояд аз суханони имон ва таълимоти нек ғизо гирад. Дар ҳамин ҷо Павлус оиди машқе мегӯяд, ки мақсадаш тақводорӣ аст. Дар ояти 10 “заҳмат мекашем”-ро аз забони юнонӣ аниқтараш “кӯшиш мекунем”, “саъй менамоем” ё “машқ мекунем” тарҷума кардан мумкин аст.

Аммо дар навбати аввал дар ояти 7 фириста Тимотиюсро даъват менамояд, ки “аз қиссаҳои нолоиқи аҷузаҳо рӯй гардонад”. Ӯ бояд бо онҳо мубориза набарад, ва вақти зиёдро сарф накунад. Аниқтараш, ӯ бояд бо онҳо муошират накунад. Ӯ бояд онҳоро сарфи назар намояд. Ибораи “қиссаҳои аҷузаҳо” оиди он ёдрас менамояд, ки занон асосгузорони баъзе мазҳабҳои

дурӯғине буданд, ки одамонро на бо роҳи ростӣ, балки бо роҳи дурӯғ мебурданд.

Ба ҷои он ки вақтро барои асотирҳо ва афсонаҳо сарф кунад, Тимотиюс бояд худро дар тақводорӣ машқ диҳад. Ин машқ хондан ва омӯхтани Китоби Муқаддас, дуо, андешаронИҳо ва шаҳодат додан ба дигаронро дар бар мегирад. “Бе кӯшиш ба тақводорӣ расидан ғайриимкон аст; тамоюлҳои ҳозиразамон зидди мо мебошанд” (Сток). Одам бояд дар тақводорӣ машқ кунад ва барои ин кӯшиш кунад.

**4:8** Дар ин оят Павлус ду намуд машқҳоро муқобил мегузорад. Машқҳои ҷисмонӣ ба бадан фоидаи муайян меоваранд, аммо он ҳудудҳои худро дорад ва танҳо муддати кӯтоҳ амал мекунад. Аз тарафи дигар, тақводорӣ ҳам рӯҳи одам, ҳам ҷони ӯ ва ҳам ҷисми ӯро дар бар мегирад ва дар он на муддати кӯтоҳе, балки ҷовидона зиндагӣ мекунад. Агар оиди зиндагии заминиамон сухан ронем, тақводорӣ хурсандии бузурге намеоварад, ва агар оиди зиндагии ояндаамон сухан ронем, он ба мо ваъдаи мукофотҳои бузург ва қобилияти қабул кардани ҷалоли ояндаро медиҳад.

**4:9** Амалан ҳамаи муҳаққиқон ҳамфикр ҳастанд, ки ин оят ҳамчунин оиди тақводорӣ мегӯяд. Бе шубҳа, тақводорӣ, ки арзиши фарогир ва ҷовидон дорад, дуруст ва сазовори қабул кардан аст. Ва ин аллакай “сухани дуруст”-и сеюм аст, ки мо дар ин нома вомехӯрем.

**4:10** Калимаҳои “Зеро барои ҳамин ҳам меҳнат мекунем ва заҳмат мекашем”-ро аниқтараш “Зеро барои ҳамин ҳам меҳнат мекунем ва кӯшиш менамоем” тарҷума кардан мумкин аст. Яъне мо барои он меҳнат мекунем, ки ба зиндагии тақводорӣ бирасем. Павлус мегӯяд, ки маҳз барои ба даст овардани ин мақсади бузург ӯ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Аз афти кор, беимонон ин мақсадро сазовори он намеҳисобанд, ки ба он тамоми зиндагиашонро бахшанд. Аммо масеҳиён ба арзишҳои гузарандаи ин ҷаҳон наменигаранд, балки ба Худои зинда умед мебанданд. Ва чунин умед ҳеҷ гоҳ онҳоро ноумед намекунад, зеро Ӯ Худои зинда, Наҷотдиҳандаи ҳамаи одамон аст, хусусан аз они онҳое ки ба Ӯ бовар мекунанд. Худо ба он маъно Наҷотдиҳанда аст, ки онҳоро дар вазъиятҳои ҳаррӯзаи зиндагиӣ нигаҳбонӣ мекунад. Аммо Ӯ ҳамчунин ба он маъное ки пештар аллакай гуфта будем, Наҷотдиҳандаи ҳама аст, – Ӯ ба ҳама имконияти наҷот ёфтанро дод. Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки ба Ӯ бовар мекунанд, наҷот медиҳад, чунки ин одамон аз наҷоти Ӯ истифода мебаранд. Гуфтан мумкин аст, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи имконпазири ҳамаи одамон ва Наҷотдиҳандаи ҳақиқии онҳоест, ки ба Ӯ бовар доранд.

**4:11** Ҳама дар он ақида ҳамфикранд, ки “ҳамин” ба он чи Павлус дар оятҳои 6-10 гуфта буд, дахл дорад. Тимотиюс бояд ҳамаи инро мавъиза кунад ва таълим диҳад, ва ҳамеша онро ба халқи Худо ёдрас намояд.

**4:12** Ҳангоме Павлус ин номаро менавист, Тимотиюс тақрибан сӣ-сиюпанҷсола буд. Дар муқоиса бо баъзе пирони ҷамоати Эфсӯс ӯ нисбатан ҷавон буд. Ана барои чӣ Павлус дар ин ҷо мегӯяд: “Бигузор ҳеҷ кас аз ҷавонии ту беэътиноӣ накунад”. Ин тамоман маънои онро надорад, ки Тимотиюс бояд дар ҷамоат мавқеи махсусро ишғол намояд ва ҳассосиятро ба танқид гум кунад. Аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки ӯ набояд ба касе асос диҳад, ки ӯро маҳкум намояд.

“Дар сухан” ба суханони Тимотиюс дахл дорад. Суханони ӯ бояд нишон диҳанд, ки ӯ фарзанди Худост. Ӯ бояд на танҳо аз суханони ношоиста, балки ҳамчунин аз он суханоне ки ба шунавандагон пандомӯз нестанд, канораҷӯӣ кунад.

“Дар рафтор” аниқтараш “дар тарзи зиндагонӣ” тарҷума мешавад ва ба тарзи рафтор муносибат дорад.

Ифодаи “дар муҳаббат” дар назар дорад, ки муҳаббат бояд дар рафтор ва дар рӯҳи ӯ, ки ин муҳаббат дар он сокин аст ва дар мақсаде ки муҳаббат ба сӯяш саъй дорад, водоркунандаи асосӣ бошад.

Ифодаи “дар рӯҳ” дар бисёр тарҷумаҳо вуҷуд надорад.

“Дар имон”, аз афташ, “дар сидқ”-ро ифода мекунад ва вафодориву устувориро дар назар дорад.

Ифодаи “дар покӣ” на танҳо рафтори ӯ, балки водоркунандаҳои ӯро тавсиф медиҳад.

**4:13** Ин оят, аз афташ, на ба зиндагии шахсии Тимотиюс, балки ба ҷамоати маҳаллӣ муносибат дорад. Ӯ бояд бо хондани Навиштаҳо, насиҳат, баён намудан ва фаҳмондани таълимот машғул бошад. Пайдарҳамии калимаҳо дар ин ҷо тасодуфӣ нест. Павлус дар навбати аввал аҳамияти дар ҷамъомади ҷамоат хондани Навиштаҳоро таъкид мекунад. Ва ин махсусан дар он даврае муҳим буд, ки имкониятҳои паҳн намудани Навиштаҳо хеле маҳдуд буданд. Кам касон нусхаи шахсии Каломи Худоро доштанд. Сипас Тимотиюс бояд дар асоси он чи ба онҳо хонд, бо насиҳат додани имондорон машғул мешуд, ва баъди ин ӯ бояд ҳақиқатҳои бузурги Каломи Худоро таълим медод. Ин оят боби 8-уми Китоби пайғамбар Наҳемёро, хусусан ояти 8-ро ёдрас мекунад, ки он ҷо ин суханонро мебинем: “Ва китоби Тавроти Худоро батафсил хонданд ва шарҳ доданд, то он чиро, ки хонданд, *мардум* бифаҳманд”.

Аммо дар ин ҷо оиди хониши шахсии Китоби Муқаддас фаромӯш кардан даркор нест. Пеш аз он ки ба дигарон Каломи

Худоро насиҳат ва таълим диҳад, Тимотиюс бояд аввал ҳамаи инро худаш, дар зиндагии худ гузарад.

**4:14** Дар ин оят гуфта нашудааст, ки Тимотиюс маҳз кадом бахшоиш дошт, оё ӯ воиз, шубон ё муаллим буд. Мазмуни умумии нома ба фикре водор мекунад, ки ӯ шубон ва муаллим буд. Аммо маълум аст, ки ин бахшоиш ба ӯ мувофиқи пешгӯӣ, бо дастгузории пирон дода шуда буд. Ин маънои онро дорад, ки ягон пайғамбар дар ҷамоати маҳаллӣ боре бархоста, эълон намуд, ки Рӯҳи Худо ба Тимотиюс бахшоишеро дод. Пайғамбар худаш ин бахшоишро нарасонд, балки фактро баён намуд. Пас аз ин пирон бар Тимотиюс даст гузоштанд. Ин ҷо таъкид мекунем, ки пирон, ё пресвитерҳо, қудрати ба Тимотиюс расондани ин бахшоишро надоштанд. Бо дастгузорӣ онҳо он чиро, ки Рӯҳи Пок кард, дар назди ҳама эътироф намуданд.

Ин равандро мо дар боби 13-уми Китоби Аъмол мушоҳида карда метавонем. Дар ояти дуюм гуфта мешавад, ки Рӯҳи Пок Барнаббо ва Шоулро барои меҳнати махсус ҷудо кардааст. Аз афташ, ин сухан ба воситаи ягон пайғамбар дода шуда буд. Сипас бародарони маҳаллӣ рӯза доштанд, дуо карданд, бар Шоул ва Барнаббо дастгузорӣ карданд ва онҳоро ба хизмат фиристоданд (ояти 3).

Дар замони мо низ дар бисёр ҷамоатҳои маҳаллии масеҳӣ худи ҳамон сиёсат пеш бурда мешавад. Ҳангоме ба пирон маълум мешавад, ки касе аз Рӯҳи Пок бахшоише дорад, онҳо ӯро ба меҳнат барои Худованд насиҳат мекунанд, ва ба ҳамин восита нишон медиҳанд, ки меҳнати Рӯҳро дар зиндагии ӯ эътироф менамоянд. Бо ин насиҳат онҳо ба ӯ бахшоишеро намерасонанд, балки он чиро, ки Рӯҳи Худо дар ӯ аллакай кардааст, ҳақиқӣ меҳисобанд.

Байни он чи ҳангоми бар Тимотиюс даст гузоштани пирон рӯй дод (ки оиди он дар ин оят гуфта мешавад), ва он чи ҳангоми бар Тимотиюс даст гузоштани Павлус воқеъ шуд (ки оиди он дар 2Тимотиюс 1:6 гуфта шудааст), фарқ ҳаст. Дар мавриди аввал ин амал хусусияти расмӣ надошт ва бо бахшоиши Тимотиюс алоқаманд набуд. Он танҳо мушоракатро бо ӯ дар меҳнаташ ифода менамуд. Дар мавриди дуюм Павлус расонандаи ҳақиқӣ буд, ки ин бахшоиш ба воситаи ӯ ба Тимотиюс расонда шуд.

**4:15** Калимаҳои “ба ин ғамхорӣ намо”-ро чун “барои ин саъй намо” тафсир кардан мумкин аст. Шояд ин ҷо сухан маҳз оиди ҳамин меравад, чунки баъд мо мехонем: “ва инро тарк накун”. Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки худро пурра ба хизмати Худованд бахшад. Ӯ бояд тамоми қувваташро сарф кунад. Агар ӯ чунин кунад, ҳама муваффақияти ӯро хоҳанд дид. Павлус намехоҳад, ки Тимотиюс ба дараҷаи муайяни

хизматгузорӣ расида, сипас суст шавад. Фириста мехоҳад, ки ӯ дар хизмати худ доимо пеш равад.

**4:16** Дар ин ҷо ба пайдарҳамии дастурҳо диққат диҳед. Дар навбати аввал Тимотиюс бояд ба худ диққат диҳад ва баъд ба хизмат. Ин аҳамиятнокии зиндагии шахсии ҳар як хизматгори Масеҳро таъкид менамояд. Агар дар зиндагии ӯ на ҳама чиз хуб бошад, ӯ дар ҳолати беҳтарин дар таълимоти худ мӯътақид хоҳад буд, аммо дар зиндагии воқеӣ аз ин фоидае нест. А.У. Пинк хуб гуфтааст: "Агар дар хизматгузорӣ парастиши Худо ва оиди нумӯи рӯҳонӣ фикр карданро фаромӯш кунанд, он дом ва бадӣ мешавад".

Он чиро, ки Павлус дар ин ҷо гуфтааст, ҳамеша ба ҷо оварда, Тимотиюс худро ва ҳамаи шунавандагонашро наҷот медиҳад. Калимаи "наҷот" дар ин оят, аниқтараш, ба наҷоти ҷон алоқае надорад. Боб аз гуфтугӯ оиди муаллимони дурӯғин, ки ба зиндагии имондорон харобӣ меоваранд, сар мешавад. Павлус ба Тимотиюс мегӯяд, ки ба зиндагии тақводорона ва Каломи Худо содиқ монда, ӯ худро ва шунавандагонашро аз муаллимони дурӯғин наҷот медиҳад.

ДАРСИ ПАНҶУМ

# МАСЪУЛИЯТ НИСБАТИ ЯКДИГАР
**5:1-25**

## ПИРОНУ ҶАВОНОН, МАРДОНУ ЗАНОН (5:1-2)

**5:1** Ин оят ибтидои он фасли нома аст, ки ба муносибати Тимотиюс бо оилаи масеҳие ки ӯ дар он меҳнат мекард, бахшида шудааст. Калимаи "пир" дар ин ҷо на ба нозир ё усқуф, балки ба шахси пиронсол дахл дорад. Тимотиюс, ки ҷавон ва пурғайрат буд, метавонист дар муносибат бо бародарони пиронсол бетаҳаммулӣ зоҳир намояд; бинобар он, ин насиҳат аз он иборат аст, ки Тимотиюс бояд шахси аз худаш калонсолро сахт сарзаниш накунад ва ӯро чун падар эҳтиром намояд. Аз ҷониби Тимотиюс, шахси ҷавон, ба онҳо суханони сахт гуфтан рафтори ношоиста аст.

Ғайр аз ин, ба бародарони аз худаш хурдсол низ калонгирона нигаристан хатар дорад. Бинобар ин Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки ба бародарони ҷавонтар танҳо чун бо бародарон муносибат кардан даркор аст. Дигар хел карда гӯем, Тимотиюс танҳо яке аз онҳост ва ҳақ надорад худро аз онҳо боло гузорад.

**5:2** Ба занони синнашон калон чун ба модарон муносибат карда, ба онҳо олиҳимматӣ, муҳаббат ва эҳтиром зоҳир намудан даркор аст.

Ҳамаи муносибатҳо бо занони ҷавон бояд пок бошанд. Тимотиюс на танҳо бояд аз гуноҳ барканор бошад, балки дар ҳамаи корҳояш пок бошад, ва ҳеҷ як ҷиҳати рафтораш набояд ӯро бадном кунад.

## ҒАМХОРӢ ДАР ҲАҚҚИ БЕВАЗАНОН (5:3-16)

**5:3** Дар оятҳои 3–16 Павлус оиди бевазанон дар ҷамоат сухан меронад, оиди он ки Тимотиюс бояд ба онҳо чӣ гуна рафтор намояд.

Аввалан, ҷамоат бояд он занонеро, ки ҳақиқатан бева ҳастанд, эҳтиром намояд. "Эҳтиром намо" дар ин ҷо на танҳо ҳурмат кардан, балки ҳаматарафа ёрдам расондан, аз ҷумла ёрдами моддӣ расонданро ифода менамояд. "Бевазанони ҳақиқӣ" ба заноне дахл дорад, ки ғайр аз Худованд сарчашмаи дигари ёрӣ надоранд, ва боварӣ доранд, ки Ӯ онҳоро дар бадбахтӣ намемонад. Чунин занон хешовандоне надоранд, ки ба онҳо ёрӣ мерасонда бошанд.

**5:4** Дар ин оят оиди дигар хел бевазанон гуфта мешавад. Ин бевазаноне мебошанд, ки фарзандон ё набераҳо доранд. Дар чунин мавридҳо фарзандон бояд тақводориро дар корҳои амалии оилавӣ омӯхта, ба модарон (ё бибиҳо) барои ҳар он чи баҳри онҳо кардаанд, шукргузорона подош диҳанд. Ин оят возеҳан мегӯяд, ки тақводорӣ дар оила сар мешавад. Касеро, ки оиди имони худ изҳор намуда, сипас онҳоеро, ки табиатан ба ӯ наздиканд, сарфи назар мекунад, гувоҳи имони масеҳӣ номидан аз эҳтимол дур аст.

Ёрӣ расондани имондорон ба наздикону дӯстдоштагон, ки бе чунин ёрӣ бе воситаи рӯзгузаронӣ мемонанд, дар чашмони Худованд некӯст. Дар Эфсӯсиён 6:2 Павлус ба таври возеҳ мегӯяд: «"Падар ва модари худро иззат намо", ин аст ҳукми аввалин бо ... ваъда».

**5:5** Чуноне ки пештар зикр шуда буд, бевазанони ҳақиқӣ заноне мебошанд, ки бе ёрии моддӣ мондаанд ва танҳо ба Худованд умед доранд, ки ба онҳо ризқи ҳаррӯзаашонро медиҳад.

**5:6** Бар акси бевазанони тақводор, ки дар ояти 5 сухан дар бораи онҳо меравад, – бевазаноне ҳастанд, ки ба дилхушиҳо дода шудаанд. Оиди он ки ин занон имондорони ҳақиқӣ ҳастанд ё не, ҳамфикрӣ нест. Мо чунин меҳисобем, ки чунин бевазан имондори ҳақиқист, аммо боз ба роҳи гуноҳ ғелидааст. Вай мушоракаташро бо Худо гум кардааст, ва он ба вай фоида оварданро бас кардааст.

**5:7** Тимотиюс бояд бевазанони "ишратпараст"-ро огоҳ намояд, ки ба ҳаловатҳои гуноҳолуд дода нашаванд, ва низ

масеҳиёнро насиҳат кунад, ки дар ҳаққи бевазанон ғамхорӣ кунанд, агар онҳо наздиконашон буда, мӯҳтоҷӣ кашанд.

**5:8** Дар ин оят оиди он гуфта мешавад, ки масеҳӣ ҳақ надорад оиди наздиконаш, хусусан оиди онҳое ки дар як хона ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд, ғамхорӣ накунад. Ба фикри Павлус, чунин рафтор монанди аз имон гаштан аст. Имони масеҳӣ ҳамеша таълим медиҳад, ки имондорони ҳақиқӣ бояд оиди якдигар ғамхорӣ кунанд. Агар масеҳӣ ин корро накунад, он ҳақиқатҳоеро, ки масеҳият панд медиҳад, рад мекунад.

Чунин шахс аз беимон бадтар аст. Калимаи “беимон” дар ин ҷо аз “бехудо” беҳтар аст. ”Бехудо” касест, ки рӯйрост зидди масеҳият мебарояд. Дар ояти додашуда сухан танҳо дар бораи шахси наҷотнаёфта меравад.  Масеҳие ки ба наздикон ва хешовандон ёрӣ намерасонад, барои он аз беимон бадтар аст, ки бисёр беимонон наздикони худро дӯст медоранд ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекунанд. Ғайр аз ин, масеҳӣ бо чунин рафтор номи Худовандро чунон таҳқир карда метавонад, ки ҳатто шахси беимон чунин карда наметавонад.

**5:9** Ин оят мегӯяд, ки дар ҳар як ҷамоати маҳаллӣ рӯйхати номҳои он бевазаноне буд, ки ҷамоат дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекунад. Павлус мегӯяд, ки ба ин рӯйхат танҳо занони аз шастсола боло ва “як шавҳар карда” дохил шуда метавонанд.

Муҳаққиқон ин оятро монанди он ҳолате ки ба усқуфон ва диаконҳо дахл дорад, тафсир мекунанд. Бе шубҳа, зиндагии оилавии ин зан бояд беайб бошад, то ки ҳеҷ кас ӯро дар гуноҳҳои бадахлоқона гумонбар нашавад.

**5:10** Бевазан барои аз ҷамоат ёрӣ гирифтан ҳамчунин бояд бо корҳои нек маъруф бошад, то аз рӯи онҳо хулоса баровардан мумкин бошад, ки вай имондори ҳақиқист.

Суханони “фарзандонро тарбия дода бошад“ маънои онро доранд, ки вай бояд онҳоро чунон тарбия кунад, ки онҳо ба бевазан ва хонаи вай подоши шукргузорона дода тавонанд. Дар тарбияи механикӣ маъное нест; ба фарзандон арзишҳои рӯҳониро расондан даркор аст.

Боз як нишонаи тақводории зан аз он иборат аст, ки вай бояд нисбати ғарибон меҳмоннавоз бошад. Дар Инҷил оиди файзи меҳмоннавозӣ гаштаву баргашта гуфта мешавад.

Шустани пойҳои меҳмонон вазифаи ғулом ё хизматгори хона аст. Бинобар ин дар ояти додашуда, бе шубҳа, оиди он гуфта мешавад, ки бевазан барои бародарон ва хоҳарони масеҳӣ аз иҷрои он вазифаҳое ки ба назари кас таҳқиромез метобанд, даст накашад. Аммо Павлус шустани пойҳоро ба маънои рӯҳонӣ дар назар дошта метавонист, ва дар ин маврид об Каломи Худоро дар назар дорад. Дар ин маврид ин ҷо сухан на дар бораи хизмати ҷамъиятӣ, балки ба хонаҳо рафтан ва чунон истифода бурдани

Каломи Худо меравад, ки имондоронро аз нопокиҳое ки моро дар зиндагии ҳаррӯза ҳамроҳӣ мекунанд, пок намоянд.

Ёрӣ ба аламзадагон он марҳаматест, ки нисбати беморон, азияткашон ва ҳамаи онҳое ки ба вазъияти душвор афтодаанд, зоҳир кардан даркор аст.

Хулоса, барои дохил шудан ба рӯйхати онҳое ки ҷамоати маҳаллӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад, бевазан бояд бо саъю кӯшиш ҳар гуна корҳои некро ба ҷо оварад.

**5:11** Бояд эътироф намуд, ки ин ояти душвор аст, аммо маънои он чунин аст: умуман, ба чунин рӯйхат қабул намудани бевазанони ҷавон хатост. Одатан онҳо аз боиси ҷавон буданашон мехоҳанд боз ба шавҳар бароянд. Худи ин хоҳиш ҳеҷ бадӣ надорад, аммо он метавонад чунон сахт шавад, ки агар ягон бевазани ҷавон интихобе дошта бошад, ки бо беимоне оиладор шавад ё аз муҳаббат ба Масеҳ ва итоат ба Каломи Ӯ бешавҳар монад, – метавонад никоҳро интихоб намояд. Фириста ин гуна хоҳишро барои Масеҳ нафратовар меномад. Чунин амал боиси ба таънаву маломат гирифтор шудани он ҷамоате мегардад, ки ин бевазанро дастгирӣ менамуд.

“Мехоҳанд никоҳ кунанд” худ оиди худ мегӯяд. Ин ҷо рафтори ояндаи чунин бевазанонро пешгӯӣ кардан даркор нест, сухан танҳо дар бораи вазъияти воқеӣ меравад.

**5:12** “Маҳкум хоҳанд шуд” дар ин ҷо на маҳкумияти ҷовидона, балки маҳкумият мебошад, ки бевазани ҷавон дар мавриди аз имони пештара даст кашидан сазовори он аст. Вай пештар оиди муҳаббат ва вафодорӣ ба Худованд Исои Масеҳ мегуфт, аммо акнун, ҳангоме имконияти никоҳ бо шахси беимон пайдо шуд, вай қасамҳои вафодорӣ ба Наҷотдиҳандаро фаромӯш карда, назди беимоне меравад, ки бо Домоди осмонӣ умумияте надорад.

Павлус бевазанони ҷавонро барои аз нав ба шавҳар баромадан танқид намекунад. Зиёда аз ин, ӯ ҳатто онҳоро ба никоҳи дубора ҳавасманд мекунад (ояти 14). Ӯ танҳо онҳоеро маҳкум мекунад, ки рӯҳан нобино шуда, тайёранд танҳо ба хотири ба шавҳар баромадан принсипҳои илоҳиро тарк кунанд.

**5:13** Агар ҷамоати маҳаллӣ масъулияти ба бевазанони ҷавон ёрии моддӣ расонданро ба ӯҳда гирад, онҳоро ба зиндагии бекорона ва натиҷаҳои аз он бармеомада ҳавасманд мекунад. Ба ҷои иҷрои вазифаҳои худ онҳо бо корҳое машғул мешаванд, ки ба онҳо дахл надоранд. Ҷамоати маҳаллӣ набояд ба чунин рафтор роҳ диҳад, зеро чуноне ки мо аллакай гуфтем, ин ба гувоҳии масеҳӣ зарар мерасонад.

**5:14** Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки умуман, беҳтар он аст, ки бевазани ҷавон ба шавҳар барояд, фарзандон таваллуд кунад ва хонадони масеҳиро идора кунад, аммо тавре ки ин ба бадгӯиҳо

асос надиҳад. Албатта, Павлус мефаҳмид, ки на ҳар бевазани ҷавон аз нав ба шавҳар баромада метавонад. Дар чунин масъалаҳо ташаббус аз мард бармеояд. Аммо дар ин ҷо фириста танҳо принсипи умумиро баён мекунад, ки ба он ҳангоми мавҷуд будани имконият пайравӣ кардан даркор аст.

Душман, ё шайтон, ҳамеша имконияти ба гувоҳии масеҳӣ зарар расонданро меҷӯяд, ва Павлус мекӯшад барои бадгӯӣ ба ҷамоат асос надиҳад.

**5:15** Он чи фириста дар ин оятҳо оиди бевазанон мегӯяд, тахмин нест. Ин аллакай воқеъ шудааст. Баъзеҳо аз имон рӯй гардонда, ба он маъно аз пайи шайтон рафтанд, ки овози шайтонро шунида, бо марди беимон никоҳ карданро афзал донистанд, ва бо ин кор ба Каломи Худо беитоатӣ намуданд.

**5:16** Дар ин ҷо Павлус оиди он мегӯяд, ки хешовандон вазифадоранд дар ҳаққи наздиконашон ғамхорӣ кунанд. Агар ягон имондор бевазани хешованд дошта бошад, бояд ғамхориро дар ҳаққи ӯ ба ӯҳдаи худ гирад, то ҷамоат барои ёрӣ ба эҳтиёҷмандони бекас имконияти бештар дошта бошад.

Дар асл, чуноне ки шахсони боэътибор ва муҳаққиқони дастнависҳо мегӯянд, дар ин оят калимаи “мард” нест, ва он гоҳ чунин механем: “агар зани имондоре бевазанон дошта бошад...” Дар ин маврид зани кордонеро тасаввур кардан мумкин аст, ки хонаводаашро идора мекунад ва ҳамаи бевазанонеро, ки ба вай хешовандӣ доранд, таъмин карда метавонад. “Павлус оиди он мавридҳое мегӯяд, ки танҳо зан масеҳӣ аст, ё чун дар мавриди Лидия, худи бевазан оиларо таъмин ва идора мекунад. Чунин зани имондор бояд ҳамаи бевазанонеро, ки ба вай хешовандӣ доранд, таъмин намояд. Дар ин ҳол воситаҳои молиявии ҷамоатро барои дастгирии онҳое ки воситаи рӯзгузаронӣ надоранд, равона кардан мумкин мешавад. Эҳсонкории ҳеҷ кадом ташкилот эҳсонкории шахсиро пурра иваз карда наметавонад” (Ҳиберт).

Тамоми ин порча, ки оятҳои 3–16-ро дар бар мегирад, он чизеро мегӯяд, ки ҷамоат дар ҳолатҳои муайян *бояд* ба ҷо оварад, на он чиро, ки *ихтиёр дорад* ба ҷо оварад. Оятҳои зиёдро дар бар гирифтани порча далели муҳим будани мавзӯъ аст ва низ баёнгари он аст, ки дар бисёрии ҷамоатҳо ба ин масъала диққати зарурӣ дода намешавад.

## ПИРОН ДАР ҶАМОАТ (5:17–25)

**5:17** Дар оятҳои боқимондаи ин боб сухан, аз афти кор, дар бораи пирон меравад, агарчи на ҳамаи муҳаққиқон бо ин розиянд.

Павлус дар навбати аввал дар ин ҷо қоидаеро дохил мекунад, ки пироне ки хизмати худро хуб ба ҷо мееваранд, “эҳтироми дучандро сазоворанд”.

Дарбӣ “пироне ки нағз сардорӣ мекунанд”-ро чунин тарҷума мекунад: “Бигузор пироне ки бар муқаддасон сардорӣ мекунанд...” Ин ҷо на оиди ҳокимият, балки оиди намуна гуфта мешавад. Чунин пирон сазовори эҳтироми дучанд ё махсус мебошанд. Аз афташ, калимаи эҳтиром дар ин ҷо маънои иззату икромро дорад, аммо таъмини моддиро низ ифода карда метавонад (Матто 15:6). “Эҳтироми дучанд” ҳам ин ва ҳам онро ифода карда метавонад. Дар навбати аввал пир бояд барои меҳнати худ сазовори эҳтироми имондорон бошад, аммо ғайр аз ин, агар ӯ пурра бо ин кор машғул бошад, сазовори ёрии пулӣ аст. Касоне ки дар Калом ва таълим меҳнат мекунанд, одатан он қадар вақтро дар мавъиза ва омӯзондан мегузаронанд, ки аллакай бо кори дунявӣ машғул шуда наметавонанд.

**5:18** Дар ин оят аз ду ҷои дигари Навиштаҳо иқтибосҳое оварда шудаанд, ки сазовори ёрӣ будани пирро исбот мекунанд. Иқтибоси аввал Такрори Шариат 25:4; дуюмаш – Матто 10:10 ё Луқо 10:7.

Ин оят махсусан ҷолиби диққат аст, агар дар ёд дошта бошем, ки Навиштаҳо илҳоми илоҳӣ доранд. Павлус як оятро аз Таврот, дигареро аз Инҷил мегирад ва баъд онҳоро бо ҳам дар як сатҳ гузошта, мегӯяд, ки ҳар ду аз Навиштаҳо гирифта шудаанд. Аз ин бармеояд, ки Павлус Инҷилро аз ҷиҳати эътибору нуфуз бо Таврот баробар медонад.

Ин ҷойҳои Навиштаҳо таълим медиҳанд, ки барзагове ки дар ҳосилғундорӣ кор мекунад, набояд аз ҳиссаи меҳнати худ маҳрум бошад. Ин ба пирон низ дахл дорад. Агарчи меҳнати онҳо метавонад ҷисмонӣ набошад, онҳо ба ҳар ҳол сазовори ёрӣ ҳастанд.

**5:19** Азбаски пирон барои ҷамоат масъулият доранд, онҳо барои шайтон ҳадафи махсусе мегарданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Рӯҳи Худо ҳама корро мекунад, то онҳоро аз айбдоркуниҳои бардурӯғ ҳимоя кунад. Дар ин оят принсипе баён шудааст, ки мувофиқи он, агар ду ё се шоҳид айби пирро тасдиқ накунанд, ӯро ҳеҷ гуна ҷазо додан мумкин нест. Дар асл худи ҳамин принсип дар мавриди ҷазо додани ҳар як аъзои ҷамоат истифода мешавад, аммо дар мавриди додашуда ба он диққати махсус дода мешавад, чунки бесабаб ҷазо додани пир хатари махсус дорад.

**5:20** Агар ягон пир гуноҳе кунад, ки ба гувоҳии ҷамоат зарар мерасонад, чунин шахсро дар назди ҳама мазаммат кардан даркор аст. Чунин амал дигар масеҳиёнро водор мекунад, ки оиди ҷиддияти гуноҳ дар мавриди хизмати масеҳӣ андеша намоянд, ва низ дар зиндагии дигар одамон омили хуби боздоранда аст.

Бисёр муҳаққиқон фикр мекунанд, ки ояти 20 на фақат оиди пирон, балки умуман оиди ҳамаи масеҳиён мегӯяд. Мо розӣ ҳастем, ки ин принсип нисбати ҳамаи масеҳиён қобили истифода

аст, аммо дар матни додашуда, бе шубҳа, сухан дар бораи пирон меравад.

**5:21** Дар масъалаи ҷазодиҳӣ дар ҷамоати маҳаллӣ ду хатар ҳаст, ки аз аз он бояд канораҷӯӣ намуд. Яке аз онҳо ақидаи пешакӣ, ва дуюмаш ғаразнокӣ аст. Ҳар гуна шахс боре метавонад ба касе нафрат пайдо карда, ӯро бо ҳар баҳона беасос айбдор кунад. Айнан ҳамин тавр имкон дорад, ки одам нисбати ягон каси дигар танҳо аз он сабаб муносибати ғазнок кунад, ки вай сарватманд ва шахсияти қавӣ буда, дар ҷамъият мавқеи назаррас дорад. Бинобар ин Павлус Тимотиюсро дар пеши Худо, Исои Масеҳ ва фариштагони баргузида қасам медиҳад, ки вай ҳамаи дастуроти ӯро риоя кунад ва одамонро пеш аз маълум гардидани ҳамаи далелҳо маҳкум накунад, ва низ ҳеҷ касро танҳо ба хотири дӯст ё шиноси хуб буданаш афзал надонад. Оиди ҳар як маврид дар пеши Худо, Худованд Исои Масеҳ ва фариштагони баргузида ҳукм кардан даркор аст.

Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки Павлус дар ин ҷо фариштагони баргузидаро бо Худо ва Исои Масеҳ дар як сатҳ мегузорад. Аммо ин тавр нест. Ин ҷо номбаркунӣ ба воситаи вергул нест, балки аввал “Дар пеши Худо ва Исои Масеҳи Худованд” меояд, ки ин оиди категорияи алоҳида ва муҳимтарин – оиди Худо мегӯяд. Ва танҳо баъд мо мехонем “ва фариштаҳои баргузида”. Пас фариштаҳои баргузида дар ин ҷо аз Худо Падар ва Худо Писар алоҳида истодаанд.

Аммо фариштаҳо ҷаҳонеро, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, мушоҳида менамоянд, ва бояд дар корҳое ки ба ҷазодиҳӣ дар ҷамоат дахл доранд, адолати комилро бинанд.

Албатта, фариштагони баргузида онҳое мебошанд, ки гуноҳкор нашудаанд ва зидди Худо исён накардаанд. Онҳо ба таъиноти ибтидоии худ вафодор монданд.

**5:22** Агар одамони машҳур аъзоёни ҷамоат шаванд, хоҳиши зудтар ба ягон хел вазифаҳои масъулиятнок таъин намудани онҳо пайдо мешавад. Ва дар ин ҷо Павлус Тимотиюсро огоҳ мекунад, ки дар ҳалли чунин масъалаҳо шитоб накунад. Худро ба касоне ки хислаташонро то охир надонистааст, набояд ҳаммонанд кунад, вагарна бо амалҳои худ ӯ шарики гуноҳҳои вай мегардад. Ӯ на танҳо бояд ахлоқан пок монад, балки ҳамчунин дар корҳои гуноҳолуди дигарон иштирок надошта бошад.

**5:23** Алоқаи ин оят бо ояти пештара ноаниқ мемонад. Аз афташ, фириста оқилона пешбинӣ карда буд, ки Тимотиюс дар ҷамоат душвориҳое хоҳад дошт, ки ба ҳолати меъдааш таъсир хоҳанд расонд. Агар чунин бошад, пас Тимотиюс аввалин ва охирин шахсе набуд, ки аз чунин беморӣ азоб мекашид. Он вариант бештар қобили қабул метобад, ки мувофиқи он Тимотиюс аз боиси оби пастсифат бисёр азоб мекашид, ки ин

мутаассифона, имрӯзҳо ҳам воқеъ мешавад. Маслиҳати фириста – “оби танҳо нанӯш” – маънои онро надорад, ки Тимотиюс тамоман ба об даст назанад (хусусан агар он ҷӯшонида бошад); ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки ба ҷои нӯшидани танҳо об андаке май истифода бурдан мумкин аст. Павлус инро барои беҳтар кардани кори меъда маслиҳат медиҳад. Дар ояти додашуда сухан танҳо дар бораи истифодаи тиббии май меравад ва барои сафед кардани суиистифодаи он далел шуда наметавонад.

Шубҳае нест, ки Павлус на дар бораи шарбати ангур, балки оиди майи ҳақиқӣ мегӯяд. Бисёриҳо шубҳа доранд, ки оё он вақт шарбати ангур вуҷуд дошт ё не, чунки истеҳсоли он бо пастеризатсия вобаста аст, ки он вақт, албатта, вуҷуд надошт. Бе шубҳа, бо калимаҳои “каме шароб” майи ҳақиқӣ дар назар дошта шудааст, вагарна оиди андаке нӯшидан гап задан маъное намедошт.

Ин оят ҳамчунин ба мавзӯи шифои илоҳӣ низ рӯшанӣ меандозад. Бо вуҷуди он ки Павлус чун фириста қудрати шифо додани ҳамаи бемориҳоро дошт, ӯ на ҳамеша ин қувваро истифода мебурд. Дар мавриди додашуда ӯ оиди он чизе мегӯяд, ки барои табобати бемориҳои меъда истифода бурдан мумкин аст.

**5:24** Дар ин ҷо фириста, аз афташ, ба мавзӯи ояти 22 бармегардад, ки дар он ӯ Тимотиюсро аз амалҳои шитобкорона дар мавриди дастгузорӣ ба дигарон огоҳ мекард. Дар оятҳои 24 ва 25 тафсири минбаъдаи ин масъала дода мешавад.

Гуноҳҳои баъзе касон ошкоро, аён ва маълуманд, гӯё чун ҷорчиён пеш-пеши ин шахс давида, мегӯянд, ки ин шахс гуноҳкор буда, сӯи маҳкумияти худ равона аст.

Аммо на ҳамеша ин тавр аст. Гуноҳҳои баъзе касон танҳо баъди муддате ошкор мешаванд.

Аз як тараф, бадмастеро тасаввур кардан мумкин аст, ки гуноҳҳашро (бадмастиашро) ҳама медонанд. Аз тарафи дигар, мардеро, сардори оиларо тасаввур кунед, ки пинҳонӣ зани дигареро дӯст медорад. Атрофиён муддате инро надониста метавонанд, аммо дар аксари ҳолатҳо ин моҷаро ба ҳар ҳол маълум мегардад.

**5:25** Худи ҳамин чизро оиди шахси хуб низ гуфтан мумкин аст. Оиди баъзе касон, бинобар аён будани корҳои некашон, дарҳол ақидаи нек пайдо кардан мумкин аст. Фаъолияти дигарон дар ин маврид хоксоронатар буда метавонад, ва он танҳо пас аз муддате аён мегардад. Аммо ҳатто агар мо корҳои некро набинем ҳам, баъд онҳо аён мешаванд.

Дарси асосии ин порча аз он иборат аст, ки ҳеҷ касро шитобкорона маҳкум набояд кард, балки бояд интизор шуд, ки шахс хислати худро пурра зоҳир намояд.

ДАРСИ ШАШУМ

# КАНОРАГИРӢ НАМО – ПАЙРАВӢ КУН – ТАЛОШ НАМО
**6:1–21**

## ҒУЛОМОН (6:1-2)

**6:1** Ин ҷо Павлус ба гуфтугӯ оиди ғуломон мегузарад. Ӯ онҳоро хизматгорони зери юғ буда меномад, ва ин ҷо албатта юғи ғуломӣ дар назар дошта шудааст. Дар навбати аввал фириста ба он ғуломоне муроҷиат мекунад, ки хоҷаҳояшон наҷотнаёфта мебошанд. Оё онҳо дар ин маврид ба хоҷаҳои худ беитоатӣ кунанд? Оё зидди онҳо бароянд, аз онҳо гурезанд? Оё то ҳадди имкон аз кор гурезанд? Не. Зиёда аз ин, ғуломон бояд хоҷаҳои худро ҳаматарафа эҳтиром намоянд. Онҳо бояд итоаткорона ва бо ғайрат меҳнат кунанд, ба хоҷаҳои худ мухолифат накунанд, балки ёрӣ диҳанд. Водоркунандаи асосии чунин рафтор шаҳодат оиди Масеҳ аст. Агар ғуломи имондор ба хоҷаи худ душманона муносибат кунад, хоҷааш дар ҳаққи Худо ва имони масеҳӣ бадгӯӣ хоҳад кард. Вай чунин фикр мекунад, ки пайравони Масеҳ сазовори эҳтиром нестанд.

Аз таърихи ҷамоати ибтидоӣ ба мо маълум аст, ки дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ ғуломони имондор аз беимон қиматтар буданд. Масеҳӣ будани ин ё он ғуломро фаҳмида, соҳиб тайёр буд барои ӯ нархи бештар диҳад, зеро маълум буд, ки ин ғулом хуб ва боғайратона меҳнат мекунад.

Ин оят ёдрас мекунад, ки ҳатто агар шахс дар ҷамъият мартабаи пасттарин дошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол имконияти гувоҳӣ додан оиди Масеҳ ва ҷалол додани номи Ӯро дорад.

Муҳаққиқон бисёр вақт зикр мекунанд, ки дар Инҷил ғуломдорӣ ошкоро маҳкум карда намешавад. Бо вуҷуди ин, бо мурури дар ҷаҳон паҳн гардидани масеҳият, зарурати барҳам додани ғуломдорӣ аёнтар мешуд.

Ҳар як имондори ҳақиқӣ бояд фаҳмад, ки ғуломи Исои Масеҳ мебошад. Вай бо нархи баланд бозхарид шудааст ва ба худ тааллуқ надорад. Исои Масеҳ соҳиби рӯҳ, ҷон ва ҷисми вай аст; шахси имондор пурра ба Ӯ тааллуқ дорад.

**6:2** Дар ин оят сухан дар бораи ғуломоне меравад, ки соҳибонашон имондор мебошанд. Шубҳае нест, ки чунин ғуломон метавонанд ба васвасае дода шаванд, ки ба соҳибонашон боинсофона муносибат накунанд. Ҳангоме ки ҷамоати маҳаллӣ барои пора кардани нон ҷамъ мешуд, соҳибон ва ғуломон дар атрофи як дастурхон ҷамъ мешуданд – ҳама дар Исои Масеҳ як буданд. Аммо ғуломон набояд баъди ин фикр кунанд, ки акнун фарқиятҳои иҷтимоиро сарфи назар кардан мумкин аст. Агар соҳиб масеҳӣ бошад, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки ғулом метавонад ӯро эҳтиром накунад ва меҳнат нанамояд. Худи он далел, ки соҳиб шахси масеҳӣ ва бародари дӯстдошта дар Масеҳ аст, бояд ғуломро водор кунад, ки содиқона ба ӯ хизмат кунад.

Оиди соҳибони имондор Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки онҳо на танҳо имондор ва дӯстдоштаанд, балки "аз инҳо баҳрае мебинанд". Ин суханонро чунин фаҳмидан мумкин аст, ки соҳибон дар корҳои нек фаъолона иштирок мекунанд. Дигар хел карда гӯем, ҳам ғуломон ва ҳам соҳибон мекӯшанд корҳои нек кунанд, бинобар ин бояд якҷоя бошанд ва ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.

"Инро таълим деҳ ва насиҳат намо", бе шубҳа, ба ғуломони имондор дахл дорад. Дар шароити замони ҳозира ин ҳақиқат барои муносибатҳои байни коргарон ва кордиҳандагон қобили истифода аст.

## МУАЛЛИМИ ДУРӮҒИН ВА МАҚСАДҲОИ ҒАРАЗНОКИ Ӯ (6:3–5)

**6:3** Ин ҷо Павлус оиди одамоне мегӯяд, ки дар ҷамоати масеҳӣ таълимотҳои нав ва бегонаро таълим дода метавонанд. Оиди онҳо дар ин оят гуфта шудааст, ки онҳо ба суханони солими Худованд пайравӣ намекунанд. "Солим" гуфта, дар ин ҷо суханоне дар назар дошта шудаанд, ки саломатии рӯҳонӣ медиҳанд, ҳамонҳое ки Худованд Исои Масеҳ ҳангоми дар рӯи замин хизмат карданаш ба забон оварда буд; онҳоро дар инҷилҳо ёфтан мумкин аст. Дар Инҷил мо тамоми таълимоти масеҳии "солим"-ро ба таври умумӣ мебинем. Он пурра ба таълимот оиди тақводорӣ мувофиқат мекунад, ба он маъное ки боиси дар одам инкишоф ёфтани хислати тақводорона мегардад.

**6:4** Ин одамон мағрур мебошанд. Онҳо вонамуд мекунанд, ки як навъ дониши олӣ доранд, аммо дар асл ҳеҷ чизро намедонанд. Чуноне ки Павлус пештар гуфта буд, онҳо ҳатто намедонанд, ки чӣ мегӯянд.

Онҳо оиди ҳама чиз шубҳа кардан ва баҳсу мунозира карданро дӯст медоранд. Калимаҳои "ба беморӣ дучор шудааст" дар назар доранд, ки ин шахсон беморанд, рӯҳан бемор, ва ба ҷои таълим додани суханони солим, чуноне ки дар ояти пештара

гуфта шудааст, онҳо бо суханони худ одамони мисли худашон беморро тарбия мекунанд. Беохир саволҳое медиҳанд, ки бо рӯҳонияти инсон умумияте надоранд, онҳо доимо баҳсҳои беҳуда мекунанд.

Азбаски ҳамаи он чи ин одамон мегӯянд, таълимоти Китоби Муқаддас нест, онҳо ҳақиқатро таълим дода наметавонанд. Ва дар натиҷа таълимоти онҳо боиси ҳасад, бадгӯӣ, низоъҳо, гумонҳои бад мегардад. “Дар саволҳо, баҳсҳо, аз боиси он чолокие ки ҳам ин ва ҳам он ба даст меоваранд, яке ба дигаре ҳасад мебарад; ҳангоме ки онҳо рақобат мекунанд, мубориза ба миён меояд; натиҷаи ҳамаи ин бадгӯӣ ба Худо мешавад, ки дар дастдарозӣ ба суханони муқаддаси Навиштаҳо ниҳон аст” (Ленскӣ).

**6:5** Ин баҳсҳо аз одамони “ақлрамида” бармеоянд, яъне ақли онҳо солим нест. “Ин ҳолати ғайрисолими ақл натиҷаи таҷзия ва ҷудошавӣ аст – лаёқатҳои ақлии ин одамон аллакай на дар соҳаҳои ақлӣ, на дар соҳаҳои рӯҳонӣ дуруст зоҳир шуда наметавонанд. Онҳо ба ҳақиқат муносибати дуруст карда наметавонанд. Воқеият худ аз худ бояд дар инсон аксуламали қабулкуниро бедор кунад, ва дар навбати аввал ҳақиқати илоҳӣ оиди наҷот чунин таъсирро дорост; ҳама гуна дурӯғ, таҳриф бояд боиси қабул накардан гардад, хусусан агар ин ба масъалаҳои ахлоқӣ ва рӯҳонӣ дахл дошта бошад... Ҳангоми бо “ҳақиқат” рӯ ба рӯ шудан, ақли бемор барои қабул кардани он танҳо монеаеро меҷӯяд; ҳангоме вай танҳо он чизеро пай мебарад, ки аз ҳақиқат фарқ дорад, онро қабул менамояд” (Ленскӣ).

Ин одамон аз ҳақиқат маҳруманд. Замоне онҳо онро медонистанд, аммо азбаски баъд рӯшноиро рад карданд, он ҳақиқатеро, ки замоне доштанд, гум карданд.

Ин одамон чунин фикр мекунанд, ки даромад тақводорӣ аст ва ё тақводорӣ барои даромад хизмат мекунад. Онҳо зоҳиран муаллим буданро афзал медонанд, то ки аз чунин ҳолат истифода бурда, барои меҳнати камтарин музди баландтарин гиранд. “онҳо хизмати муқаддастаринро сарватмандшавӣ мегардонанд”.

Ин на танҳо шубонони кирояро ба ёд меоварад, ки вонамуд мекунанд, гӯё ходимони масеҳӣ ҳастанд, аммо дар асл ростиро дӯст намедоранд, – ин водор менамояд, ки оиди бо тиҷорат даромехтани масеҳият фикр кунем. Агар Исо ҳангоми дар замин буданаш савдогаронро аз парастишгоҳ ронда бошад, дертар бо ин ҳама лотереяҳо, бозорҳо ва ҳатто фурӯши афвномаҳо чӣ кор мекард?

Суханони “аз чунин шахсон канорагирӣ намо” дар матни аслӣ вонамехӯранд.

## ДАСТОВАРДИ ҲАҚИҚӢ ДАР ЗИНДАГӢ (6:6-8)

**6:6** Агар ояти пештара оиди дастовардҳои бардурӯғ мегуфта бошад, ояти додашуда дастоварди ҳақиқиро нишон медиҳад. Якҷояшавии худотарсӣ ва қаноатмандӣ дастоварди бузургест. Худотарсӣ бе қаноатмандӣ боиси гувоҳии яктарафа мегардад. Худдорӣ бе тақводорӣ умуман ба масеҳият намеоварад. Аммо сифатеро, ки одам бо он тақводории ҳақиқиро дорост ва дар айни замон бо вазъи ҷорӣ қаноатманд аст, бо пул ба даст овардан ғайриимкон аст.

**6:7** Борҳо зикр шудааст, ки ин боб аз бисёр ҷиҳат ба Мавъизаи болои кӯҳ такя мекунад. Ояти пешина насиҳати Ӯро ёдрас мекунад, ки бояд ба он ки Падари Осмонӣ ба ҳамаи эҳтиёҷоти мо ҷавоб медиҳад, такя кунем.

Камаш се бор дар давоми зиндагӣ дастони ҳар кадоми мо холӣ мебошанд – ҳангоме ки мо зода мешавем, ҳангоме ки назди Масеҳ меоем ва ҳангоме ки мемирем. Ояти 7-ум ба мо оиди мавридҳои якум ва сеюм ёдрас мекунад. Мо ба ин ҷаҳон бо худ чизе намеоварем ва бе шубҳа, аз ин ҷаҳон чизеро бо худ бурда наметавонем.

Искандари Мақдунӣ пеш аз марг гуфт: “Ҳангоме ки ман мемирам, маро ба бистари марг гузоред, дастонамро напӯшонед, ва кафҳоямро кушода монед, то ҳама бинанд, ки онҳо холӣ мебошанд”. “Ҳа, ин дастон, ки замоне кавкабаи ҳукмрони ҷаҳонро мефишурданд; ки замоне шамшери ғолибро медоштанд; ки замоне пур аз симу зар буданд; ки замоне қудрати қатл кардан ва афв намуданро доштанд, акнун ХОЛӢ буданд” (Бейтс).

**6:8** Унсури асосии худдорӣ қаноат карда тавонистан бо чизи заруритарин аст. Падари осмонии мо медонад, ки мо ҳамеша ба хӯрок ва либос эҳтиёҷ дорем, ва ваъда додааст, ки онро ба мо медиҳад. Шахси беимон бештари вақтро дар пайи ба даст овардани хӯрок ва пӯшок мегузаронад. Масеҳӣ дар навбати аввал бояд дар ҷустуҷӯи Подшоҳии Худо ва ҳақиқати Ӯ бошад, ва он гоҳ Худо ҳама корро мекунад, то ин гуна имондор дар чизи зарурӣ эҳтиёҷ надошта бошад.

Калимае ки “либос” тарҷума шудааст, на танҳо пӯшокро, балки ҷои зистро низ дар назар дорад. Мо бояд бо хӯрок, либос ва манзил қаноат кунем.

## ХАТАРИ ЗАРПАРАСТӢ (6:9-10)

**6:9** Дар оятҳои 9–16 бевосита оиди онҳое гуфта мешавад, ки майли беандозаи бойшавӣ доранд. Гуноҳи онҳо на дар он аст, ки сарватмандона зиндагӣ мекунанд, балки дар он аст, ки сарватро дӯст медоранд.

Суханони “мехоҳанд сарватдор шаванд” ба касоне дахл дорад, ки майли бойшавиашон дар ҷои аввал меистад. Ва ин ҷо

сухан дар бораи одамоне меравад, ки танҳо бо хӯрок, пӯшок ва манзил қонеъ нашуда, чизи бештареро мехоҳанд.

Хоҳиши бойшавӣ одамро водор мекунад, ки ба васвасаҳо дода шавад. Барои расидан ба мақсад усулҳои ноинсофона, ва гоҳо бераҳмонаро истифода бурдан лозим меояд. Ин авантюраҳои хатарнок, ҳаннотӣ, қаллобӣ, тӯҳмат, дуздӣ ва ҳатто куштор аст.

Чунин шахс ба осонӣ гирифтори дом мегардад. Майли бойшавӣ чунон сахт мешавад, ки ӯ аллакай аз он мустақилона раҳо шуда наметавонад. Ӯ беҳуда ба худ ваъда медиҳад, ки ҳамин ки дар ҳисоби бонкиаш миқдори муайяни пул пайдо шавад, ӯ бозмеистад. Ҳамин ки ӯ ба ин мақсадаш расад, боз чизи бештареро доро будан мехоҳад.

Зарпарастӣ ҳамчунин бо хавотиршавиҳо ва нооромӣ, ки ҷонро нобуд месозад, ҳамроҳ аст.

Одамонеро, ки дар назди худ вазифаи сарватманд шуданро мегузоранд, бисёр майлҳо ва хоҳишҳои беақлона фаро мегиранд. Бисёр вақт барои нигоҳ доштани мавқеи ҷамъиятии худ онҳо он чизеро, ки барои зиндагӣ арзиши ҳақиқӣ дорад, қурбон менамоянд.

Чунин одамон майлу хоҳишҳои ҳалокатовар доранд. Хасисӣ шахсро водор мекунад, ки саломатияшро ба хатар андозад, ҷони худро нобуд кунад. Дар ҳақиқат, охир дар зиндагии онҳо мақсади ниҳоӣ, ки ба хотири он тайёранд ҳама чизи дигарро қурбон кунанд, сарвати моддӣ аст. Онҳо чунон бо ин фикрҳо машғуланд, ки ба роҳи вайронкунӣ ва ҳалокат равона мешаванд. Дар пайи зарпарастӣ онҳо ҷонҳои абадзиндаи худро рад мекунанд. “Ин вайронкунӣ ҳама чизро холӣ мекунад. Ин ҷо шахс бахт, шараф, некномӣ, ва ҷони худро барбод медиҳад”. Майли бойшавӣ, ки бар ӯ ҳукмфар-мост, ҳамаи он чиро, ки ӯ ҳозир дорад ва дар оянда хоҳад дошт, вайрон хоҳад кард. Бисёр намояндагони насли башар ҳамин тавр ҷони худро барбод додаанд” (Барнс).

**6:10** Дар ин оят гуфта нашудааст, ки муҳаббат ба пул решаи ягонаи *бади*ст, балки чунин муҳаббат яке аз решаҳои *ҳама гуна бади*ст. На ҳама гуна бадӣ аз муҳаббат ба пул ба амал меояд. Аммо пулдӯстӣ, албатта, яке аз сарчашмаҳои асосии бадист. Он, масалан, ҳасад, бадгӯӣ, дуздӣ, фиреб, бетаҳаммулӣ, худпарастиро ба вуҷуд меоварад, одамро водор мекунад, ки Худоро фаромӯш кунад...

Бояд зикр кард, ки ин ҷо сухан на оиди худи пул аст, балки оиди муҳаббат ба он. Пулро барои хизмат ба Худованд истифода бурдан мумкин аст. Аммо маҳз зарпарастии беандоза боиси гуноҳ ва шармандагӣ мегардад.

Аммо бадии аниқ, ки решааш дар зарпарастӣ аст, канораҷӯӣ аз имони масеҳист. Аз пайи дарёфти симу зар шуда, одамон

чизҳои рӯҳониро рад мекунанд, ва баъд аз ин гуфтан имкон надорад, ки оё онҳо умуман ба наҷот ёфтан майл доштанд ё не.

Фаҳмидани арзишҳои рӯҳониро бас карда, одамон худро ба бисёр азобҳо дучор карданд. Тасаввур кунед, ки майли ҳарисонаи бойшавӣ  чӣ қадар ғаму андӯҳ меоварад! Пеш аз ҳама, ин фоҷиаи зиндагии беҳуда сарфшуда аст. Ҳангоме ки фарзандон ба ҷаҳон мераванд, чунин одамон азоби рӯҳӣ мекашанд. Онҳо мебинанд, ки сарваташон бо мурури замон ба ҳеҷ табдил меёбад. Онҳо аз тарси вохӯрӣ бо Худо метарсанд, зеро наҷот наёфтаанд, ё дастхолӣ мондаанд.

"Пул, рости гап, яке аз он сарватҳоест, ки камтар аз ҳама чиз метавонанд қаноатмандӣ оваранд. Ҳақиқатан, бо пайдо шудани пул бисёр душвориҳо аз байн мераванд, аммо дар ивази онҳо мушкилоти нав пайдо мешаванд. Дар аввал душвориҳое ба миён меоянд, ки бо соҳиб шудан ба онҳо вобастаанд, сипас ташвишҳои вобаста бо нигоҳ доштани онҳо. Сипас васвасаҳое пайдо мешаванд, ки бо истифодаи пул вобаста аст. Бо суиистифодаи пул ҳисси айбдорӣ пайдо мешавад. Бепул монда, кас азоб мекашад. Аксаран оиди тарзи истифодаи пул ба қароре омадан душвор аст. Аз се ду ҳиссаи ҷанҷолҳо ва кашмакашҳои судӣ аз боиси пул ба амал меоянд (Райл).

Сарватмандтарин шахси ҷаҳон ҳозир (соли 1976) дорои чоҳҳои нефт, корхонаҳои коркарди нафт, танкерҳо ва нефтепроводҳо аст; дар ихтиёри ӯ ҳамчунин меҳмонхонаҳо, ширкати суғуртавӣ ва низ ширкати ҳавопаймоӣ ва молиявӣ мебошанд. Аммо ... "ӯ мулки худро, ки масоҳати умумияш 700 акр аст, бо нигаҳбонон, сагҳои бадхашм, панҷараҳои пӯлодӣ иҳота намуда, сигнализатсия гузорондааст. Илова ба ҳар гуна тарсҳо аз киштиҳо ва ҳавопаймоҳо ӯ аз бемориҳо, синни пирӣ, нотавонӣ ва марг метарсад. Ӯ танҳо ва нохушнуд аст. Ва ба ӯ лозим меояд эътироф намояд, ки хушбахтиро бо пул харидан имкон надорад".

## КАНОРАГИРӢ НАМО – ПАЙРАВӢ КУН – ТАЛОШ НАМО (6:11-12)

**6:11** Павлус Тимотиюсро "одами Худо" меномад. Пайғамбарони Тавротро аксаран чунин меномиданд, ва бо ин ибора шахсеро тасвир менамуданд, ки рафтори тақводорона дошт. Аз ин суханон хулоса баровардан мумкин аст, ки Тимотиюс бахшоиши пайғамбарӣ дошт. Ибораи мухолифи ин, яъне "шахси пур аз шарорат"-ро дар боби 2-юми Номаи дуюм ба Таслӯникиён пайдо мекунем. Шахси пур аз шарорат таҷассуми гуноҳ хоҳад буд. Гуноҳ дар вай зоҳир мешавад. Ҳамаи он чи бо ин шахс вобаста аст, дигаронро водор мекунад, ки оиди гуноҳ фикр кунанд. Тимотиюс бояд марди Худо бошад, шахсе ки

одамонро водор мекунад оиди Худо фикр кунанд ва Худоро ситоиш кунанд.

Тимотиюс дар хизмат ба Масеҳ бояд аз ғурур (о. 4), нопокӣ (о. 5), рӯҳи ноқаноатмандӣ (оятҳои 6-8), ҳавасҳои беақлона ва зарарнок (о. 9) ва зарпарастӣ (о. 10) ҳазар намояд. Ӯ бояд дар худ хислати масеҳиёнаро тарбия намояд – ягона чизеро, ки ӯ ба осмонҳо бо худ бурда метавонад. Дар ин оят қисмҳои таркибии хислати масеҳӣ номбар шудаанд: ростӣ, тақводорӣ, имон, муҳаббат, сабр, фурӯтанӣ.

Ростӣ, боинсофӣ ва бовиҷдониро дар муомила бо наздиконамон дар назар дорад. Тақводорӣ, чуноне ки аллакай гуфтем, кӯшиши ба Худо монанд шудан аст. Имон ҳам вафодорӣ ва ҳам кӯшиши ба Худо такя кардан аст. Муҳаббат муносибати моро ҳам ба Худо ва ҳам ба наздиконамон тавсиф медиҳад. Сабр бо вуҷуди озмоишҳо, устувор ва вафодор буданро дар назар дорад, дар ҳоле ки фурӯтанӣ хислати олиҳимматона аст.

**6:12** Тимотиюс бояд на танҳо "ҳазар намояд" ва "аз пояш равад", балки ҳамчунин "талош намояд". Маънои "талош намудан" дар мавриди додашуда ба феъли "муборизa бурдан" наздик аст.

Мубориза, ки ин ҷо оиди он сухан меравад, имони масеҳӣ ва ҳама чизи бо он вобаста аст. Тимотиюс бояд бо муваффақият чунин мубориза барад, он амалан тамоми умр давом мекунад. Ин маънои онро надорад, ки ба ӯ лозим меояд барои наҷоти худ мубориза барад. Ӯ аллакай наҷот ёфтааст. Ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки вай бояд ҳар рӯз худро дар зиндагии ҷовидон, ки аллакай дорад, зоҳир намояд.

Тимотиюс дар лаҳзаи наҷот ёфтан ба зиндагии ҷовидон даъват шуда буд. Ғайр аз ин, ӯ дар пеши шоҳидони бисёр "эътирофи нек" кардааст. Аз афташ, ин ҷо оиди ғӯтаи ӯ гуфта мешавад, агарчи метавонад шаҳодат оиди Худованд Исои Масеҳро ба маънои васеътар дар бар гирад.

## ВАФОДОРӢ БА РОСТӢ (6:13-16)

**6:13** Дар ин оят Павлус ба Тимотиюс дастури ҷиддӣ медиҳад, ва ин корро дар ҳузури ду гувоҳи бузург мекунад. Аввалан, ӯ Худоро, ки ҳама чизи зиндаро зиндагӣ мебахшад, ба гувоҳӣ даъват мекунад. Ин номаро ба Тимотиюс равона карда, Павлус, аз афташ, фикр мекард, ки боре барои гувоҳӣ оиди Худованд Исо зиндагиашро дода метавонад. Агар чунин шавад, сарбози ҷавон бояд дар ёд нигоҳ дорад, ки Худо ҳамонест, ки ба ҳама мавҷудоти зинда зиндагӣ мебахшад. Агар Тимотиюсро кушанд, имони ӯ дар касест, ки метавонад аз мурдагон зинда кунад.

Соният, Павлус ин дастурро дода, Исои Масеҳро ба гувоҳӣ даъват мекунад. Исо намунаи бузурги эътирофи некест, ки Ӯ дар рӯ ба рӯи Понтиюс Пилотус зоҳир намуд. Ва агарчи инро оиди ҳамаи суханон ва амалҳои Наҷотдиҳанда дар назди ҳокими румӣ гуфтан мумкин аст, ин оят дар навбати аввал ба он чи дар Юҳанно 18:37 мехонем, дахл дорад:

> Ман барои он таваллуд ёфтаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам; ва ҳар кӣ аз ростист, овози Маро мешунавад.

Ин эътирофи устуворона ба Тимотиюс чун намунае оварда шуда буд, ки барои гувоҳӣ додан оиди ҳақиқат бояд ба он пайравӣ кунад.

**6:14** Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки ба ин фармуда пайравӣ кунад. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки ин суханон ба фармуда оиди дар имондорӣ машқ додани худ дахл доранд, ки дар боло сухан дар бораи он рафта буд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки дар ин ҷо тамоми даъвати Павлус ба Тимотиюс, ки дар ин нома ҳаст, дар назар дошта шудааст. Сеюмиҳо чунин меҳисобанд, ки ин фармуда ваҳйи Хушхабар аст, ки Худо дар Каломи Худ додааст. Мо чунин меҳисобем, ки ин даъвати вафодор будан ба ҳақиқати имони масеҳӣ аст.

Калимаҳои “беайб ва бенуқсон”, бе шубҳа, на ба фармуда, балки ба Тимотиюс дахл доранд. Ба ин фармуда пайравӣ намуда, Тимотиюс бояд ба кори шаҳодат, шаҳодати беайб ва бенуқсон вафодор бошад.

Касе ки ба Инҷил бовар мекунад, ҳамеша бояд Худованд Исои Масеҳро дар ёд дошта бошад. Дар ин ҷаҳон ба Масеҳ вафодор будан ҳангоми доварии Масеҳ қадр карда мешавад. Ин мукофотҳо, дар навбати худ, он вақт намоён мегарданд, ки Худованд Исо ба замин бозмегардад ва подшоҳии Худро барпо мекунад. Маҳз дар ҳамин лаҳза натиҷаҳои вафодорӣ ва бевафоӣ ба Худованд аён мешаванд.

**6:15** Аз матни ин оят тамоман нофаҳмост, ки оё сухан дар бораи Худо Падар меравад ё оиди Худованд Исои Масеҳ. Дар байни муҳаққиқони Китоби Муқаддас оиди ин масъала ҳамфикрӣ нест. Худ аз худ, ояти 15, дар назари аввал оиди Худованд Исо мегӯяд, чунки маҳз Ӯро дар Ваҳй 17:14 “Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон” меноманд. Аз тарафи дигар, дар ояти 16 сухан дар бораи Худо Падар меравад.

Ба ҳар ҳол, маънои ояти 15, аз афташ, аз ин иборат аст: ҳангоме ки Худованд Исои Масеҳ бозмегардад ва дар замин ҳукмронӣ мекунад, одамон мефаҳманд, ки «таборак ва ягона» кист. Бозгашти Ӯ нишон медиҳад, ки Подшоҳи ҳақиқӣ кист. Дар замоне ки Павлус ба Тимотиюс номаро менавишт, Худованд Исоро рад мекарданд, чуноне ки ҳоло ҳам рад мекунанд. Аммо

вақте фаро мерасад, ки ҳама мебинанд, ки Ӯ бар ҳамаи сокинони замин Подшоҳ аст, ва Ӯ бар ҳамаи ҳукуматдорон Худованд аст.

“Таборак” на танҳо шахси сазовори ситоиш аст, балки ҳамчунин касест, ки Худ дар Худ пуррагии тамоми баракатро дорост.

**6:16** Ҳангоме ки Худованд Исо ба замин меояд, одамон ҳамчунин дарк мекунанд, ки танҳо Худо ягона касест, ки намирандагӣ *хоси Ӯст*. Намирандагии фариштагон ба онҳо ато карда шудааст, ва имондорон ҳангоми растохез баданҳои намиранда мегиранд (1Қӯринтиён 15:53-54), аммо танҳо Худо Худ аз Худ намиранда аст.

Сипас дар ин оят гуфта мешавад, ки Худо дар рӯшноии дастнорас сокин аст, ки ҳеҷ кадоми одамон ба он наздик шуда наметавонад. Сухан дар бораи шукӯҳи дурахшон ва пурҷило меравад, ки тахти Худоро иҳота кардааст. Одам аз боиси ҳолати табиии худ аз чунин шукӯҳ нобуд мешавад. Ва танҳо касоне ки Писари Дӯстдоштаи Худоро қабул кардаанд, дар Масеҳ камолот пайдо намудаанд, ягон вақт ба ин рӯшноӣ наздик мешаванд.

Ҳеҷ кас Худоро надидааст ва дида наметавонад. Дар Таврот одам шоҳиди зуҳуроти берунии Худо буд. Аммо дар Инҷил Худо Худро дар шахсияти Писари дӯстдоштаи Худ Худованд Исои Масеҳ ба таври комил зоҳир намуд.

Аммо ҳақиқат ин аст: Худо ба чашмони одамон нонамоён аст.

Худоро шавкат ва қудрати ҷовидон бод, ва Павлус даъвати худро аз Тимотиюс бо чунин нишонаи эҳтироми Худо анҷом медиҳад.

## НОТАРСОНА ОГОҲ НАМУДАНИ САРВАТМАНДОН (6:17-19)

**6:17** Пештар дар ин боб Павлус оиди шахсоне мегуфт, ки сарватманд будан мехоҳанд. Дар оятҳои додашуда ӯ оиди шахсоне сухан меронад, ки аллакай сарватманд шудаанд. Тимотиюс бояд ин шахсонро огоҳ намояд, ки ҳавобаландӣ накунанд. Бисёр касоне ки ба муваффақиятҳо ноил шудаанд, ба чунин васваса дода мешаванд. Онҳо ба шахсоне ки сарват надоранд, аз боло ба поён менигаранд, чун ба шахсони бехирад ва бемаданият. Албатта, дар асл на ҳамеша ин тавр аст. Дар Инҷил, бар хилофи Таврот, сарват нишонаи баракати Худо нест. Барои зердастони шариат нишонаи ҳусни таваҷҷӯҳи Худо сарват аст; дар замони ҷамоат ва файз душвориҳо ва маҳрумиятҳо баракати бузурге мебошанд.

Сарватмандон набояд ба “сарвати бебақо” (ба маънои аслӣ) умед банданд. Пул меояд ва меравад. Сарчашмаи неъматҳои

моддӣ фақат ҳисси зоҳирии бехатариро медиҳанд, танҳо Каломи Худо дар ин ҷаҳон дуруст ва тағйирнопазир аст.

Бинобар ин «ба Худои зинда» умед бастан даркор аст, ки ҳама чизро барои хурсандии мо ба фаровонӣ медиҳад. Яке аз хусусиятҳои маккоронаи сарватҳои моддӣ он аст, ки одам онро ба даст оварда, танҳо ба онҳо такя мекунад. Ин яке аз шаклҳои бутпарастӣ аст, ки ҳангоми он ҳақиқате рад карда мешавад, ки Худо ба мо хурсандии ҳақиқиро медиҳад. Суханони охирини ин оят зарурати дар ҳашамат зистанро сафед намекунанд ва мегӯянд, ки Худо Сарчашмаи хурсандии ҳақиқист, ки неъматҳои моддӣ онро дода наметавонанд.

**6:18** Масеҳӣ бояд дар ёд нигоҳ дорад, ки пуле ки ӯ дорад, ба ӯ тааллуқ надорад. Ба ӯ имкон дода шудааст, ки онро дар ихтиёр дошта бошад, ва ӯ бояд онро барои шукӯҳи Худо ба нафъи наздикони худ истифода барад, ва низ ба эҳтиёҷмандон хайр кунад.

"Валинеъмат (саховатманд) ва одамдӯст бошанд": яъне шахси имондор бояд омода бошад, то воситаҳои моддиро мувофиқи нишондоди Худованд истифода барад.

**6:19** Ин оят ҳақиқатеро таъкид мекунад, ки мувофиқи он мо метавонем неъматҳои моддии худро чунон истифода барем, ки онҳо ба мо фоидаи ҷовидонӣ оваранд. Пулро ҳозир барои хизмат ба Худо истифода бурда, мо барои оянда ва низ барои зиндагии ҳозира асоси нек мегузорем.

## ИМОНИИ ҲАҚИҚИРО МУҲОФИЗАТ НАМО (6:20-21)

**6:20** Дар ин оятҳо даъвати охирини Павлус ба Тимотиюс дар ин нома мавҷуд аст. Фириста аз ӯ хоҳиш мекунад, ки он чиро, ки ба ӯ амонат гузошта шудааст, муҳофизат кунад. Аз афташ, ин ҷо сухан дар бораи таълимоти ҳақиқии имони масеҳӣ меравад. Ин ҷо на масъалаи ҷони Тимотиюс ва на наҷоти ӯ, балки масъалаи ҳақиқати Хушхабар оиди файзи Худо аст. Монанди он ки одам пулашро ба бонк боварӣ карда месупорад, ҳақиқат ба Тимотиюс супурда шуда буд, то ӯ онро пурра ва бенуқсон нигоҳ дорад.

Ӯ бояд аз беҳудагӯии нодаркор ва мухолифатҳои илмҳои дурӯғин канораҷӯӣ кунад. "Ёвагӯии ношоям" суханони беҳуда оиди масъалаҳое мебошанд, ки барои одам аҳамияти амалӣ надоранд.

Ба ҷои калимаи "дониш" дар баъзе тарҷумаҳои дигар калимаи "илмҳо" аст. Павлус мефаҳмид, ки ба Тимотиюс лозим меояд бо чунин таълимотҳое сару кор дошта бошад, ки бисёриҳо дониши ҳақиқӣ меҳисобанд, аммо онҳо бо ваҳйи масеҳӣ ҳеҷ умумияте надоранд. "Гностикҳо дар замони Павлус мегуфтанд,

ки шогирдони худро аз мақоми *имондорон*и оддӣ ба мақоми одамони баландмартаба ва лаёқатманд роҳнамоӣ мекунанд, ки асрори ҳастиро *медонанд* ва ба воситаи ин донишҳо аз ҳолати ғуломӣ дар ҷаҳони моддӣ ба ҳолати озодӣ дар ҷаҳони рӯҳ мегузаранд" (Маул). Тимотиюс аз ҳамаи ин бояд рӯй гардонад.

Дар замони мо ин оят нисбати равияҳои динии дурӯғин ҳақиқист. Намояндагони он мегӯянд, ки таълимоти онҳо ҳам масеҳият ва ҳам илм аст, аммо дар асл на ин ва на он аст.

Ин оят ба бисёр шаклҳои илмҳои табиӣ, ки имрӯзҳо дар мактабҳо ва дигар муассисаҳои илмӣ таълим дода мешаванд, муносибат дошта метавонад. Дар асл ҳеҷ як кашфиёти ҳақиқии илмӣ ба Китоби Муқаддас мухолифат надорад, чунки ҷаҳони илмии оламро ҳамон Офаридгоре офаридааст, ки Китоби Муқаддасро навиштааст. Аммо бисёр фактҳои гӯё илмӣ дар асл назарияҳои исботнашуда мебошанд. Ҳама гуна фаразияе ки ба Китоби Муқаддас мухолифат дорад, бояд рад карда шавад.

**6:21** Павлус мефаҳмид, ки баъзе масеҳиён ба таъсири таълимоти дурӯғин дода шуда, аз имон дур шудаанд. Мувофиқи ақидаи баъзе муҳаққиқон, фириста ин ҷо оиди имондороне мегӯяд, ки на бо хоҳиши худ гумроҳ шудаанд. Дар асл гап дар бораи бепарвоӣ аст, ки боиси дур шудан аз ҳақиқат мегардад. Гап на дар он аст, ки ин одамон аз таълимоти дурӯғин рӯ нагардондаанд, – онҳо барои ин ҳатто кӯшиш накардаанд. Оятҳои охирини нома оиди хатари бузурги интеллектуализм, ратсионализм, модернизм, либерализм ва дигар "измҳо" мегӯянд, ки моро аз Масеҳ дур мекунанд.

Суханони охирини Павлус дар ин нома, ки ба Тимотиюс нигаронида шудаанд, "Файз бо ту бод" мебошанд. Он ҳақиқат ҷолиби диққат аст, ки дар матни ибтидоӣ ба ҷои ифодаи "бо ту" ифодаи "бо шумо" аст. Павлус медонист, ки нома ба Тимотиюсро дигар масеҳиён низ хонда метавонанд, бинобар ин дар охир ӯ хоҳишеро изҳор менамояд, то файзи Худо ва Худованд Исои Масеҳ бар ҳамаи онҳое бошад, ки онро мехонанд.

# НАҚШАИ НОМАИ ДУЮМ БА ТИМОТИЮС

**I.** Саломи муқаддимавӣ ба Тимотиюс (1:1-5).
   а. Дуруд (1:1-2).
   б. Шукргузорӣ (1:3-5).

**II.** Насиҳатҳо ба Тимотиюс (1:6 – 2:13).
   а. Авҷ гирондани бахшоиши Худо (1:6).
   б. Даъват оиди далер будан (1:7-12).
   в. Даъват оиди пайравӣ намудани имон (1:13-14).

г. Даъват оиди фаромӯш накардани дӯстони имондор (1:15-18).
   1. Намунае ки ба он пайравӣ кардан даркор нест (1:15).
   2. Намунае ки ба он пайравӣ кардан даркор аст (1:16-18).

д. Зарурати шахсан қавӣ будан (2:1).

е. Зарурати ба одамон рост гуфтан (2:2).

ж. Ходими имон сарбози Исои Масеҳ аст ва бояд худро ба корҳои рӯзғор банд накарда, ба душвориҳо тоб оварад (2:3-4).

з. Монанди варзишгар, ӯ бояд қоидаҳоро риоя кунад (2:5).

и. Монанди зироаткор ӯ бояд аввалин шуда аз меваҳои худ чашад (2:6-7).

к. Даъват оиди ҳамеша дар ёд доштани Масеҳ (2:8).

л. Фириста чун намунаи азобу уқубат (2:9-10).

м. Даъват оиди вафодорӣ ба Наҷоткор ё аз ҷониби Ӯ рад шудан (2:11-13).

**III.** Зарурати махсус ҳимоя кардани имони масеҳӣ (2:14-26).

а. Муаллимонро бояд огоҳ намуд, ки имони шогирдонро барҳам назананд (2:14).

б. Тимотиюс бояд ба Калом вафодор монад (2:15).

в. Хатари таълим додани таълимотҳое, ки бар Навиштаҳо асос наёфтаанд (2:16-18).

г. Одамони гуногуне ки ба масеҳият меоянд, ва зарурати ҷудошавӣ аз одамони бад (2:19-21).

д. Зарурати дар покӣ ва ростӣ мондан (2:22).

е. Зарурати аз мубоҳисаҳои ҷоҳилона дурӣ ҷустан (2:23-24).

ж. Зарурати олиҳиммат ва фурӯтан будан бо дигарон, хусусан бо онҳое, ки аз ҳақиқат дур шудаанд (2:24-26).

**IV.** Тасвири азимонгардӣ дар оянда (3:1-13).

а. Ҳақиқати он, ки маҳз ҳамин тавр мешавад (3:1).

б. Хусусиятҳои хоси азимонгаштаҳо (3:2-5).

в. Тарзи рафтори онҳо (3:6-8).

г. Шикасти ниҳоии онҳо (3:9).

д. Зикр оиди Павлус чун намунаи вафодорӣ ва азобҳо (3:10-11).

е. Ногузир будани азобҳо (3:12).

ж. Афзудани назарраси бадӣ (3:13).

**V.** Марди Худо дар замонҳои аз имон рӯ гардондани одамон бояд чӣ гуна бошад (3:14 – 4:8).

а. Вафодорӣ дар пайравӣ ва таълими Навиштаҳои Муқаддас (3:14-17).

б. Зарурати мавъизаи Калом (4:1-2).

в. Чаро мавъиза кардан ин қадар зарур аст (4:3-4).

г. Даъват оиди ҳушёр будан, азоб кашидан, мужда расон-дан, хизмат кардан, чунки Павлус ҳис мекунад, ки хизмати заминияш ба қарибӣ анҷом меёбад (4:5-8).

**VI.** Дархостҳо ва мулоҳизаҳои шахсӣ (4:9-22).

а. Дархост аз Тимотиюс то ки биёяд ва Маркӯсро бо худ оварад (4:9-12).

б. Дархост оиди ридо ва китобҳо (4:13).

в. Тафсилоте ки ба душвориҳои доварии Павлус дахл доранд (4:14-18).

г. Дурудҳо, баъзе хабарҳо ва дархости ниҳоии Павлус аз Тимотиюс, то назди ӯ ба Рум биёяд (4:19-21).

д. Баракатхоҳӣ (4:22).

ДАРСИ ҲАФТУМ

# ДАЪВАТ АЗ ТИМОТИЮС
**2Тимотиюс 1:1-18**

## МУҚАДДИМА

Мавзӯи ин нома дар ояти 15-уми боби 2 хуб тасвир ёфтааст: “Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ...” Баръакси Номаи якум ба Тимотиюс, ки дар он Павлус пеш аз ҳама оиди амалҳои якҷоя гап мезад, ин ҷо оиди ҷавобгарии шахсӣ ва рафтор сухан меравад. Мавзӯи номаро чунин тасвия намудан мумкин аст: “Ҷавобгарии шахсии одам дар замони гумроҳиҳои умумӣ”.

Чуноне ки минбаъд маълум мешавад, Павлус дар ин нома оиди бисёр гумроҳиҳои дар масеҳият паҳншуда сухан меронад. Нома дар замоне навишта мешуд, ки бисёр касон аз имон ва ростӣ дур шуда буданд. Ин ба ҳар як имондор дар алоҳидагӣ чӣ гуна таъсир мекунад? Оё ин аз ростӣ ва зиндагии тақводорона даст кашидани ӯро сафед карда метавонад? Ҷавоб дар нома аниқ аст – “Не!” “Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ...”

Ин ҷо қиссаи Дониёл дар солҳои ҷавонияш дар Бобил тасвири хубе буда метавонад (Дониёл 1). Аз боиси гуноҳи бузурги халқи Исроил, ӯ дар қатори бисёр ҳамватанонаш, ба Бобил бурда шуда буд. Исроилиён аз имкониятҳои риояи ҳамаи расму русуми берунии дини худ маҳрум буданд: қурбонӣ овардан, хизмати коҳинон, парастиш дар парастишгоҳ ва ғайра. Якчанд сол пас аз вайрон карда шудани Уршалим ва ба асирӣ бурда шудани тамоми халқи Исроил ҳамаи ин чизҳо барҳам хӯрданд. Оё Дониёл баъд аз ин гуфт: “Акнун ман метавонам шариат ва пайғамбаронро фаромӯш кунам ва пурра ба анъанаҳо, урфу одатҳое ки дар ин ҷо дар Бобил ҳукмфамоянд, рӯ оварам”? Сарчашмаҳои таърихӣ ба мо ҷавоби комилан аникро боқӣ гузоштаанд, ки имони ӯ то чӣ андоза қавӣ буд ва ҳатто дар чунин вазъияти ноумедона устувор монд.

Ҳамин тариқ Номаи дуюм ба Тимотиюс низ ба шахсияти алоҳида, ба шахси имондор нигаронида шудааст, ки ӯ мебинад, ки ҷамоат паст рафтааст ва аксари имондорон аз муқаддасӣ ва соддагии Инҷил дуранд. Чунин имондор ба ҳар ҳол бояд “парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунад” (2Тимотиюс 3:12).

## ДУРУДҲОИ МУҚАДДИМАВӢ (1:1-5)

**1:1** Дар худи ибтидои нома Павлус худро фиристаи Исои Масеҳ меномад. Худованди шукӯҳманд ба ӯ хизмати махсусеро додааст. Ин вазифа ба ӯ на аз ҷониби одам ва на ба воситаи одам, балки бевосита аз ҷониби Худо, бо хости Ӯ дода шуда буд. Ғайр аз ин, Павлус оиди хизмати фиристагии худ мегӯяд, ки он "ба ҳасби ваъдаи зиндагӣ, ки дар Исои Масеҳ аст" мебошад. Худо ваъда дод, ки ҳамаи касоне ки ба Исои Масеҳ бовар доранд, зиндагии ҷовидон ба даст меоваранд. Даъват аз Павлус оиди фириста шудан пурра бо ин ваъда мувофиқат мекунад. Дар ҳақиқат, агар ваъда намебуд, эҳтиёҷе ба Павлус барин фиристаҳо намебуд.

"Зиндагии ҷовидон дар Исои Масеҳ ба мо аз рӯи ваъдаи илоҳӣ дода мешавад. Ва Павлус дар мувофиқати пурра бо ин ваъда фириста шуд" (Вайн).

"Дар ин нома панҷ зикр оиди зиндагӣ ҳаст. 1:1 – ваъдаи зиндагӣ; 1:10 – дурахшон кардани зиндагӣ; 2:11 – иштирок дар зиндагӣ; 3:12 – намунаи зиндагӣ ва 4:1 – мақсади зиндагӣ" (В. Флинт).

**1:2** Дар ин оят Павлус Тимотиюсро "фарзанди маҳбуб" меномад. Ин суханон ҳақиқатан исбот карда наметавонанд, ки Тимотиюс ба шарофати хизмати Павлус имон оварда буд. Оиди ин вохӯрии якум дар Аъмол 16:1 зикр карда мешавад. Дар он ҷо гуфта шудааст, ки Тимотиюс ҳанӯз то ба Лустра омадани Павлус шогирд буд. Шояд вай ҳангоми бори аввал ба Лустра омадани Павлус наҷот ёфта буд (Аъмол 14). Ба ҳар ҳол фириста Тимотиюсро фарзанди дӯстдошта дар имон меҳисобад.

Чун дар Номаи якум ба Тимотиюс, Павлус дар дуруди худ оиди файз, марҳамат ва осоиштагӣ мегӯяд. Дар мавод оиди 1Тимотиюс мо зикр карда будем, ки ҳангоме Павлус ба ҷамоатҳо мурочиат мекард, ӯ ба онҳо файз ва осоиштагӣ мехост. Ба шахси муайян, ба Тимотиюс мурочиат карда, ӯ калимаи марҳаматро илова мекунад. Гай Кинг фикреро баён намудааст, ки файз дар ҳар хизмат, марҳамат дар ҳар нобарорӣ, ва осоиштагӣ дар ҳар вазъият даркор аст. Ҳиберт марҳаматро чун меҳрубонии Худо муайян мекунад, ки Ӯро водор мекунад ба касоне ки аз ғам ва бадбахтӣ азоб мекашанд, навозишкорона ва бо ҳамдардӣ муносибат кунад.

Ин баракатҳо аз Худо Падар ва Масеҳ Исо, Худованди мо бармеоянд. Ин боз як намунаи он аст, ки Павлус Писарро чун Падар ҷалол медиҳад.

**1:3** Павлус бо услуби хоси худ Худоро шукр мегӯяд. Ин суханонро хонда, мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки ӯ номаро дар зиндон менавишт. Ӯро ба он ҷо барои он партофтанд, ки Хушхабарро мавъиза менамуд, ва акнун ба ӯ чун ба ҷинояткори муқаррарӣ муносибат мекарданд. Дар он солҳо ҳукуматдорони

румӣ имони масеҳиро бераҳмона пахш мекарданд, ва бисёр масеҳиён дар вақти навишта шудани ин нома аллакай кушта шуда буданд. Бо вуҷуди чунин вазъияти вазнин Павлус номаи худро бо суханони “Худоро шукргузорӣ менамоям!” сар мекунад.

Павлус ба Худо “чун аҷдоди худ бо виҷдони пок” самимона хизмат мекард. Шояд суханони ӯ барои бисёриҳо аҷиб тобанд, зеро худи Павлус пеш аз наҷот ёфтан масеҳиёнро сахт таъқиб мекард. Ғайр аз он, дар ин ҷо ишора ба аҷдод низ метавонад аҷиб тобад. Охир онҳо на масеҳӣ, балки яҳудӣ буданд.

Аҷдод ҳақиқатан масеҳӣ набуданд, аммо ба Худои зинда бовар мекарданд. Онҳо ӯро мепарастиданд ва кӯшиш мекарданд ба Ӯ хизмат кунанд. Онҳо ба растохези мурдагон умед доштанд, чуноне ки Павлус дар Аъмол 23:6 гуфта буд. Бинобар ин баъдтар, дар Аъмол 26:6-7, Павлус мегӯяд: “Ва ҳоло барои умед бастанам ба он ваъдае ки Худо ба падарони мо додааст, ман муҳокима карда мешавам, дар сурате ки дувоздаҳ сибти мо шабу рӯз бо ҷидду ҷаҳд ибодат мекунанд”.

Ҳамин тариқ, Павлус бо ҳуқуқи пурра гуфта метавонист, ки ба Худованд чун аҷдоди худ хизмат мекунад, мекӯшад ба намунаи онҳо пайравӣ намояд. Калимае ки дар ин ҷо ба хизмат дахл дорад, бо вафодорӣ вобаста аст. Ӯ Худои ҳақиқиро эътироф менамуд.

Дар хусуси гуфтаи Павлус оиди бо виҷдони пок ба Худо хизмат кардан бояд гуфт: масеҳиёнро таъқиб карда, ӯ боварӣ дошт, ки бо ин кораш хости Худоро ба ҷо меоварад. Чуноне ки фириста ба Тимотиюс дар номаи якуми худ фаҳмонда буд, ӯ аз рӯи нодонӣ, дар беимонӣ чунин мекард (1Тим. 1:13). Ин ба мо ёдрас мекунад, ки виҷдон на ҳамеша роҳнамои боварибахш аст. Зиёда аз ин, агар он ба Рӯҳ ва Калом мувофиқат накунад, хатарнок буда метавонад. Гиббс виҷдонро бо соати офтобӣ монанд кардааст. Чунин соат танҳо дар рӯшноии офтоб вақти дурустро нишон медиҳад, аммо шабона, дар рӯшноии сунъӣ, он метавонад вақти дилхоҳатонро нишон диҳад.

Сипас Павлус мегӯяд, ки ҳамеша, рӯзу шаб Тимотиюсро дар дуоҳояш ба ёд меоварад. Ҳар дафъа, дар дуо ба Худованд муроҷиат карда, ҳамкори дӯстдоштаи ҷавони худро дар ёд дошт ва номи ӯро назди Тахти Файз меоварад. Павлус медонист, ки хизмати худи ӯ ба қарибӣ анҷом меёбад, ва ба Тимотиюс лозим меояд дар алоҳидагӣ оиди Масеҳ муждарасонӣ кунад. Ӯ он душвориҳоеро, ки Тимотиюс бо онҳо дучор мешавад, медонист, бинобар ин доимо барои ин хизматгори ҷавони имон дуо мекард.

**1:4** Чунин суханони таъсирбахш баёнгари муҳаббат, эҳтиром ва илтифот ба Тимотиюс буда, дар айни замон меҳрубонӣ ва фурӯтании Павлусро ошкор менамоянд – агарчи, ба қавли Маул, “андӯҳи дарднок”-ро аз сар мегузаронд.

Аз афташ, ҳангоми вохӯрии охирин Тимотиюс хеле ғамгин буд, ва ашкҳои ӯ ба фиристода сахт таъсир расонданд. Павлус инро фаромӯш карда наметавонист ва акнун мехост боз бо Тимотиюс вохӯрад ва хурсанд шавад.

Павлус Тимотиюсро барои ин ашкҳо сарзаниш намекунад, агарчи бисёриҳо ҳеҷ гоҳ инро нишонаи мардонагӣ намеҳисобиданд. Аммо Ҷоуэтт дар ин бора чунин гуфтааст: “Дар дилҳое ки ашкҳоро намедонанд, барои ҳамдардӣ ҷой нест. Ҳангоме ки мо эҳсос намудани дардро бас мекунем, хизмати ҳамдардиро ба ҷо оварда наметавонем”.

**1:5** Павлус бо кадом як тарзи номаълум ҳамеша медонист, ки имони Тимотиюс риёкорона набуд. Имони ӯ самимӣ, рост, воқеӣ буд.

Аммо Тимотиюс дар оилааш аввалин каси имоноварда набуд. Мувофиқи матни оят, бибии ӯ Лӯид, ки яҳудӣ буд, Хушхабарро оиди наҷот шунида, Худованд Исоро Масеҳ эътироф намуд. Духтараш Авниқо, ки низ яҳудӣ буд, масеҳӣ шуд (Аъмол 16:1). Ҳамин тариқ, Тимотиюс оиди ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳӣ фаҳмид ва дар оилаи касоне ки ба Наҷотдиҳанда имон доштанд, намояндаи насли сеюм шуд. Дар Навиштаҳо гуфта нашудааст, ки оё падари Тимотиюс имондор шуд ё не.

Агарчи наҷотро аз волидон ба мерос гирифтан имкон надорад, он низ дуруст аст, ки дар Навиштаҳо принсипи хонаводагӣ ба назар мерасад. Аз афташ, Худо мекӯшад ба оилаҳо низ наҷот диҳад, ва намехоҳад, ки ягон кас дар оила наҷотнаёфта монад.

Таваҷҷӯҳ намоед, ки дар ин ҷо оиди имони Лӯид ва Авниқо чӣ гуфта шудааст: он дар онҳо *сокин* буд. Имон дар ин одамон на муваққатан, балки доимо сокин буд. Ва Павлус боварӣ дошт, ки оиди Тимотиюс низ худи ҳаминро гуфтан мумкин аст. Тимотиюс бо вуҷуди ҳамаи таъқибот ва бадбахтиҳое ки дар роҳи худ ҳатман бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, ба одамон танҳо имони ҳақиқиро хоҳад расонд.

## АВҶ ГИРОНДАН (1:6)

**1:6** Агарчи Тимотиюс аз оилаи тақводор буд ва имони ҳақиқӣ дошт, Павлус ба ҳар ҳол мегӯяд, ки бахшоиши худро, ки аз Худост, “авҷ гиронад”. Гуфта нашудааст, ки ин кадом бахшоиш буд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо оиди Рӯҳи Пок гуфта шудааст. Дигарон мегӯянд, ки як навъ лаёқате дар назар дошта шудааст, ки Худованд ба одамон медиҳад, то онҳо хизмати муайянеро, масалан, бахшоиши воиз, шубон ё муаллимро ба ҷо оварда тавонанд. Як чиз аниқ аст: Тимотиюс ба хизмати масеҳӣ даъват шуда буд ва барои ин лаёқатҳои муайян дошт. Павлус ӯро даъват мекунад, ки ин бахшоишро чун оташи

зинда авҷ гиронад. Азимонгардии умумӣ, ки дар атроф ҳукмфармост, набояд ӯро рӯҳафтода кунад. Аз тарафи дигар, ӯ набояд дар хизмати худ мутахассис шуда, онро ба кори одатии сабук табдил диҳад. Балки бо мурури он ки замона тиратар мегардад, ӯ бояд ҳамеша ин бахшоишро ҳарчи пурратар истифода барад.

Тимотиюс бахшоишро вақте ба даст овард, ки Павлус бар ӯ даст гузошт. Инро бо маросими дастгузорӣ, ки дар байни ходимони дин маъмул шудааст, набояд омехта кард. Ҳамаи суханони ин оятро бояд айнан фаҳмид: Тимотиюс дар он лаҳзае бахшоиш ба даст овард, ки Павлус бар ӯ даст гузошт. Фириста як навъ воситае буд, ки бахшоиш ба воситаи он аз Худо ба Тимотиюс гузашт.

Дар ин робита бисёриҳо саволо медиҳанд: “Оё имрӯзҳо ин имконпазир аст?” Ба ин танҳо ҷавоби манфӣ додан мумкин аст. Павлус бахшоишро ба воситаи дастгузорӣ расонда метавонист, чунки фиристодаи Исои Масеҳ буд. Азбаски ҳозир дар ҷаҳон фиристаҳо нестанд, ҳеҷ кас чунин мӯъҷизаҳоро ба амал оварда наметавонад.

Ин оятро робита бо 1Тимотиюс 1:18 ва 4:14 омӯхтан даркор аст. Се оятро якҷоя карда, мо пайдарҳамии муайяни воқеаҳоро мебинем:

> “Мувофиқи пешгӯӣ, Худованд Павлусро назди Тимотиюс, ки Худо барояш хизмати муайянро муқаррар намуда буд, равона кард”. Ба воситаи амали расмии фириста Худованд ба Тимотиюс бахшоише ато намуд. Ба воситаи дастгузорӣ пирон амали Худовандро эътироф намуданд. Чунин амал маросими таъинкунӣ набуд, ки бахшоиши махсус ё мартабаи ходими диниро мерасонда бошад” (Вайн).

«Ин бахшоиш ба Тимотиюс *“ба воситаи”* дастони Павлус омад, аммо *“бо”* дастони пирон» (Сток).

## ДАЪВАТ ОИДИ ҶАСУР БУДАН (1:7-12)

**1:7** Азобҳо ва машаққатҳоро барои имон аз сар гузаронда, Павлус ба Тимотиюс ёдрас намуданро зарур меҳисобад, ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро додааст. Шахси имондор набояд тарс ё беҷуръатӣ зоҳир намояд.

Аммо Худо ба мо рӯҳи қувватро додааст. Дар муносибатҳои мо бо Худо қувваи беинтиҳо ниҳон аст. Рӯҳи Пок ба мо қувват медиҳад, то тавонем ҷасурона хизмат карда, ҳамаи дарду азобҳоро паси сар кунем, ва агар лозим шавад, ҷони худро фидо кунем.

Худо ба мо ҳамчунин рӯҳи муҳаббатро додааст. Маҳз муҳаббати мо ба Худо имкон ва хоҳишеро медиҳад, ки тарсро рафъ намоем ва худро ба кори хизмат ба Масеҳ пурра супорем.

Маҳз муҳаббати мо ба наздикон имкон медиҳад, ки ҳамаи таъқиботро паси сар карда, ба таъқибкунандагон бо некӣ ҷавоб диҳем.

Ва, ниҳоят, Худо ба мо рӯҳи парҳезгориро додааст. Калимаи “парҳезгорӣ” фикри оятро аниқ ифода намекунад. Он ба фикре оварда метавонад, ки масеҳӣ ҳамеша бояд озодфикр бошад, асабӣ нашавад, ва низ гирифтори бемориҳои ақл набошад. Албатта Навишта инро таълим намедиҳад. Бемориҳои ақл меросӣ буда метавонанд. Дигар бемориҳои ба ин монанд натиҷаи таъсироти табиӣ буда, ба зиндагии рӯҳонии инсон тамоман вобаста нестанд.

Ин оят мегӯяд, ки Худо ба мо рӯҳи худназоратӣ ва идора карда тавонистани худро додааст. Мо бояд эҳтиёткории оқилона зоҳир намоем ва шитобкорона, беақлона ё бефикрона амал накунем. Вазъиятҳо ҳар қадар душвор бошанд ҳам, мо бояд оқилона ва ҳушёрона муҳокимаронӣ намоем.

**1:8** Дар ин оят Павлус Тимотиюсро огоҳ мекунад, ки аз гувоҳӣ додан оиди Худованд хиҷил нашавад. Дар ояти 12 фириста мегӯяд, ки худи ӯ аз ин хиҷил намешавад. Дар ояти 16 ӯ ишора мекунад, ки Анисифӯрус низ аз ин хиҷил нашудааст.

Дар он замон мавъизаи Хушхабар ҷиноят ҳисобида мешуд. Касоне ки ошкоро оиди Худованд ва Наҷотдиҳанда гувоҳӣ додан мехостанд, ба таъқибот дучор мешуданд. Аммо Тимотиюс набояд аз ин тарсад. Ӯ набояд аз Хушхабар хиҷил шавад, ҳатто агар он боиси азобҳо шавад. Набояд аз Павлус, ки дар зиндон буд, хиҷил шавад. Он вақт баъзе масеҳиён аз фириста рӯ гардонда буданд. Онҳо метарсиданд, ки бо Павлус робита доштанашон ошкор мегардад, ва дар натиҷа онҳо гирифтори азобҳо ва ҳатто марг мешаванд.

Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки “барои башорат ба ҳасби қуввати Худо” азоб кашад. Ӯ набояд аз шармсорӣ, ки дар натиҷаи ин рух дода метавонад, канораҷӯӣ кунад, ӯ бояд чун Павлус ҳамаи инро пурсаброна паси сар намояд.

**1:9** Дар оятҳои 6-8 фириста Тимотиюсро даъват мекунад, ки саъй намояд ва ҷасур бошад. Ин ҷо Павлус мефаҳмонад, ки чаро маҳз ҳамин гуна будан даркор аст. Сабаб дар он аст, ки Худо ба мо файзи ҳайратовари Худро зоҳир мекунад. Аввалан, Ӯ моро наҷот дод, яъне аз ҳукми гуноҳ озод кард. Ӯ ҳамеша моро аз ҳукми гуноҳ наҷот медиҳад, ва замоне дар оянда аз худи ҳузури гуноҳ озод мекунад. Ғайр аз ин, Ӯ моро аз ин ҷаҳон ва аз шайтон озод намуд.

Бори дигар ёдрас мекунем, ки Худо ба мо даъвати муқаддасро додааст. Ӯ на танҳо моро аз бадӣ озод намуд, балки ҳамчунин дар Исои Масеҳ баракатҳои рӯҳонӣ дод. Оиди даъвати муқаддаси масеҳӣ дар Нома ба Эфсӯсиён (бобҳои 1- 3), хусусан дар боби 1 муфассал гуфта шудааст. Аз он мо мефаҳмем, ки

интихобшудагони ба фарзандӣ қабулшуда ҳастем, аз рӯи сарвати файзи Ӯ бахшида шудаем, бо Рӯҳи Поки ваъдашуда мӯҳр зада шудаем, гарави меросро дорем. Илова ба ин даъвати муқаддас мо даъвати илоҳӣ (Филиппиён 3:14) ва даъвати осмонӣ (Ибриён 3:1) дорем.

Ин наҷот ва даъватро мо на аз рӯи амалҳои худ мегирем. Дигар хел карда гӯем, онҳо ба мо бо файзи Худо дода мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки мо сазовори он нестем, чунки ҳамеша чизи тамоман баръаксро лоиқ ҳастем. Мо ҳеҷ гоҳ инро сазовор шудан ё бо амалҳо ба даст овардан наметавонистем. Худо ҳама чизро ба мо ройгон, бе ҳеҷ гуна шарт ва пардохт дод.

Инро ибораи “ба ҳасби таъиноти Худ ва ба ҳасби он файз” маънидод мекунад. Чаро Худо гуноҳкорони бехудоро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро фиристод, то барои онҳо бимирад? Чаро Ӯ қарор дод гуноҳкоронро аз дӯзах наҷот диҳад ва онҳоро ба осмонҳо оварад, то ки онҳо дар ҷовидонӣ бо Ӯ бошанд? Ба ин савол танҳо бо суханони “ба ҳасби таъиноти Худ ва ба ҳасби он файз” ҷавоб додан мумкин аст. Сабаби амалҳои Ӯ на дар мост. Онро дар дили пурмуҳаббати Ӯ бояд ҷуст. Ӯ моро танҳо барои он дӯст дошт, ки моро дӯст дошт.

Файзи Ӯ дар Масеҳ Исо ҳанӯз пеш аз мавҷудияти ин ҷаҳон ба мо дода шуда буд. Ин маънои онро дорад, ки ҳанӯз дар гузаштаи бениҳоят дур Худо нақшаи наҷоти моро муқаррар намуда буд. Ӯ қарор дод, ки гуноҳкорони айбдорро ба воситаи меҳнати ивазкунандаи Писари азизаш наҷот диҳад. Ӯ қарор дод, зиндагии ҷовидонро ба ҳамаи онҳое диҳад, ки Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунанд. Ва наҷот ёфтани мо на танҳо пеш аз зода шудани мо, балки пеш аз офарида шудани ин ҷаҳон ба нақша гирифта шуда буд.

**1:10** Худи ҳамон Хушхабар, ки дар гузаштаи бениҳоят дур андешида шуда буд, ба одамон дар вақташ ошкор гардид. Он бо омадани Наҷотдиҳандаи мо  Исои Масеҳ зоҳир шуд. Ӯ дар замин бо симои одамӣ хизмат карда, хушхабари наҷотро ошкоро эълон менамуд. Ӯ ба одамон мегуфт, ки бояд бимирад, дафн карда шавад, ва баъд аз мурдагон зинда шавад, то ки Худо гуноҳкорони бехудоро наҷот дода тавонад.

Сипас гуфта шудааст, ки Ӯ “мамот”-ро ботил намуд. Аммо ин чӣ гуна имконпазир аст, охир, мо хуб медонем, ки марг дар ин ҷаҳон чун пештара падидаи ҳатмист? Ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки Ӯ маргро аз қудрати пуррааш маҳрум намуд. То растохези Масеҳ марг чун ҳокими бераҳм бар инсон ҳукмфармо буд. Он душмани даҳшатовар буд. Тарси марг одамро дар асорат нигоҳ медошт. Аммо растохези Исои Масеҳ гарави он буд, ки ҳамаи онҳое ки ба ӯ таваккал мекунанд, аз мурдагон бармехезанд ва дигар ҳеҷ гоҳ намемиранд. Мамотро ботил намудани Ӯ ба

ҳамин маъност. Ӯ неши марговари онро дур кард. Марг акнун фиристодаи Худо гардид, ки ҷони шахси имондорро ба осмонҳо мебарад. Акнун он на соҳиб, балки хизматгори мост.

Худованд Исо на танҳо маргро "ботил намуд", балки ба одамон ба воситаи Хушхабар зиндагӣ ва бефаноиро зоҳир намуд. Дар замони Паймони Куҳан одамон оиди зиндагии баъди марг тасаввуроти норавшан доштанд. Онҳо мегуфтанд, ки наздикону хешовандони мурдаи онҳо дар *Шеол* мебошанд, ки он ҳолати нонамоёни рӯҳҳои мурда аст. Ва агарчи одамон ба зиндагии ҷовидон дар осмонҳо умед мебастанд, аксаран оиди он тасаввуроти равшан надоштанд.

Баъди ба замин омадани Масеҳ мо дар ин бора бештар фаҳмидем. Масалан, ҳангоме ки шахси имондор мемирад, рӯҳи ӯ баданро тарк мекунад, то бо Масеҳ бошад, ки ин хеле беҳтар аст. Ин рӯҳ аз бадани одамӣ меравад, аммо бо Худованд мемонад. Шахси имондор зиндагии ҷовидонро пурра дарк мекунад.

Масеҳ ба одамон на танҳо зиндагӣ, балки бефаноиро зоҳир намуд. Калимаи "бефаноӣ" ба зиндашавии бадан дахл дорад. Дар 1Қӯринтиён 15:53 оиди "он чи фонист, бояд либоси бефаноӣ бипӯшад" хонда, мо медонем, ки агарчи ин бадан дафн карда шуда, ба хок табдил меёбад, бо омадани Масеҳ худи ҳамон бадан, чун бадани пурҷалоли Худи Худованд Исо, зинда шуда, ба бадани пурҷалол табдил меёбад. Муқаддасони Таврот инро намедонистанд. Мо инро ба воситаи зоҳиршавии Наҷотдиҳанда Исои Масеҳ донистем.

**1:11** Хушхабари пурҷалолро эълон намудан даркор аст, ва Павлус чун воиз, фириста ва муаллим даъват шуда буд. Воиз қосид аст, ва вазифаи ӯ дар назди омма эълон намудани хабар аст. Фириста касест, ки Худо ӯро барои хизмат фиристодааст ва барои ин омода карда, ба ӯ қувват медиҳад, то ин хизматро ба ҷо оварад. Муаллим касест, ки бояд ҳақиқатро ба дигарон расонад. Ӯ ҳақиқатро дар шакли фаҳмо пешкаш менамояд, то дигарон ба Худо бо имон ва итоаткорӣ ҷавоб дода тавонанд.

**1:12** Павлус маҳз аз боиси имон ва хизмати вафодорона ба Худо ҳабс карда шуд. Ӯ аз эълон намудани ҳақиқати Худо наметарсид. Тарс аз бехатарии шахсӣ даҳони ӯро намебаст. Ва ҳозир, ки ӯро дастгир карда, ба зиндон партофтаанд, ҳеҷ гуна тарсро эҳсос намекард. Ӯ аз имони худ хиҷил намешуд, бинобар ин Тимотиюс низ набояд аз он хиҷил шавад. Ва агарчи Павлус оиди бехатарии худ боварӣ надошт, ба Исои Масеҳ боварии комил дошт. Агарчи ҳукуматдорони румӣ метавонистанд ӯро қатл кунанд, ҳеҷ кас бо Худованди ӯ коре карда наметавонист. Павлус медонист, ки Худованд қодир (тавоно) аст. Қодир аст чӣ кунад? «... қодир аст амонати маро то он рӯз нигоҳ дорад». Муҳаққиқони Китоби Муқаддас оиди он чи Павлус дар назар

дорад, ҳамфикр нестанд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо оиди наҷоти ҷон гуфта шудааст. Дигарон чунин ақида доранд, ки ин ҷо оиди Хушхабар навишта шудааст. Дигар хел карда гӯем, агарчи худи фириста Павлусро куштан метавон, Хушхабарро нобуд кардан имконнопазир аст. Ва ҳар қадар бештар одамон ба он мухолифат кунанд, он ҳамон қадар бештар нашъунамо хоҳад кард.

Ин таъбирро ба маънои васеъ фаҳмидан беҳтар аст. Павлус боварӣ дошт: новобаста ба ҳама гуна воқеаҳое ки бо ӯ шуда метавонанд, зиндагии ӯ дар дастҳои боваринок аст. Ҳатто агар ба марг дучор шавад ҳам, аз ин ҳеҷ чиз бой намедиҳад. Исои Масеҳ Худованди тавонои ӯст, ва бо Масеҳ ҳеҷ гоҳ мағлубияте ё нобарорие нахоҳад буд. Хавотир набояд шуд. Наҷоти Павлус ҳақиқати воқеӣ буд, чуноне ки хизмати бомуваффақияти ӯ ба Масеҳ воқеӣ буд.

"Он рӯз" суханони дӯстдоштаи Павлус мебошанд. Ӯ дар ин ҷо, албатта, оиди бозгашти Худованд Исои Масеҳ мегӯяд, ва дар навбати аввал оиди доварии Масеҳ, ҳангоме ки Исо хизмати Павлусро доварӣ мекунад ва аз рӯи марҳамати Худ вафодорони Худро мукофот медиҳад.

## ДАЪВАТИ ПАЙРАВӢ НАМУДАНИ ИМОН (1:13-14)

**1:13** Ин оятро ду хел фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки таълимоти солимро пайравӣ намояд. Ӯ бояд на танҳо ба ҳақиқати Каломи Худо вафодор бошад, балки ҳамчунин нисбати шакле ки ба воситаи он ин ҳақиқатро мерасонад, бодиққат бошад. Ин фикрро бо мисоли зерин фаҳмондан мумкин аст. Дар замони мо баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки "аз нав зода шудан" ва "хуни Масеҳ" барин иборахои "кӯҳнашуда"-ро дур кардан лозим аст, чунки забони бештар "илмӣ"-ро истифода бурдан мехоҳанд. Аммо ин ҷо хатаре ниҳон аст. Ифодаҳои хоси Китоби Муқаддасро рад карда, ҳақиқати дар онҳо бударо рад кардан мумкин аст. Бинобар ин Тимотиюс бояд худи шакли суханони солимро пайравӣ кунад.

Аммо ин оятро чунин низ фаҳмидан мумкин аст, ки суханони Павлус бояд барои Тимотиюс намуна бошанд. Ҳамаи он чи Тимотиюс таълим медод, бояд бо он чи ба ӯ дода шудааст, ҳамоҳангии комил дошта бошад.

Тимотиюс бояд хизмати худро дар имон ва муҳаббате ба ҷо оварад, ки дар Исои Масеҳ аст. Имон на танҳо боварӣ, балки вобастагиро низ ифода мекунад. Муҳаббат на танҳо муҳаббат ба Худо, балки муҳаббат ба наздикон, ва низ ба ҷаҳони атрофамонро дар назар дорад.

**1:14** "Амонати нек" (тарҷумаи ҳозиразамон маъноро беҳтар ифода мекунад: "ганҷи гаронбаҳо") бе шубҳа, Хушхабар аст. Ба

Тимотиюс хабар оиди муҳаббати кафораткунандаи Худованд расонида шуда буд. Ин ҷо гуфта нашудааст, ки ӯ бояд ин хабарро инкишоф диҳад ё беҳтар кунад. Масъулияти ӯ аз он иборат аст, ки бо ёрии Рӯҳи Пок, ки дар мо сокин аст, онро ҳифз намояд. Чуноне ки Павлус дар ин нома навиштааст, ӯ оиди азимонгардии умумӣ, ки ба ҷамоат таҳдид мекунад, медонист. Аз ҳар тараф ба имони масеҳӣ ҳуҷумҳо карда мешуданд. Ва Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки ба Каломи Худо вафодор монад. Ӯ бо қувваи худ ин корро карда наметавонад. Танҳо Рӯҳи Пок, ки дар ӯ сокин аст, ба ӯ ҳама чизро барои иҷрои чунин вазифа дода метавонад.

## ДАЪВАТИ ФАРОМӮШ НАКАРДАНИ ДӮСТОНИ ИМОНДОРИ ХУД (1:15-18)

**1:15** Оиди абрҳои тираи бар ҷамоат ғуншаванда фикр карда, фириста ба ёд меоварад, ки чӣ гуна масеҳиёни Осиё аз ӯ рӯ гардонданд. Ин номи ҷуғрофӣ дар ин ҷо қитъаи Осиёро ифода намекунад. Ҳамчунин он Осиёи Хурдро не, балки қисми ғарбии онро ифода мекунад, ки он вақт марказаш шаҳри Эфсӯс буд. Азбаски дар замони навишта шудани ин нома Тимотиюс дар Эфсӯс буд, ӯ медонист, ки фириста оиди чӣ менависад.

Аз афташ, ҳангоме ки масеҳиёни Осиё ҳабс ва зиндонӣ шудани Павлусро фаҳмиданд, робитаҳояшонро бо ӯ қатъ намуданд. Онҳо ӯро он вақте тарк намуданд, ки ӯ беш аз ҳама ба ёрӣ мӯҳтоҷ буд. Онҳо барои он чунин карданд, ки аз бехатарии худ хавф доштанд. Ҳукуматдорони Рум ҳамаи пайравони имони масеҳиро таъқиб менамуданд. Фириста Павлус дар он замон яке аз машҳуртарин намояндагони масеҳият буд. Ва ҳар касе ки ҷуръат карда, ошкоро бо ӯ робита мекард, ба нохушиҳо дучор шуда метавонист.

Дар ҳеҷ ҷой гуфта нашудааст ва дар назар дошта нашудааст, ки ин масеҳиён аз Худованд ва аз Ҷамоат рӯ гардондаанд. Бо вуҷуди ин дар чунин лаҳзаи душвор аз Павлус рӯ гардондани онҳо далели беҷуръатии онҳост.

Шояд Фуҷлус ва Ҳармӯҷнис ташаббускорони чунин рафтор буданд. Дар ҳар сурат, ба хотири хизматгори Масеҳ ба душвориҳо ва вазниниҳо дучор шудан нахоста, онҳо ба худ шармандагӣ оварданд. Гай Кинг ин оятро чунин тафсир медиҳад: “Онҳо барои номҳои бади худ масъулият надоранд, балки барои хислати бади худ ҷавобгаранд”.

**1:16** Нисбати Анисифӯрус ду ақидаи асосӣ ҳастанд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ӯ низ аз Павлус рӯ гардонд, ва аз ҳамин сабаб фириста дуо мекунад, ки Худованд ба ӯ марҳамат кунад. Дигарон чунин меҳисобанд, ки Павлус Анисифӯрусро чун истиснои хушбахтона аз ҳамаи онҳое ки ҳозир дар бораашон

сухан мерафт, ба ёд меоварад. Мо чунин меҳисобем, ки ақидаи дуюм дар ин ҷо дуруст аст.

Павлус аз Худованд хоҳиш мекунад, ки ба аҳли хонаи Анисифӯрус, ба оилаи ӯ, ба худи ӯ марҳамат намояд. Мувофиқи Матто 5:7, марҳамат мукофоти онҳоест, ки худ раҳмдил буданд. Мо аниқ намедонем, ки Анисифӯрӯс ба кадом восита Павлусро дастгирӣ намуд. Шояд вай ба зиндон барои Павлус либос ва хӯрок мебурд. Ба ҳар ҳол ӯ аз хабаргирии Павлуси маҳбус хиҷил намешуд. Ҳеҷ гуна ғамхорӣ оиди бехатарии шахсӣ наметавонад масеҳиёнро аз ёрӣ ба ҳамдигар дар лаҳзаи душвор боздорад.

«Дар суханони фириста "...хиҷил намешуд" хислати ҳайратовари Анисифӯрусро мебинем. Аксаран доираи дӯстони шахси маҳбус хеле танг мешавад. Аз шахсони бенаво ва беэътибор зуд рӯ мегардонанд. Ва баръакс, ҳангоме ки шахс эътибор пайдо мекунад, дӯстонаш зиёд мешаванд. Агар шахс ба зиндон афтад, бисёрии дӯстонаш дур мешаванд. Аммо ходимони нафаси субҳ дар торикии шаб омаданро дӯст медоранд. Онҳо бо майли том дар он минтақаҳое хизмат мекунанд, ки рӯҳоният дар ҳолати таназзул аст ва занҷирҳо бо тамоми вазн ба рӯҳ фишор меоваранд. "Аз занҷирҳо хиҷил нашуд". Ин занҷирҳо дар асл ҷалбкунанда шуданд. Онҳо ба пойҳои Анисифӯрус тезҳаракатӣ ва ба хизматаш суръат бахшиданд» (Ҷоуетт).

Бояд зикр кард, ки ин оятро аксаран барои сафед кардани зарурати дуо дар ҳаққи мурдагон истифода мебаранд. Далел аз он иборат аст, ки дар лаҳзаи навишта шудани оят Анисифӯрус аллакай мурда буд, аммо бо вуҷуди ин Павлус аз Худо хоҳиш менамуд, ки ба Анисифӯрус марҳамат намояд. Аммо дар асл ҳеҷ далеле нест, ки маҳз ҳамон вақте ки Павлус ин сатрҳоро менавишт, Анисифӯрус дар қайди зиндагӣ набуд. Ҷонибдорони чунин ақида шахсони нодон ва беҳудагӯй мебошанд.

**1:17** Ҳангоме ки Анисифӯрус ба Рум омад, се имконият дошт. Аввалан, ӯ метавонист аз ҳама гуна робита бо масеҳиён канораҷӯӣ кунад. Дуюм, метавонист бо имондорон пинҳонӣ, дар паси дарҳои пӯшида вохӯрад. Ва ниҳоят, метавонист худро ба хатари зиёд андохта, ба зиндон барои хабаргирии Павлус ояд. Ин боиси мухолифат бо ҳукуматдорони румӣ шуда метавонист. Рафтори ӯ шоёни таҳсин аст – ӯ маҳз роҳи сеюмро интихоб намуд. Ӯ Павлусро ёфтанӣ буд ва ниҳоят ӯро ёфт.

**1:18** Фириста дуо мекунад, ки ин дӯсти вафодор "дар он рӯз" марҳамат пайдо кунад. "Марҳамат" дар ин ҷо мукофот аст. "Он рӯз", чуноне ки пеш гуфтем, – вақтест, ки имондорон мукофотҳои худро мегиранд, яъне рӯзи доварии Масеҳ.

Дар охири боб фириста Павлус ба Тимотиюс ёдрас мекунад, ки Анисифӯрус чӣ хизматеро ба ҷо меовард. Калимаи "ба ман" дар баъзе тарҷумаҳо нест.

ДАРСИ ҲАШТУМ

# КОРГАРЕ КИ БА ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲИ ХУДО НОИЛ ГАРДИДААСТ
**2:1-26**

## ЗАРУРАТИ ШАХСАН УСТУВОР БУДАН (2:1)

**2:1** Дар файзи Масеҳ Исо устувор будан доштани ҷасорат ва қувваест, ки файзи Ӯ медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки бо лаёқате ки дар ягонагӣ бо Ӯ дорем, ба Худованд хизмат кунем.

## БА ДИГАРОН РАСОНДАНИ ҲАҚИҚАТ (2:2)

**2:2** Тимотиюс бояд на танҳо худаш устувор шавад, балки кӯшиш намояд, ки дигарон низ рӯҳан устувор гарданд. Ӯ бояд таълимоти дорои илҳоми илоҳиро, ки аз фириста Павлус гирифта буд, ба одамон расонад.

Павлус мебоист ба қарибӣ ин дунёро тарк менамуд. Ӯ Тимотиюсро дар ҳузури бисёр шоҳидон дуруст таълим дода буд. Хизмати Тимотиюс низ набояд тӯлонӣ мебуд, зеро ӯ низ бояд зиндагии худро ҳамин тариқ тартиб медод, ки ба воситаи ӯ дигарон низ имкон дошта бошанд, ки тайёрӣ дида, муаллим шаванд.

Бояд зикр намуд, ки ин оят исботи ақида оиди мероси фиристагӣ нест. Ҳамчунин он ба амалияи ҳозираи дастгузории ходимони дин ишора намекунад. Он танҳо дастури Худованд ба Ҷамоат оиди таъмин намудани муттасилии муаллимони кордон аст.

Бисёр вақт мегӯянд, ки дар ин оят сухан дар бораи чор насли имондорон меравад:

1) фириста Павлус,
2) Тимотиюс ва шоҳидони бисёр,
3) одамони боваринок,
4) дигарон.

Ин ҷой аҳамиятнокии муждарасонии ҳар як имондорро таъкид мекунад. Ҷадвали дар зер овардашуда таъсирнокии имконпазири онро нишон медиҳад. Он бар фаразияе асос ёфтааст, ки ҳар як шахс дар як сол ду касро назди Масеҳ меоварад. Ҳар яки ин ду навимон низ дар як сол боз ду нафарро назди Масеҳ меоварад. Ва он гоҳ, чуноне ки аз ҷадвал маълум мешавад, аҳолии ҳозираи заминро (4 миллиард дар соли 1976) дар муддати камтар аз 32 сол бо муждарасонӣ фаро гирифтан мумкин мебуд:

| | |
|---|---|
| соли 1 | 2 |
| соли 2 | 4 |
| соли 3 | 8 |

соли 4 ........................................................................................ 16
соли 5 ........................................................................................ 32
соли 6 ........................................................................................ 64
соли 7 ...................................................................................... 128
соли 8 ...................................................................................... 256
соли 9 ...................................................................................... 512
соли 10 .................................................................................. 1024
соли 11 .................................................................................. 2048
соли 12 .................................................................................. 4096
соли 13 .................................................................................. 8192
соли 14 ................................................................................ 16384
соли 15 ................................................................................ 32768
соли 16 ................................................................................ 65536
соли 17 .............................................................................. 131072
соли 18 .............................................................................. 262144
соли 19 .............................................................................. 524288
соли 20 ............................................................................ 1048576
соли 21 ............................................................................ 2097152
соли 22 ............................................................................ 4194304
соли 23 ............................................................................ 8388608
соли 24 .......................................................................... 16777216
соли 25 .......................................................................... 33554432
соли 26 .......................................................................... 67108864
соли 27 ........................................................................ 134217728
соли 28 ........................................................................ 268435456
соли 29 ........................................................................ 536870912
соли 30 ...................................................................... 1073741824
соли 31 ...................................................................... 2147483648
соли 32 ...................................................................... 4294967296

Дар ин оят ба он диққат диҳед, ки Тимотиюс бояд ҳақиқатро ба одамони боварибахш, яъне ба имондороне ки худашон боварноканд, диҳад. Ғайр аз он, ин одамон бояд дигаронро таълим дода тавонанд. Ин як андоза кордониро дар соҳаи муаллимӣ дар назар дорад.

## САРБОЗИ НЕКИ ИСОИ МАСЕҲ (2:3-4)

**2:3** Бисёр вақт зикр мекунанд, ки дар ин боб Павлус ба Тимотиюс муроҷиат намуда, бисёр муқоисаҳоро ба кор мебарад. Онҳоро бо тартиби зерин номбар кардан мумкин аст.

1. Фарзанд (ояти 1).
2. Сарбоз (оятҳои 3-4).
3. Варзишгар (ояти 5).
4. Зироаткор (ояти 6).
5. Коркун (ояти 15).

6. Зарф (ояти 21).

7. Банда (ояти 24).

Тимотиюс чун сарбози неки Масеҳ Исо бояд ба душвориҳо ва азобҳо тоб оварад. (Оиди душвориҳое ки худи Павлус аз сар гузарондааст, дар 2Қӯринтиён 11:23-29 хонед.)

**2:4** Павлус дар ин оят оиди сарбозе мегӯяд, ки дар муҳорибаҳо фаъолона иштирок менамояд. Зиёда аз он, ин ҷо сарбозе дар назар дошта шудааст, ки ҳангоми ҷанг дар маркази задухӯрд аст. Дар ин маврид ӯ имкон надорад худро бо корҳои рӯзғор банд кунад.

Аммо аҳамияти амалии ин оят дар чист? Оё ин маънои онро дорад, ки хизматгорони Худованд умуман бояд аз корҳои ҷаҳон даст кашанд? Не, чунки худи Павлус, ки Хушхабарро мавъиза намуда ва ҷамоатҳо таъсис медод, хаймадӯз буд. Ӯ шаҳодат медод, ки ҳама чизи заруриро бо дастони худ ҳосил менамуд.

Дар ин оят ба феъли *банд кардан* диққати махсус додан даркор аст. Сарбоз набояд роҳ диҳад, ки шароити одатии зист мақсади асосии мавҷудияти ӯ бошанд. Масалан, хӯроку пӯшок набояд дар зиндагии ӯ мақсади асосӣ бошанд. Дар зиндагии сарбози Исои Масеҳ хизмат ба Худованд мавқеи асосиро дошта бошад, ва ҳамаи чизи дигар дуюмдараҷа бошад. «Худро бо корҳои рӯзғор ор банд кардан дар асл аз ин ҷаҳон ҷудо шуданро рад карда, ба корҳои ин ҷаҳон дода шудан ва аз одамони ин ҷаҳон фарқ накардан аст» (Келлӣ).

Сарбоз дар хизмат ҳамеша бояд ба иҷрои фармонҳои сардорон тайёр бошад. Ӯ мехоҳад ба онҳое ки ӯро ба хизмат даъват намудаанд, писанд ояд. Имондорро, албатта, Худи Худованд даъват намудааст, ва муҳаббати мо ба Ӯ моро водор мекунад, ки худро бо корҳои ин ҷаҳон банд накунем.

## ҚОИДАҲОРО РИОЯ НАМО (2:5)

**2:5** Дар ин ҷо Павлус оиди варзишгаре мегӯяд, ки дар мусобиқаҳо иштирок менамояд. Барои ба даст овардани мукофот ӯ бояд қоидаҳои бозӣ ё мусобиқаро риоя кунад.

Дар бораи хизмати масеҳӣ низ худи ҳаминро гуфтан мумкин аст. Чӣ қадар касон ба марра нарасида, “аз мусобиқа берун шуданд”, чунки ба Каломи Худо итоаткор буда натавонистанд!

Нисбати хизмати масеҳӣ кадом қоидаҳои барои варзишгар ҳатмиро истифода бурдан мумкин аст? 1) Масеҳӣ бояд интизомнокӣ зоҳир намояд (1Қӯринтиён 9:27). 2) Ӯ бояд на ба воситаи силоҳи ҷисмонӣ, балки силоҳи рӯҳонӣ мубориза барад (2Қӯринтиён 10:4). 3) Ӯ бояд пок монад. 4) Ӯ набояд хашмгин шавад, ӯ бояд пурсабр бошад.

Касе ақидаи ҷолиберо баён намудааст: «Агар “гоҳ-гоҳ масеҳӣ” гӯем, дар чунин ибора калимаҳо мухолифи якдигар

мешаванд; тамоми зиндагии одам бояд майли ғайратмандонаи ҳар лаҳза ва дар ҳар як соҳаи зиндагӣ зоҳир намудани имон ба Масеҳ бошад».

## АВВАЛИН ШУДА АЗ ҲОСИЛИ ХУД БАҲРА БАР (2:6-7)

**2:6** Баъзеҳо ин оятро чунин мефаҳманд, ки пеш аз баҳра бурдан аз ҳосил кор кардан даркор аст. Яъне пеш аз ҳосилғундорӣ меҳнат кардан даркор аст. Бо чунин тафсир баҳс кардан душвор аст, аммо дар ин оят на дар ин бора гуфта шудааст.

Сухан дар бораи он аст, ки зироаткор бояд аз ҳамаи касоне ки аз ҳосили меҳнати ӯ баҳра мебаранд, аввалин бошад. Маъно он аст, ки мувофиқи ҳама гуна қоидаҳои росткорӣ меҳнаткаше ки ҳосил ба даст меоварад, ҳуқуқи афзалиятноки аз он баҳра бурданро дорад.

Ҳар боре ки Тимотиюс аз хизмат ба Худованд рӯҳафтода шавад, ин суханон бояд ӯро рӯҳбаланд кунанд. Чунин меҳнат дар ниҳояти кор ҳеҷ гоҳ бе мукофот намемонад. Бо вуҷуди он ки дар рӯзи меомада бисёриҳо аз ҳосили меҳнат баҳра мебаранд, меҳнати муҳаббати Тимотиюс бенатиҷа намемонад. Ва ӯ ҳақиқатан аввалин шуда аз самари меҳнати худ баҳра хоҳад бурд.

**2:7** Ҳамаи се намунаи зикршудаи хизмати масеҳӣ чизи хеле бештареро нисбат ба он ки ба назар метобад, дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки онҳоро ба назар гирад, оиди онҳо андеша намояд. Ва ҳангоме ки ӯ чунин мекунад, Худованд ба ӯ фаҳмиши ҳама чизро хоҳад дод. Ӯ мефаҳмад, ки хизмати масеҳӣ унсурҳои хизмати сарбозӣ, мусобиқаи варзишӣ ва меҳнати зироаткорро дар бар мегирад. Ҳар кадоми ин машғулиятҳо ӯҳдадориҳои муайянро пешбинӣ мекунад ва ҳар кадоми онҳо мукофотҳои худро меоварад.

Бояд ба он аҳамият дод, ки қисми охири ояти 7-ум на дуо, балки ваъда аст. Ин суханон, аниқтараш, ғояро ба маънои соддатар ифода мекунанд: “Худованд дар ҳама чиз ба ту фаҳм хоҳад дод”.

## ИСОИ МАСЕҲРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОР (2:8)

**2:8** Дар ин ҷо фириста ба авҷи даъватҳои худ аз Тимотиюс мерасад. Ӯ Худованд Исоро намуна меоварад, ва аз ин болотар рафтан имкон надорад.

«Исои Масеҳро дар хотир дор, ки аз насли Довуд буд ва аз мурдагон эҳё шуд, бар ҳасби башорати ман».

Маънои ин оят на он аст, ки Тимотиюс бояд оиди Худованд Исо чизеро дар ёд дошта бошад, балки Тимотиюс бояд фикран

ҳамеша ба Худи Шахсияти Исо, ки аз мурдагон зинда шудааст, мурочиат намояд.

Ин оят хулосаи кӯтоҳи он Хушхабарест, ки Павлус мавъиза менамуд. Чизи муҳим дар он зиндашавии Наҷотдиҳанда аст. «Дар пеши назари Тимотиюс на биниши Исои ба салиб кашидашуда, балки биниши Худованди зиндашуда буд» (Ҳиберт).

Ибораи "аз насли Довуд" ҳақиқати оддиеро ифода мекунад, ки Исо Масеҳ аст, аз насли Довуд, ки ваъдаҳои Худо оиди Масеҳи меомада дар Ӯ иҷро шудаанд.

Ҳар касе ки ба Наҷотдиҳанда хизмат кардан мехоҳад, бояд ҳамеша Худи Ӯ, Шахсият ва меҳнати Ӯро дар ёд дошта бошад. Ва барои ҳамаи онҳое ки ба азобҳо дучор мешаванд ва ҳатто ба марг омодагӣ мебинанд, ба ёд овардани он ки Худи Худованд Исо ба воситаи азоб дар салиб ва қабр ба ҷалоли осмон расид, дастгирии калон хоҳад буд.

## НАМУНАИ АЗОБ (2:9-10)

**2:9** Павлус маҳз аз боиси эълон намудани Хушхабар, ки оиди он дар ояти 8-ум гуфта мешавад, дар зиндони Рум буд. Ӯро чун ҷинояткори оддӣ бадкирдор меҳисобиданд. Чунин вазъият ҳар касро ноумед карда метавонист. На танҳо он ки ҳукуматдорони румӣ Павлусро қатл карданӣ буданд, балки он бад буд, ки бисёр дӯстони имондори Павлус аз ӯ рӯ гардонданд.

Аммо ба ҳар ҳол, новобаста ба вазъияти ғамангез, рӯҳи Павлус, ки пур аз хушбахтист, болотар аз деворҳои зиндон парвоз мекунад. Павлус вазъияти бади худро фаромӯш мекунад. Ленскӣ хеле хуб гуфтааст: "Овози зиндаи фириста оғуштаи хун шуда метавонад, аммо он чи Худованд ба воситаи ӯ мегӯяд, то ҳол дар тамоми ҷаҳон садо медиҳад". Ҳеҷ гуна қувва дар ин ҷаҳон наметавонад Каломи Худоро бéconomique боздорад. Кӯшишҳои боздоштани он монанди боздоштани боридани борон ё барф аст (Ишаъё 55:10-11). "Он бо ғайрати хастанашавандаи илоҳӣ дар тамоми ҷаҳон пирӯзмандона паҳн мешавад, ҳатто он вақте ки тарафдорони он аз ҳабс ва таъқибот азоб мекашанд. Одамон мемиранд, аммо Масеҳ ва Хушхабари Ӯ асрҳо зинда хоҳанд буд" (Ҳарвӣ).

**2:10** Аз боиси табиати хастанашавандаи Хушхабар Павлус мекӯшид ба хотири интихобшудагон ба ҳама чиз тоб оварад. Калимаи "баргузидагон" дар ин ҷо ҳамаи онҳоеро ифода мекунад, ки Худо барои наҷоти ҷовидонӣ интихоб намудааст. Бояд зикр кард, ки агарчи мо дар Китоби Муқаддас мехонем, ки Худо одамонро барои наҷот интихоб мекунад, дар ҳеҷ ҷои он гуфта нашудааст, ки Ӯ одамонро барои лаънати ҷовидонӣ интихоб мекунад. Одамоне ки наҷот меёбанд, бо файзи Худо наҷот

меёбанд. Онҳое ки ба дӯзах мераванд, ба он ҷо бо интихоби бошууронаи худ мераванд.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад барои таълимот оиди интихоб аз Худо гиламанд бошад. Ин таълимот ба Худо имкон медиҳад, ки Худо бошад – Фармонравои олам, ки нисбати одамон файз, инсоф, росткорӣ ва муҳаббат зоҳир менамояд. Ӯ ҳеҷ гоҳ номеҳрубонӣ ё ноинсофӣ намекунад, аммо бисёр вақт муҳаббат ва марҳамат зоҳир менамояд, ки мо онҳоро тамоман сазовор нестем.

Фириста мефаҳмид, ки ба воситаи азобҳои ӯ ба хотири Хушхабар ҷонҳои одамон наҷот меёфтанд ва замоне ин ҷонҳо ҳамроҳи Исои Масеҳ аз ҷалоли ҷовидонӣ шод хоҳанд буд. Дарки он ки гуноҳкорон бо файзи Худо наҷот меёбанд ва ҳамроҳи Исои Масеҳ шукӯҳманд мешаванд, ба Павлус қувват медод, ки ҳамаи душвориҳоро паси сар кунад.

## БА НАҶОТКОР ВАФОДОР БОШ Ё РАДШУДАИ Ӯ БОШ (2:11-13)

**2:11** Чунин меҳисобанд, ки оятҳои 11-13 матни ягон суруди қадимии масеҳӣ мебошанд. Хоҳ чунин бошад ё набошад, онҳо баъзе қоидаҳои устуворро нишон медиҳанд, ки ба муносибатҳои байни одам ва Худованд Исои Масеҳ дахл доранд. “Ҳақиқати асосии ин суханон он аст, ки имон ба Масеҳ муносибатҳои имондорро бо Ӯ муайян менамояд, дар ҳоле ки нобоварӣ ҳатман одамонро аз Ӯ дур мекунад” (Ҳиберт). Дар омади гап, ин тасдиқи чоруми имон дар номаҳои Павлус ба Тимотиюс аст.

Қоидаи якум ин аст: агар мо бо Масеҳ мурда бошем, пас ҳамчунин бо Ӯ зиндагӣ хоҳем кард. Ин барои ҳар як имондор ҳақиқат аст. Ба маънои рӯҳонӣ мо бо Масеҳ дар он лаҳзае мурдем, ки ба ӯ чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кардем. Мо бо Ӯ дафн карда шудем ва бо Ӯ аз мурдагон зинда шудем.

Тафсирро давом дода, гуфтан мумкин аст, ки Масеҳ чун Намояндаи мо мурд. Мо бояд барои гуноҳҳои худ мемурдем, аммо ба ҷои мо Масеҳ мурд. Ӯ моро ба қатори онҳое дохил намуд, ки бо Ӯ мурдаанд, ва ин маънои онро дорад, ки мо дар осмонҳо ҳамроҳи Ӯ зиндагӣ хоҳем кард.

Шояд ин оят ҳамчунин оиди онҳое мегӯяд, ки ба хотири Масеҳ риёзаткашона мурдаанд. Онҳое ки ба хотири Ӯ ба марг тайёранд, ҳангоми растохез низ ба Ӯ пайравӣ хоҳанд намуд.

**2:12** Ба андозае дуруст аст, ки ҳамаи масеҳиён бурдбор ҳастанд ва бо Масеҳ ҳукмронӣ хоҳанд намуд. Имони ҳақиқӣ ҳамеша бо он фарқ мекунад, ки бурдбор аст, ва ба ин маъно ҳамаи имондорон бурдборанд.

Аммо ҳамчунин бояд гуфт, ки на ҳама ба андозаи баробар бо Масеҳ ҳукмронӣ хоҳанд кард. Ҳангоме ки Ӯ бозмегардад ва подшоҳии Худро дар замин барпо мекунад, муқаддасонаш бо Ӯ

бармегарданд ва ҳамроҳи Ӯ ҳукмронӣ мекунанд. Аммо андозаи ҳукмронии ҳар як имондор ба он вобаста хоҳад буд, ки то кадом андоза ӯ дар зиндагии заминии худ вафодор буд.

Касоне ки Масеҳро рад мекунанд, ҳамчунин аз ҷониби Ӯ рад карда хоҳанд шуд. Ин ҷо на оиди муваққатан рад кардани Наҷотдиҳанда зери таъсири вазъиятҳо, чуноне ки бо Петрус буд, балки оиди радкунии ҳамешагӣ ва бошууронаи Худо гуфта шудааст. Ин суханон ба беимонон дахл доранд – ба онҳое ки ҳеҷ гоҳ Худованд Исоро бо имон қабул накарда буданд. Ҳамаи ин одамонро Худованд дар рӯзи меомада рад мекунад, новобаста ба он ки онҳо ба атрофиён худотарс ва тақводор метофтанд.

**2:13** Ин оят ҳамчунин оиди беимонон мегӯяд. "Худо дар Худ носозгор буда наметавонад. Агар Ӯ бо имондорон ва беимонон як хел муносибат кунад, ин ба хислати Ӯ мухолиф хоҳад буд. Ин пеш аз ҳама оиди росткории Ӯ мегӯяд, новобаста ба он ки мо кистем" (Динсдейл Янг).

Ин оятро набояд чунин фаҳмид, ки гӯё аз боиси росткории Худо беимонон низ наҷот хоҳанд ёфт. Дар ин ҷо тамоман оиди ин гуфта нашудааст. Агар касе ба Ӯ имон дошта бошад, Ӯ ба хислати Худ вафодор аст, бинобар ин бо чунин шахс ба таври муносиб рафтор хоҳад кард.

## ОГОҲӢ БА МУАЛЛИМОН (2:14)

**2:14** Тимотиюс бояд оиди ҳамаи он чи дар оятҳои 11-13 гуфта шудааст, ёдрас намояд. Аммо ба кӣ ёдрас намояд? Пеш аз ҳама, Павлус ин ҷо оиди шунавандагони Тимотиюс, ва низ оиди онҳое мегӯяд, ки таълимоти ношиносро пешниҳод мекунанд. Ин аз он қисми оят аён аст, ки дар он Павлус муаллимон ва воизонро ҳушдор медиҳад, ки ба баҳсу мунозира машғул нашаванд. Аз афташ, дар Эфсӯс шахсоне буданд, ки оиди маънои махсуси баъзе калимаҳо дуру дароз муҳокимаронӣ мекарданд. Ва ба ҷои он ки имондоронро дар ҳақиқати Худо тарбия намоянд, имони шунавандагони худро барҳам мезаданд.

"Илоҳиётшиноси ҳардамхаёл шудан мумкин аст – бо чунин омодагӣ мо оиди масъалаҳои аҳамияти принсипиалӣ надошта баҳсҳои тӯлонӣ мекунем". Зиндагӣ хеле кӯтоҳ аст ва дар давоми он бисёр корҳоро анҷом додан даркор аст, бинобар ин ба чунин масъалаҳо сарф кардани дил ва ақл ба ташаккули хислати мо мусоидат намекунад.

Вой ба ҳоли мо, агар дар роҳҳои дуюмдараҷаи илоҳиётшиносӣ сарсарӣ гардем, дар ҳоле ки ҷаҳон интизори муждарасонӣ аст. Ба ҳақиқати асоситарин вафодор монед. Дар навбати аввал на оиди чизи дуюмдараҷа, балки оиди чизи асосӣ фикр кунед. Ба қурбониёни воҳима дар замони Шамҷар ва Ёил

(Дов. 5:6) монанд нашавед, ки роҳҳои асосиро тарк карда, бо роҳҳои дуюмдараҷа мерафтанд“ (Динсдейл Янг).

## БА КАЛОМ ВАФОДОР МОНЕД (2:15)

**2:15** Тимотиюс бояд худро дар пеши Худо вафодор нишон диҳад. Кӯшишҳои ӯ бояд ба он равона карда шаванд, ки корманде шавад, ки шармсор намешавад. Ӯ “каломи ростиро дуруст мавъиза карда” ба ин ноил шудан метавонад. Ин суханон дар охири оят маънои онро доранд, ки ӯ бояд бо Навиштаҳо дуруст муносибат намояд, “роҳ кушояд”, ё “дуруст рафтор намояд, то ки ҳақиқатро бе ҳеҷ гуна таҳриф пешкаш намояд” (Элфорд).

## ХАТАРИ ҶОЙ ДОДАН БА ТАЪЛИМОТЕ КИ БА НАВИШТАҲО МУВОФИҚАТ НАДОРАД (2:16-18)

**2:16** Куфр ва беҳудагӯӣ, ки дар таълимоти носолим ҳастанд, ҳеҷ чизи фоидаовар надоранд. Онҳо ба имондорон тамоман даркор нестанд, ва аз онҳо канорагирӣ кардан даркор аст. Аҳамият диҳед, фириста Тимотиюсро даъват намекунад, ки зидди ин таълимот мубориза барад; танҳо аз онҳо канорагирӣ кардан, ба онҳо ҳеҷ аҳамият надодан даркор аст.

Нисбати ҷонибдорони чунин таълимот бояд дар ёд нигоҳ дошт, ки онҳо ҳеҷ гоҳ дар як ҷой намеистанд, балки дар бехудоии худ такмил меёбанд. Оиди гумроҳиҳо низ ҳамин чизро гуфтан мумкин аст. Касе ки таълимоти гумроҳкунандаро таълим медиҳад, бояд доимо ягон хел дурӯғро бофта барорад. Догмаҳои нав, ки дар системаҳои динии дурӯғин ҳастанд, ҳамин тавр пайдо мешаванд. Ҳар қадар дар ҷаҳон чунин гумроҳиҳо зиёд шаванд, бехудоён ҳамон қадар зиёд мешаванд.

**2:17** Дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани таълимоти дурӯғин ба инкишофи бемории саратон монанд аст. Маълум аст, ки ин бемории даҳшатнок дар организми одам зуд паҳн шуда, бофтаҳои зиндаро вайрон мекунад.

Дар баъзе тарҷумаҳо ба ҷои калимаи “саратон” калимаи “мараз” истифода шудааст. Дар ин ҷо бо калимаи “мараз” мурдани ягон қисми бадан фаҳмида мешавад, ки аз ғизогирӣ ва гардиши мӯътадили хун маҳрум шудааст.

Дар бисёр ҷойҳои Инҷил таълимоти дурӯғин ба хамиртуруш монанд карда мешавад, ки дар ниҳояти кор тамоми хамирро фаро мегирад.

Павлус ин ҷо номҳои шахсонеро мегирад, ки ҷамоатро ба вайронӣ мебурданд. Инҳо Ҳумниюс ва Филитус буданд. Азбаски онҳо Каломро таҳриф мекарданд, Худо ба онҳо ва ҳаммонандони онҳо бешарафиро омода кардааст.

**2:18** Дар ин оят моҳияти асосии таълимоти дурӯғин нишон дода шудааст. Ҷонибдорони он ба одамон мегуфтанд, ки растохез аллакай воқеъ шудааст. Шояд онҳо дар назар доранд, ки ҳангоме шахс наҷот ёфта, барои зиндагии нав бо Масеҳ зода шуд, ин ягона растохезест, ки бояд интизор шавад. Дигар хел карда гӯем, онҳо растохезро ба маънои рӯҳонӣ фаҳмида, ба растохези воқеии ҷисми имондор аҳамияте намедоданд. Павлус чунин таълимотро хатари ҷиддӣ ба масеҳият меҳисобид.

"Агар растохез аллакай воқеъ шуда бошад, пас аён аст, ки муқаддасон аллакай дар ин ҷой, дар замин ба ҳолати ниҳоии худ расидаанд, ва ҷамоат бозгашти Худовандро интизор намешавад, тасаввурот оиди таъиноти осмонии худ ва хислати мусофирӣ ва ғарибонаи худро гум мекунад, ба замин мефарояд ва қисми системаи азнавтартибдиҳӣ ва идоракунии ҷаҳон мегардад" (Ҳэмилтон Смит).

Ин шахсон имони баъзеҳоро вайрон намуда, сазовори зикри нохуб дар Китоби Муқаддас гардиданд.

## АЗ БАДӢ КАНОРАГИРӢ НАМО (2:19-21)

**2:19** Ҳумниюс ва Филитусро, ва низ таълимоти дурӯғини онҳоро ба ёд оварда, Павлус хуб мефаҳмад, ки барои ҷамоат замонҳои тира фаро мерасанд. Ба ҷамоати маҳаллӣ беимонон омаданд. Зиндагии рӯҳонӣ дар чунон сатҳи паст буд, ки бисёр вақт имондоронро аз касоне ки худро имондор вонамуд мекарданд, фарқ кардан душвор буд. Ҷамоати масеҳӣ ба тӯдаи гуногунранг табдил ёфт, ки натиҷааш парешонӣ ва холигии рӯҳонӣ шуд.

Дар ин вазъият Павлус бо боварӣ ба он ки ""бунёди матини Худо қоим аст", тасалло меёбад. Ин маънои онро дорад, ки бо вуҷуди таназзул дар ҷамоат, он чи Худи Худо офарид ва устувор намуд, ҷовидона хоҳад монд.

Нисбати он ки бунёди Худо чиро ифода мекунад, якчанд маънидод ҳаст. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо оиди ҷамоати воқеӣ гуфта шудааст. Дигарон чунин меҳисобанд, ки Павлус ваъдаи Худо, имони масеҳӣ ё таълимоти интихобшуда буданро дар назар дорад. Аммо магар равшан нест, ки бунёди Худо ба *ҳамаи он чи Худованд мекунад*, дахл дорад? Агар Ӯ ҷони одамиро наҷот диҳад, ин ҷон аз ҳоло ва ҷовидона наҷот ёфтааст. Агар Ӯ ба одамон Каломи Худро диҳад, ин Каломро ҳеҷ кас боздошта наметавонад. "Ҳеҷ як гуноҳи инсон наметавонад бунёди гузоштаи Худоро ноустувор намояд, ва низ наметавонад ба иҷрои коре ки Худо сар кардааст, халал расонад" (Ҳэмилтон Смит).

Бунёди Худо мӯҳри дутарафа дорад. Дар он ҷиҳати илоҳӣ ва ҷиҳати пурра инсонӣ ҳаст.

Агар ҷиҳати илоҳиро аз назар гузаронем, Худованд касонеро, ки ба Ӯ тааллуқ доранд, медонад, ва на танҳо ном ба ном, балки олами ботинӣ, имони самимии онҳоро медонад. Ленскӣ мегӯяд, ки Ӯ онҳоро медонад ва “бо меҳрубонӣ қабул менамояд ва насиҳат медиҳад”.

Ҷиҳати инсонии мӯҳр аз он иборат аст, ки ҳар касе ки номи Худовандро (на Масеҳро, чуноне ки дар баъзе тарҷумаҳо ҳаст) мехонад, бояд аз норостӣ рӯ гардонад. Дигар хел карда гӯем, касоне ки худро масеҳӣ меноманд, зиндагии тақводорона ва муқаддасона ба сар бурда, самимияти даъвати худро исбот карда метавонанд. Масеҳии ҳақиқӣ бо бадӣ ҳеҷ умумияте набояд дошта бошад.

Мӯҳри бунёди Худо, ки Павлус оиди он мегӯяд, на танҳо нишонаи мансубият, балки рамзи кафолат ва бехатарӣ аст. Ҳамин тариқ, мӯҳри бунёди Худо касонеро, ки ба Ӯ тааллуқ доранд, чун имондорони ҳақиқӣ нишон медиҳад, ва низ кафолат медиҳад, ки наҷотёфтагон аз ҳама гуна норостӣ рӯ гардонда, самимияти имони худро исбот мекунанд.

**2:20** Дар ин оят оиди хона гап зада, Павлус масеҳиятро умуман дар назар дорад. Ба маънои васеъи сухан масеҳият ҳам имондоронро ва ҳам ба ном масеҳиёнро дар бар мегирад: онҳоеро, ки ҳақиқатан дубора зода шудаанд, ва онҳое ки танҳо ҷиҳати зоҳирии масеҳиятро пайравӣ мекунанд.

Пас, зарфҳои тилло ва нуқра дар ин ҷо имондорони ҳақиқӣ мебошанд.

Зарфҳои чӯбин ва гилин на умуман беимонон, балки пеш аз ҳама онҳое мебошанд, ки корҳои бад мекарданд ва таълимоти дурӯғинро мавъиза менамуданд, масалан, Ҳумниюс ва Филитус (ояти 17).

Ба баъзе ҷиҳатҳои вобаста ба ин зарфҳо аҳамият додан лозим аст. Аввалан, онҳо аз маводи гуногун сохта шудаанд. Дуюм, ин зарфҳо ба таври гуногун истифода мешаванд. Ва ниҳоят, онҳо барои мақсадҳои гуногун мебошанд. Зарфҳои чӯбин ва гилин баъди муддате пурра корношоям мегарданд, аммо зарфҳои тилло ва нуқраро муддати дароз истифода бурдан мумкин аст.

“Баъзе барои истеъмоли иззатнок, ва баъзе барои истеъмоли зиллатнок”-ро ҳар хел мефаҳманд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки “зиллатнок” танҳо “камқадр ва беэътибор”-ро ифода мекунад. Яъне ҳамаи зарфҳое ки дар оят сухан дар бораи онҳо меравад, имондорони ҳақиқӣ мебошанд, аммо баъзе зарфҳо барои мақсадҳои олӣ истифода мешаванд, дигаронашон – барои мақсадҳои паст. Дигарон чунин меҳисобанд, ки зарфҳо барои истеъмоли олӣ Павлус ва Тимотиюс барин шахсон мебошанд, зарфҳо барои истеъмоли зиллатнок – Ҳумниюс ва Филитус.

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ҳамаи зарфҳое ки сухан дар бораашон меравад, имондорони ҳақиқӣ мебошанд, фақат баъзеҳо вазифаҳои баланд доранд, дигарон – пасттар. Дар айни ҳол зикр мешавад, ки зарфҳои тозаи гилин барои соҳибашон назар ба зарфҳои ифлоси тилло бештар коршоям мебошанд.

**2:21** Тафсири ин порча ба чӣ гуна фаҳмидани маънои калимаи "инҳо" дар ибораи "ҳар кӣ худро аз инҳо" вобаста аст.

Оё ин ҷо оиди зарфҳои чӯбин ё гилин сухан меравад? Оё ин ҷо оиди таълимоти дурӯғин, ки дар ин боб оиди онҳо гуфта шуда буд, сухан меравад? Оё ин ҷо умуман сухан дар бораи одамони бад меравад?

Ин ҷо танҳо он чиз бештар мантиқӣ метобад, ки дар оят сухан дар бораи зарфҳо барои истеъмоли зиллатнок меравад. Фириста Тимотиюсро насиҳат мекунад, ки аз одамони бад барканор бошад, хусусан аз муаллимони дурӯғин, аз ҷумла онҳое ки Павлус ҳозир оиди онҳо гуфт, – Ҳумниюс ва Филитус.

Бояд зикр кард, ки Павлус Тимотиюсро даъват намекунад, ки ҷамоат ва масеҳиятро тарк кунад. Ин корро бе тарк кардани даъвати масеҳии худ ба ҷо овардан ҳам ғайриимкон аст, зеро масеҳият ҳамаи одамонеро дар бар мегирад, ки худро имондор меҳисобанд. Ин ҷо сухан дар бораи аз бадкорон ҷудо шуда, ба таълимоти дурӯғин сироят наёфтан меравад.

Агар шахс аз муошират бо бадӣ худдорӣ намояд, ба зарфе монанд мешавад, ки барои истеъмоли иззатнок аст. Барои хизмати муқаддас Худо танҳо зарфҳои тозаро истифода бурда метавонад. "Худро тоза кунед, эй онҳое ки зарфҳои Худовандро мебардоред" (Иш. 52:11). Чунин шахс ба он маъно "муқаддас" мешавад, ки ба хотири хизмат ба Худо аз ҳар гуна бадӣ ҷудо мешавад. Ӯ лоиқи он мешавад, ки Худованд ӯро истифода барад, – чунин сифатро ҳар касе ки Худовандро дӯст медорад, мехоҳад дошта бошад. Ва ниҳоят, ӯ ба ҳар гуна кори нек тайёр хоҳад буд. Ин маънои онро дорад, ки ӯ дар ҳар вақт тайёр хоҳад буд, то фармудани Худовандро ба ҷо оварад.

## ЗАРУРАТИ ДАР ПОКӢ МОНДАН (2:22)

**2:22** Тимотиюс бояд на танҳо аз одамони бад, балки аз шаҳватҳои ҷисм низ канораҷӯӣ кунад. Шаҳватҳои ҷавонӣ гуфта на танҳо хоҳишҳои табиӣ, балки майл ба сарват, шӯҳрат, ҳаловатҳоро фарҳмидан мумкин аст. Ин ҷо оиди худпарастӣ, бесабрӣ ва сабукфикрӣ низ фикр кардан мумкин аст. Чуноне ки аллакай зикр кардем, дар лаҳзаи навишта шудани ин нома Тимотиюс тақрибан 35-сола буд. Бинобар ин шаҳватҳои ҷавонӣ гуфта на танҳо шаҳватҳои ба ҷавонон хос, балки ҳама гуна фикрҳои нопокеро дар назар доштан даркор аст, ки метавонанд ба

майнаи ходими ҷавони Худованд низ омада, ӯро аз роҳи покӣ ва росткорӣ бероҳа кунанд.

Тимотиюс бояд на танҳо канораҷӯӣ кунад, балки пайравӣ низ кунад. Ин ҷо ҳам дар бораи мусбат ва ҳам манфӣ сухан меравад.

Ӯ бояд ростиро пайравӣ кунад. Ин маънои онро дорад, ки муносибатҳои ӯ бо атрофиён – ҳам наҷотёфтагон ва ҳам наҷотнаёфтагон – бояд аз рӯи виҷдон ва инсоф бошанд.

Имон метавонад вафодорӣ ва ё бовиҷдонии комилро ифода кунад. Аз тарафи дигар, он метавонад ба Худованд пурра вобаста буданро ифода намояд. Ҳиберт имонро чун "ба Худо самимона ва фаъолона боварӣ доштан" тасвия медиҳад.

Муҳаббат дар ин ҷо танҳо бо муҳаббат ба Худо маҳдуд шуда наметавонад, балки бояд муҳаббатро ба бародарону хоҳарон дар имон, ва ҳам ба ҷаҳони гуноҳкорони гумроҳшуда дар бар гирад. Муҳаббат ҳамеша ба дигарон нигаронида шудааст; он табиатан беғараз аст (фоидае намеҷӯяд).

Осоиштагӣ ғояи ҳамоҳангӣ ва мутобиқатро дар назар дорад.

Ва ин сифатҳоро "бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз самими қалб мехонанд" пайравӣ кардан даркор аст. Монанди он ки дар ояти 21 Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, то аз одамони бад канорагирӣ кунад, ин ҷо ӯ насиҳат медиҳад, то масеҳиёнеро пайравӣ кунад, ки пеши Парвардигор дар покӣ қадамгузоранд. Тимотиюс ин хислатҳои неки масеҳиёнаро набояд дар танҳоӣ пайравӣ кунад, балки ҷои худро чун узви Бадани Масеҳ ишғол намояд, ва низ ҳамеша бо бародарону хоҳарони худ дар имон ба нафъи Ҷамоат меҳнат кунад.

## ЗАРУРАТИ КАНОРАГИРӢ АЗ МУБОҲИСАҲОИ БЕМАЪНО (2:23-26)

**2:23** Ҳангоми хизмат дар ҷамоат ба Тимотиюс лозим меомад саволҳои бемаврид, ва гоҳо аблаҳонаро шунавад. Онҳоро шахсони нодон ва бесавод медиҳанд, ва аз чунин саволҳо ба ҳеҷ кас фоидае нест. Аз гуфтугӯҳое ки дар натиҷаи чунин саволҳо ба миён меоянд, канорагирӣ кардан даркор аст, чунки онҳо танҳо ҷанҷолҳоро ба вуҷуд меоваранд. Ҳоҷати гап нест, ки ҳамаи онҳо на бо асосҳои масеҳият, балки бо майли беҳуда гузарондани вақт ва ба вуҷуд овардани баҳсу мунозираҳои нодаркор алоқаманд мебошанд.

**2:24** Бандаи Худованд, ки ин ҷо оиди ӯ сухан меравад, – хизматгори Худованд аст. Ҷолиби диққат аст, ки калимаи "банда" дар чунин ояте истифода шудааст, ки Павлус Тимотиюсро ба олиҳимматӣ ва пурсабрӣ даъват мекунад.

Агарчи хизматгори Худованд бояд пайрави ростӣ бошад, ӯ набояд ба баҳсҳо дода шуда, ҳаққонияти худро бо ҳар арзише ки

бошад, исбот намояд. Ӯ бояд ба ҳама олиҳимматона муносибат намояд, ва кӯшиш кунад, ки одамонро насиҳат диҳад, на ин ки дар баҳс мағлуб намояд. Ӯ бояд нисбати касоне ки чизеро дарҳол фаҳмиданашон душвор аст ва ҳатто касоне ки дар назари аввал гӯё ҳақиқати Каломи Худоро қабул кардан намехоҳанд, пурсаброна муносибат намояд.

**2:25** Бандаи Худованд бояд дар муносибат бо мухолифон ҳалим ва фурӯтан бошад. Оиди одамоне ки ба Каломи Худо мухолифат мекунанд, мегӯянд, ки дар асл онҳо ба худ мухолифат мекунанд. Ҳақ асту рост! Агар одам Каломи Худоро қабул кардан нахоҳад, ба ҷони худ зарар меоварад. Чунин одамонро ислоҳ кардан даркор аст, то ба иштибоҳ наафтанд, ки гӯё ақидаҳояшон мувофиқи Навиштаҳо мебошанд.

"...шояд Худо ато фармояд, ки онҳо тавба карда, ба дониши ростӣ бирасанд". Дар назари аввал шояд чунин тобад, ки дар ин оят хоҳиши ба чунин шахсон тавба ато кардани Худо зери шубҳа гузошта мешавад. Дар асл ин ҷо гуфта мешавад, ки агар онҳо бо тавба ва пушаймонӣ биёянд, Худо онҳоро мебахшад. Худо тавбаро аз ҳеҷ кас пинҳон намедорад, балки худи одамон аксаран намехоҳанд иқрор шаванд, ки ноҳақ мебошанд.

**2:26** Маънои ин оят чунин аст. Хизматгори Худо бояд бо гумроҳшудагон чунон муносибат кунад, ки дар онҳо майли озод шудан аз бандҳои иблис бедор шавад. Онҳо ба доми вай гирифтор шудаанд ва дар натиҷа зери ҳукми ӯ афтодаанд. Онҳо бояд ақлро кор фармуда ва аз банди иблис озод шуда, худро ба иҷрои хости Худо бахшанд.

Дар тарҷумаи Синодӣ маънои ин оят он аст, ки гумроҳшудагонро иблис ба доми худ гирифтор кардааст. Аммо аниқтараш ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки онҳоро иблис ба дом афтонда буд, аммо чун аз он озод шуданд, худро ба иҷрои хости Худо тайёр ҳис намуданд. Ин оятро чунин баён кардан мумкин аст: "То ки онҳо аз банди иблис, ки ӯ онҳоро гирифтор кардааст, барои хости Худо ба ақл оянд". Дигар хел карда гӯем, касоне ки замоне ба банди иблис афтодаанд, барои иҷрои хости Худо бедор мешаванд.

Дар тарҷумаҳои дигар ин оят чунин садо медиҳад: "То ки онҳо аз банди иблис, ки онҳоро асир гардондааст, озод шаванд ва хости Ӯро (Худоро) ба ҷо оваранд".

ДАРСИ НӮҲУМ

# ДАР РӮЗҲОИ ОХИР

**3:1-17**

## АЗ ИМОН РӮ ГАРДОНДАНИ ОДАМОН ДАР ОЯНДА (3:1)

**3:1** Акнун фириста ба тасвири ҷаҳоне ки баъди бозгашти Худованд хоҳад буд, мегузарад. Бисёр муҳаққиқон зикр мекунанд, ки оятҳое ки номгӯи гуноҳҳои дар матни нома бударо дар бар мегиранд, ба оятҳои боби якуми Нома ба Румиён, ки он ҷо оиди бутпарастони бехудо гуфта мешавад, монанд ҳастанд. Дар ёд доштан муҳим аст, ки аллакай худи муҳите ки дар байни бутпарастони ваҳшӣ ва бемаданият ҳукмфармост, нишон медиҳад, ки дар рӯзҳои охир имондорони номниҳод чӣ гуна хоҳанд буд. Ин то чӣ андоза ҷиддист!

"Рӯзҳои охир" – он рӯзҳо пеш аз он ки Масеҳ барои барпо намудани Подшоҳии Худ бозмеояд, фаро мерасанд.

## ХИСЛАТИ ШАХСИИ АЗИМОНГАШТАГОН (3:2-5)

**3:2** Ҳангоми омӯзиши ин оятҳо кас бисёр вақт бо калимаҳое дучор мешавад, ки дӯст доштан ё надоштани чизеро ифода мекунанд. Ҳамин тавр, дар ояти 2 сухан дар бораи одамони худписанд ва зарпараст меравад, яъне онҳое ки худро ва зарро дӯст медоранд. Дар ояти 3 "душмани некӣ" зикр шудааст. Дар ояти 4 мо оиди одамоне мехонем, ки на Худоро, балки "айшу ишратро дӯст медоранд".

Дар оятҳои 2-5 нуздаҳ хусусият, ки одамро дар рӯзҳои охир тавсиф хоҳанд дод, зикр шудаанд. Мо онҳоро номбар намуда, ба ҳар кадоми онҳо муродиф (синоним) илова мекунем, то маънояшонро аниқтар кунем:

***3:2*** <u>Худписанд</u> – касе ки пеш аз ҳама дар бораи худ фикр мекунад.
<u>Зарпараст</u> – пулдӯстдор, хасис.
<u>Пурғурур</u> – лофзан, касе ки оиди худ фикри хеле баланд дорад.
<u>Ҳавобаланд</u> – худхоҳ, якрав.
<u>Бадзабон</u> – бадгӯй, беҳудагӯй, куфргӯй, ҳақораткунанда.
<u>Беитоат</u> – исёнкор, беитоат, бетарбия.
<u>Кӯрнамак</u> – касе ки дар ивази некӣ некӣ намекунад.
<u>Осӣ</u> – куфргӯй, беҳудагӯй, касе ки ҳеҷ чизи муқаддас надорад.

***3:3*** <u>Ноаҳл</u> – сангдил, беҳис.
<u>Номуросо</u> – сангдил, касе ки муросо ё оштӣ кардан намехоҳад.
<u>Тӯҳматчӣ</u> – бадгӯй, паҳнкунандагони маълумоти бардурӯғ.
<u>Бепарҳез</u> – касе ки эҳсосоти худро идора карда наметавонад.
<u>Бераҳм</u> – ваҳшӣ, ноодам.

Душмани некӣ – касе ки ҳама чизи хуб ва ҳама шахсони некро бад мебинад. Чунин шахс ба ҳама гуна зуҳуроти некӣ мухолифат мекунад.

*3:4* Хоин – хиёнаткор, шахси бевафо.

Рӯйнатан – худхоҳ, беақл, беандеша.

Бодӣ – шахсе ки иддаоҳои беасос мекунад, шӯҳратпараст.

Айшу ишратро бештар аз Худо дӯст медоранд – Сухан дар бораи он нест, ки онҳо Худоро на он қадар дӯст медоранд, аммо ба ҳаловатҳо рағбати бештар доранд. Онҳо ба ҳаловатҳои эҳсосотӣ майли зиёд доранд, аммо Худоро тамоман дӯст намедоранд.

## ТАРЗИ РАФТОРИ АЗИМОНГАШТАГОН (3:5-8)

**3:5** Зоҳиран ин одамон пурра имондор метобанд. Онҳо худро масеҳӣ меноманд, аммо корҳояшон назар ба суханҳо оиди онҳо бештар мегӯянд. Онҳо бо рафтори бехудоёна ба ҳама нишон медиҳанд, ки дурӯғ мегӯянд. Ҳеҷ кас ягон гувоҳии онро намебинад, ки дар ин шахсон қувваи Худо ҳаст. Ва ҳатто агар дар зиндагии онҳо дигаргуние ҷой дошта бошад ҳам, оиди зодашавии дубораи онҳо сухан намеравад. Уэймаут мегӯяд: “Онҳо зоҳиран тақводориро риоя мекунанд, аммо дар айни ҳол қувваи онро рад мекунанд”. Моффэт менависад: “Агарчи онҳо шакли зоҳирии динро риоя мекунанд, қувваи ин динро тамоман намедонанд”. Филлипс мегӯяд: «Онҳо намояи “дин”-ро нигаҳдорӣ мекунанд, аммо бо рафтори худ арзиши ҳақиқии онро рад менамоянд». Онҳо мехоҳанд диндор бошанд, аммо дар айни ҳол гуноҳҳои худро тарк накунанд. Ваҳй 3:14-22-ро бинед. “Ҳамин аст симои даҳшатовари аз имони масеҳӣ рӯй гардондан – бутпарастии наве ки зери ниқоби масеҳият ниҳон аст” (Ҳиберт).

Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки аз ҳамаи чунин одамон рӯй гардонад. Онҳоро бо зарфҳое монанд кардан мумкин аст, ки Тимотиюс бояд аз онҳо пок шавад.

**3:6** Дар байни одамони фосидшудаи рӯзҳои охир Павлус гурӯҳи махсусеро ҷудо мекунад – роҳбарон ва муаллимони мазҳабҳои бардурӯғ. Ва ин тасвири муфассали хусусиятҳо ва усулҳои хоси кори онҳо дар замони мо пурра тасдиқ мешавад.

Аввалан, менависад фириста, онҳо пинҳонӣ ба хонаҳо дохил мешаванд. Дар тарҷумаҳои дигар гуфта мешавад, ки онҳо “ба зери хонаҳо нақб мекананд”. Беҳуда нест, ки чунин тасвир ба мо рафтори морро ёдрас мекунад, ки ноаён наздик шуда метавонад. Агар чунин одамон моҳияти худро дарҳол мекушоданд, ба бисёр хонаҳо даромадани онҳо аз эҳтимол дур мебуд. Аммо онҳо усулҳои гуногуни рӯпӯш кардани нақшаҳои худро истифода мебаранд, масалан оиди Худо, оиди Китоби Муқаддас, оиди

Масеҳ гап мезананд (ҳатто он вақте ки ба он чи Навишта оиди ҳамаи ин мегӯяд, бовар намекунанд).

Сипас гуфта мешавад, ки онҳо занҳоро фирефта мекунанд. Ин пурра хоси онҳост. Ҳангоми ба хонаҳои одамон рафтан онҳо вақтеро ба нақша мегиранд, ки шавҳарон ба кор ё ба ҷои дигар рафтаанд. Таърих такрор мешавад. Шайтон дар боғи Адан назди Ҳавво омад ва ӯро фирефта кард. Ӯ бар шавҳари худ фармонравоӣ карданӣ шуда, ба ҷои Одам қарор қабул намуд. Усулҳои кори шайтон аз он вақт дигаргун нашудаанд. Ӯ чун пештара назди занҳо меравад ва мекӯшад онҳоро таҳти ҳукми худ дароварад. Ба занҳо сустӣ ва ноустуворӣ дар рафтор хос аст. Одатан ба онҳо дурандешӣ ва истодагарӣ камӣ мекунад.

Павлус мегӯяд, ки онҳо дар гуноҳҳо ғӯтида, ба ҳавасҳои гуногун моил шудаанд. Ин дар навбати аввал маънои онро дорад, ки одатан онҳо зери бори эҳтиёҷ ва ҳисси гуноҳ дар зиндагӣ мебошанд. Маҳз дар ҳамин лаҳзаҳо муаллимони дурӯғин назди онҳо меоянд. Ва хеле ғамангез аст, ки одамоне  ки ҳақиқати Каломи Худоро медонанд, ҳамон гуна ғайратмандӣ зоҳир намекунанд, то ки ин ҷонҳои дар талвоса будаоро наҷот диҳанд. Дуюм, мо мехонем, ки онҳо ба ҳавасҳои гуногун моил шудаанд. Уэймаут чунин меҳисобад, ки ин ҷо оиди “нозҳои ҳамеша дигаргуншавандаи занона” гуфта шудааст. Моффатт занҳоро “мавҷудоти талвосакунандаи ҳардамхаёл” меномад. Ба фикри Павлус, аз афташ, дар ин ҷо чизи асосӣ дар он аст, ки занон гуноҳи худро дарк намуда ва аз онҳо раҳо гардиданӣ шуда, тайёранд ба ҳар гуна таълимот, ҳар гуна тамоюлоти динӣ дода шаванд.

**3:7** Таъбири “ҳамеша таълим мегиранд” маънои онро надорад, ки онҳо Каломи Худоро бо фаъолияти бештар меомӯзанд ва оиди Худованд Исо маълумот ҳосил менамоянд. Аниқтараш, ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ки онҳо ҳамеша гоҳ ба ин мазҳаб, гоҳ ба он мазҳаб дода мешаванд, аммо “ба дониши ростӣ расида наметавонанд”. Худи Худованд Исо Ҳақиқат аст. Гоҳо ин занон гӯё ба Ӯ хеле наздик меоянд, аммо ба ҳар ҳол дар ниҳояти кор осудагиро, ки танҳо дар Наҷотдиҳанда пайдо кардан мумкин аст, ба даст наоварда, ба дасти нобудкунандагони ҷонҳо меафтанд.

Бояд зикр кард, ки аъзоёни ҳар гуна мазҳабҳо ҳамеша “ман.... меомӯзам” мегӯянд ва ин ё он сохтро дар назар доранд. Онҳо ҳеҷ гоҳ оиди бозхарид шудан ба воситаи имон ба Исои Масеҳ гап намезананд.

Ин оят ҳамчунин водор мекунад, то оиди афзудани сатҳи донишҳо дар тамоми соҳаҳо фикр кунем, оиди он андеша намоем, ки нақши таҳсили илм дар замони ҳозира беш аз пеш муҳимтар

мешавад, аммо одамон дар айни ҳол ба донистани ҳақиқат аҳамияти камтар медиҳанд.

**3:8** Дар ин нома се ҷуфт одамони гуногун зикр мешаванд.

Фуҷлус ва Ҳармуҷнис (1:15) – онҳо аз ҳақиқат *шарм медоштанд*.

Ҳумниюс ва Филитус (2:17,18) – оиди ҳақиқат *хато карда буданд*.

Янис ва Ямбрис (3:8) – ба ҳақиқат *муқобилат* мекарданд.

Дар ояти ҳаштум фириста Павлус боз оиди роҳбарон ва муаллимони мазҳабҳои дурӯғин мегӯяд. Ӯ онҳоро бо Янис ва Ямбрис монанд мекунад, ки ба Мусо муқобилат мекарданд. Ин ду шахс киҳо буданд? Дар асл номҳои онҳо дар Таврот зикр нашудааст, аммо ҳама чунин меҳисобанд, ки онҳо коҳинони асосии мисрӣ буданд, ки фиръавн назди худ даъват карда буд, то мӯъҷизаҳоеро, ки Мусо дар назди ӯ ба амал овард, такрор кунанд.

Саволе ба миён меояд, ки Павлус номҳои онҳоро аз куҷо медонист. Дар ин ҷо мушкилие набояд пайдо шавад, зеро агарчи номҳои онҳо дар ривоятҳо ва ҳуҷҷатҳои таърихии яҳудӣ зикр нашудаанд, табиист, ки ин номҳо ба Павлус ба воситаи ваҳйи илоҳӣ маълум шудаанд.

Қобили зикр аст, ки онҳо ба Мусо муқобилат карда, амалҳои ӯро такрор менамуданд ва дар ҷавоби мӯъҷизаҳо мӯъҷизаҳо нишон медоданд. Пайравони мазҳабҳо низ ҳамин тавр мекунанд. Онҳо “китоби муқаддас” - и худ, фаҳмиши худро оиди наҷот доранд; хуллас, онҳо ба одамон варианти масеҳияти худро пешниҳод мекунанд. Онҳо ба ҳақиқати Худо муқобилат карда, ивазкунандаи ночизи онро пешниҳод мекунанд, ва гоҳо ҳатто баъзе “мӯъҷизаҳо” нишон медиҳанд.

Ақли чунин шахсон фосид шудааст. Артур Уэй мегӯяд, ки “ақли онҳо аз худи решааш пӯсидааст”, вайрон шудааст, асоси мустаҳкам надорад.

Агар чунин шахсонро бо имони масеҳӣ санҷем, – ва саволи оддитарин диҳем: “Оё Исои Масеҳ Худост?” – ночиз ва қалбакӣ будани онҳо аён мешавад. Бисёрии онҳо таълимоти дурӯғини худро пинҳон намуда, Писари Худо будани Исоро эътироф мекунанд, аммо дар айни ҳол мегӯянд, ки Ӯ ба ҳамон маъно Писари Худост, ки ҳама фарзандони Худоянд. Ва агар ба онҳо ин саволи рӯйрост дода шавад, онҳо симои ҳақиқии худро нишон медиҳанд. Онҳо на танҳо табиати илоҳии Исои Масеҳро рад мекунанд, балки чунин саволро шунида, асабонӣ мешаванд. Аз ҷумла, инро оиди ҷонибдорони илми масеҳӣ, спиритуалистҳо, христоделфианҳо ва шоҳидони Яҳува гуфтан мумкин аст.

## НОКОМИИ НИҲОИИ АЗИМОНГАШТАҲО (3:9)

**3:9** Дар фаҳмиши ин оят мо бо душвориҳои муайян дучор мешавем. Павлус Тимотиюсро бовар мекунонад, ки ин муаллимони дурӯғин бисёр комёб намешаванд. Душворӣ аз он иборат аст, ки дар ҳама замонҳо онҳо таассуроте боқӣ мегузоштанд, ки дар ҳама корҳо комёб ҳастанд, ва то ҳол чунин метобад, ки дар тамоми ҷаҳон афзудани таълимоти онҳоро ҳеҷ чиз боздошта наметавонад.

Бе шубҳа, Павлус ин ҷо оиди он мегӯяд, ки дар ниҳояти кор ҳама гуна сохти таълимоти дурӯғин хислати дурӯғини худро нишон медиҳад. Сохтҳои дурӯғин меоянд ва мераванд. Ва агарчи бисёрии онҳо гумон карда метавонанд, ки гул-гул шукуфон ҳастанд ва муддати зиёд вуҷуд доранд, дар охир вақте фаро мерасад, ки ин дурӯғ барои ҳама аён мегардад. Ин таълимотҳо метавонанд одамонро ба сатҳи муайяни донишҳо ва дигаргуниҳо оваранд, ҳатто баъзе дигаргуниҳо пешниҳод кунанд. Аммо онҳо одамро комилан дигаргун карда наметавонанд. Онҳо наметавонанд одамро аз ҷазо барои гуноҳ ва аз ҳукми гуноҳ раҳо кунанд ва ба ӯ зиндагӣ диҳанд.

Янис ва Ямбрис то андозае метавонистанд он мӯъҷизаҳоеро, ки Мусо ба амал меовард, такрор кунанд. Аммо ҳангоме ки кор то растохез аз мурдагон ба зиндагӣ расид, онҳо пурра нотавон будани худро нишон доданд. Маҳз дар ҳамин ҷо ҳамаи таълимотҳои дурӯғин шикаст мехӯранд.

## ПАВЛУС ЧУН НАМУНАИ ВАФОДОРӢ ВА АЗОБҲО (3:10-11)

**3:10** Намунаи зиндагӣ ва хизмати Павлус тазоди намоёнест ба ин таълимотҳои дурӯғин. Тимотиюс нӯҳ хусусиятеро, ки ин ходими Худовандро тавсиф медиҳанд, хуб медонист. Ӯ муддати зиёд ҳамроҳи Павлус хизмат мекард ва метавонист гувоҳӣ диҳад, ки ӯ шахси ба Масеҳ ва Каломи Ӯ вафодор буд.

Таълимоти фириста Павлус пурра мувофиқи Каломи Худо ва Шахсияти Худованд Исои Масеҳ буд. Тарзи зиндагӣ ва рафтори ӯ ҳамчунин ба он таълимоте ки ӯ мавъиза мекард, мувофиқат менамуд. Зиндагии ӯ бо бадии ахлоқӣ ё таълимотӣ ҳеҷ умумияте надошт.

Имон дар ин ҷо боварии Павлус ба Худованд, ё вафодории шахсии худи ӯст. Тимотиюс ӯро чун шахсе мешинохт, ки пурра ба Худованд вобаста ва дар айни замон бовиҷдон аст, ки ба ӯ боварӣ кардан мумкин аст.

Оиди пурсабрӣ ва азобҳои Павлус аз рӯи муносибати ӯ ба таъқибкунандагонаш ва ба душвориҳои ҷисмониаш баҳо додан мумкин аст.

Агар гап дар бораи олиҳимматӣ ва муҳаббат равад, Павлус Худованд ва бародарону хоҳарони ҳамимони худро беғаразона

дӯст медошт. Дигарон ӯро ҳар қадар камтар дӯст доранд, ӯ ҳамон қадар сахттар ва самимитар дӯст медошт.

Калимаи “тоқат” маънои оромии хислат ё устувориро ифода карда метавонад.

**3:11** Оиди баъзе таъқибот, душвориҳо ва азобҳои Павлус мо дар 2Қӯринтиён 11:23-28 мехонем. Аммо дар ин ҷо Павлус оиди ҳамон таъқибот ва азобу душвориҳое мегӯяд, ки Тимотиюс шахсан шоҳиди онҳо буд. Азбаски хонаи худи Тимотиюс дар Лустра буд, ӯ таъқиботи дар он ҷо ва дар Антиохия ва Иқуния ба сари Павлус омадаро медонист. Дар Навиштаҳо мо оиди ин азобҳо дар Аъмол мехонем: дар Антиохия (Аъмол 13:45,50), дар Иқуния (Аъмол 14:3-6), дар Лустра (Аъмол 14:19-20).

Павлус таъкид мекунад, ки Худованд ӯро аз ҳамаи ин душвориҳо раҳо намуд. Худованд Павлусро АЗ душвориҳо озод накард, балки АЗ соҳаи душвориҳо берун овард. Ин ба мо ёдрас мекунад, ки мо аз душвориҳо озод намешавем, балки Худованд ҳамеша бо мо буда, дар рафъ намудани онҳо ёрӣ марасонад.

## НОГУЗИР БУДАНИ ТАЪҚИБОТ (3:12)

**3:12** Таъқибот қисми ҷудонашавандаи зиндагии тақводоронаи масеҳӣ аст. Ҳама гуна “Тимотиюс”-и ҷавон бояд инро дар ёд дошта бошад. Вагарна, ҳангоме ӯ даъват мешавад, то аз обҳои чуқур гузарад, ба васвасаи чунин фикр афтода метавонад, ки Худовандро ноумед кардааст ё ба Худованд хизмати ӯ даркор нест. Маъно аз он иборат аст, ки барои касоне ки қарор додаанд тақводорона зиндагӣ кунанд, таъқибот ва азобҳо ногузиранд.

Сабаби ин таъқибот фаҳмост. Дар заминаи зиндагии тақводорона гуноҳолудии зиндагии дигарон, ки аён шудани гуноҳҳояшонро намехоҳанд, хуб намудор аст. Ва ба ҷои он ки аз гуноҳҳои худ тавба карда, ба Масеҳ рӯ оваранд, онҳо мекӯшанд касеро, ки симои аслии онҳоро нишон медиҳад, нобуд кунанд. Чунин рафтор, албатта, оқилона нест, аммо барои шахси гуноҳкор хос аст.

## АФЗУДАНИ ҲАТМИИ БАДӢ (3:13)

**3:13** Павлус интизори он нест, ки ҷаҳон тадриҷан беҳтар мешавад ва ҳамаи одамон дар охир ба Худо имон меоваранд. Ӯ ба воситаи ваҳйи илоҳӣ хеле хуб медонист, ки ҳамааш баръакс хоҳад буд. Одамони бадкирдор ва фиребгар торафт бадтар мешаванд.

Онҳо на танҳо дигаронро фиреб медиҳанд, балки худашон ба доми таълимоти дуруғине, ки бо ёрии он бар дамон ҳукмронӣ кардани мешаванд, меафтанд. Баъди дурӯғи бардавоме, ки онҳо

дар байни одамон паҳн мекунанд, дар охир худашон ба он бовар мекунанд.

# ВАФОДОРӢ БА НАВИШТАҲОИ МУҚАДДАС (3:14-17)

**3:14** Павлус гаштаву баргашта ба Тимотиюс ёдрас мекунад, ки омӯзиши Каломи Худоро устуворона давом додан даркор аст. Ин ба ӯ махсусан он вақте даркор мешавад, ки таълимотҳои дурӯғин одамонро дар ҳама ҷо ғофилгир мекунанд. Агар ӯ Навиштаро донад ва ба он пайравӣ кунад, баъд ҳеҷ чиз наметавонад ӯро маҷбур кунад, ки аз роҳи ҳақиқат берун шавад.

Тимотиюс на танҳо ҳақиқатҳои бузурги имонро дарк намуд. Бе шубҳа, ба ӯ борҳо гуфтаанд, ки чунин таълимотҳо кӯҳна шудаанд, ва онҳо на барои одамони бомаданият ва оқил мебошанд. Аммо ӯ набояд ростиро ба хотири ким-кадом назарияҳо ва ақидаҳои одамӣ рад намояд.

Фириста ҳамчунин Тимотиюсро даъват мекунад, то дар ёд дошта бошад, ки ин ҳақиқатҳоро ба ӯ кӣ таълим додааст. Нисбати калимаи “кӣ” ихтилофи ақидаҳо вуҷуд дорад. Ин ҷо оиди кӣ гуфта шудааст? Оиди фириста Павлус, модар ё бибии Тимотиюс ё умуман оиди фиристаҳо? Дар ҳар ҳол, ҳақиқатҳои бузурги Навиштаро ба ӯ одамоне расондаанд, ки бо зиндагии худ самимият ва воқеияти имони худро нишон додаанд. Онҳо шахсони тақводор буданд, ки пурра мувофиқи ҷалоли Худо зиндагӣ мекарданд.

**3:15** Ин оят нисбатан сермаъност. Мақсади асосии он ҳамин аст, ки Тимотиюс аз хурдӣ Навиштаҳои Муқаддасро медонист. Ин ҷо ҳатто фикре ҳаст, ки ҳангоме модар ба ӯ хонданро ёд медод, баъзе порчаҳои Тавротро истифода мебурд. Аз давраи кӯдакӣ ӯ зери таъсири Навиштаҳои дорои илҳоми илоҳӣ буд, бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ набояд он Китоби пурбаракатро, ки зиндагии ба хизмати Худо ва некӣ бахшидашудаи ӯро ташаккул додааст, фаромӯш кунад.

Ин ҷо гуфта шудааст, ки Навиштаҳо метавонанд одамонро барои наҷот ёфтан ҳикмат омӯзонанд. Ин маънои онро дорад, ки аввалан, одамон оиди наҷот аз Китоби Муқаддас мефаҳманд. Ғайр аз он, ин ҷо фикре ҳаст, ки боварӣ ба наҷот аз Каломи Худо бармеояд.

Наҷот “бо имон ба Исои Масеҳ” меояд. Ба ин диққати махсус додан даркор аст. Наҷот ба воситаи корҳои нек, ғӯта, узвият дар ҷамоат, иҷрои маросимҳо, риояи даҳ фармуда ё қоидаи тиллоии ахлоқ, дигар кӯшишҳо ё дастовардҳои инсонӣ намеояд. Наҷот танҳо бо имон ба Худованд Исои Масеҳ меояд. Ҳамин аст гувоҳии Каломи Худо.

**3:16** Дар замоне ки Павлус ба Тимотиюс номаҳо менавишт, ба одамон танҳо китобҳои Таврот дар шакли навишта дастрас буданд. Бинобар он ин оят дар навбати аввал ба китобҳои Таврот дахл дорад. Аммо Рӯҳи Худо ин оятро ба Павлус чунон дод, ки

он ба тамоми навиштаҳои дорои илҳоми илоҳӣ – Таврот ва Инҷил дахл дорад.

Ин яке аз муҳимтарин оятҳои Китоби Муқаддас аст, ки оиди илҳоми илоҳӣ мегӯяд. Он моро таълим медиҳад, ки Китоби Муқаддас бо илҳоми Худо навишта шудааст. Ӯ ба як тарзи мӯъҷизаосо Каломи Худро ба одамон расонд ва водор намуд, ки онро нависанд, то ки барои наслҳои баъдина нигоҳ дошта шавад. Ва он чи ин одамон навиштанд, худи Каломи Худост, ки дорои илҳоми илоҳист ва хатое надорад. Дар ҳоле ки услуби адабии фардии ҳар яке аз нависандагон вайрон нашудааст, он низ дуруст аст, ки калимаҳое ки онҳо ҳангоми навиштан истифода бурдаанд, аз ҷониби Рӯҳи Пок дода шудаанд. Ҳамин тавр, дар 1Қӯринтиён 2:13 мехонем: “Ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем”. Ин оят оиди он мегӯяд, ки одамон бо илҳоми Рӯҳи Пок СУХАНОНЕРО истифода бурдаанд, ки Рӯҳи Пок ба онҳо мегуфт. Ин аст он чи илҳоми илоҳӣ номида мешавад.

Касоне ки бевосита китобҳои Навиштаи Муқаддасро менавиштанд, ба матн фикрҳои худро намедароварданд, балки танҳо он чиро менавиштанд, ки Худо ба онҳо гуфта буд. “Ва пеш аз ҳама чиз инро бидонед, ки ҳеҷ як нубуввати Навиштаҳо тафсири шахсиро раво намедонад; зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс, онро ба забон рондаанд” (2Петрус 1:20-21).

Он тахмин нодуруст аст, ки Худо ба майнаи ин одамон фикрҳоро дохил намуд, ва баъд имкон дод, ки ба таври хостаашон онро баён кунанд. Ҳақиқат он аст, ки худи суханони Навишта, ки аз ҷониби Худо дода шудаанд, илҳоми илоҳӣ доштанд.

Китоби Муқаддас фоиданок аст, чунки Каломи Худост. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як қисми он, ҳар як калимаи он фоиданок аст. Ва агарчи одам дар фоиданокии насабномаҳо ё ҷойҳои душвори Китоби Муқаддас шубҳа карда метавонад, ақли дорои рӯҳоният ба ҳар ҳол мефаҳмад, ки дар ҳар як калимае ки аз ҷониби Худо меояд, панду насиҳати рӯҳонӣ ҳаст.

Китоби Муқаддас “барои омӯзиш” фоиданок аст. Он ба одамон фикрҳои Худоро оиди мафҳуми Ваҳдати Сегона, фариштаҳо, одам, гуноҳ, наҷот, тақдис, ҷамоат, воқеаҳои оянда мерасонад.

Китоби Муқаддас “барои мазаммат” фоиданок аст. Ҳангоме ки мо онро мехонем, он ба мо оиди он ҷиҳатҳои зиндагиамон мегӯяд, ки Худоро ғамгин мекунанд. Ғайр аз ин, Китоби

Муқаддас барои он фоиданок аст, ки барои аз хатоҳо барканор будан ва ба васвасаҳои шайтон дуруст ҷавоб додан ёрӣ медиҳад.

Китоби Муқаддас "барои ислоҳ" фоиданок аст. Он на танҳо хатоҳои моро нишон медиҳад, балки чӣ гуна беҳтар шуданро ба мо мегӯяд. Масалан, дар он на танҳо гуфта шудааст: "касе ки дуздӣ кардааст, дигар дуздӣ накунад", балки илова дорад: "балки меҳнат карда, бо дастҳои худ кори фоиданоке ба ҷо оварад, то чизе дошта бошад, ки ба эҳтиёҷманде бибахшад". Қисми аввали ин оятро мазаммат номидан мумкин аст, қисми дуюмро бошад – дастур барои ислоҳшавӣ.

Ва ниҳоят, Китоби Муқаддас "барои ҳидоят ба роҳи адолат" фоиданок аст. Файзи Худо моро таълим медиҳад, ки тақводорона зиндагӣ кунем, аммо Каломи Худо муфассал оиди он мегӯяд, ки маҳз чӣ гуна тақводорона зистан мумкин аст.

**3:17** Ба воситаи Каломи Худо одами худоҷӯй комил, яъне болиғ шуда метавонад. Ӯ барои кардани корҳои нек, ки мақсади наҷоти ӯ мебошанд, ҳама чизро дорад (Эфсӯсиён 2:8-10). Ин ба ақидаҳои ҳозира оиди зарурати дар навбати аввал ба даст овардани илмҳои академӣ мухолифат дорад.

"Навишта бо ҳеҷ чиз муқоисанашаванда аст; ҳеҷ як китоб, ҳеҷ китобхона, умуман ҳеҷ чиз дар ҷаҳон наметавонад гуноҳкори роҳгумзадаро барои наҷот ёфтан ҳикмат диҳад; ҳеҷ навиштаи дигар, ҳар қадар дар соҳаҳои дигари фаъолияти инсон фоиданок бошад ҳам, ба чунин натиҷаҳо оварда намерасонад: донистани таълимоти ҳақиқӣ оиди наҷот; ба муносибатҳои дуруст бо Худо бозгаштани гуноҳкор ё масеҳии хатокарда; омӯзиш, мазаммат, ислоҳ, ҳидоят ба роҳи адолат – чунки илҳоми илоҳӣ надорад" (Ленскӣ).

ДАРСИ ДАҲУМ

# ҲУШЁР БОШ!
**4:1-22**

## МАВЪИЗАИ КАЛОМ (4:1-2)

**4:1** Аз ин оят даъвати охирини Павлус ба Тимотиюс дар ин нома сар мешавад. Ӯ инро "ба ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд" мекунад. Имондорон ҳангоми хизматгузорӣ бояд дарк намоянд, ки он зери назорати чашмони ҳамабини Худо мегузарад.

Дар Китоби Муқаддас оиди Худо гуфта шудааст, ки Ӯ ҳангоми зоҳиршавии Худ ва подшоҳии Худ "мурдаҳо ва

зиндаҳоро доварӣ мекунад”. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳангоме Наҷотдиҳанда ба замин баргашта, подшоҳии Худро барпо менамояд, растохези умумӣ ва доварии умумӣ сар мешавад. Дар баъзе тарҷумаҳо дигар хел хонда мешавад, масалан:

> “Ман дар назди Худо ва Масеҳ Исо, ки зиндаҳо ва мурдаҳоро доварӣ мекунад, бо тантана ба ту васият менамоям, ва инро барои он мегӯям, ки Масеҳ Подшоҳӣ дорад, ва Ӯ боз меояд”.

Мувофиқи ин варианти афзалиятнок, Худованд Исои Масеҳ ҳамон Касе мебошад, ки зиндаҳо ва мурдаҳоро доварӣ мекунад, аммо чизе оиди вақти аниқ гуфта нашудааст. Бозомадани Масеҳ ва подшоҳии Ӯро Павлус ҳамчун водоркунандаҳои хизмати вафодорона қаламдод менамояд.

Аз дигар ҷойҳои Навишта мо медонем, ки ҳангоми омадани дуюми Худ Масеҳ зиндаҳо ва мурдаҳоро доварӣ намекунад. Чуноне ки дар Ваҳй 20:5 гуфта шудааст, гуноҳкорони мурда танҳо баъди подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ доварӣ карда мешаванд.

Хизмати ҳар як имондор ҳангоми доварии Масеҳ мукофотонида мешавад, аммо ин мукофотҳо ҳангоми омадани Масеҳ ва подшоҳии Ӯ тасдиқ карда мешаванд. Онҳо ба ҳукмронӣ ҳамроҳи Масеҳ ҳангоми подшоҳии ҳазорсола вобаста мебошанд. Касоне ки ба Масеҳ вафодор буданд, масалан, бар даҳ шаҳр ҳукмронӣ мекунанд.

**4:2** Дар пеши Худо, ки хизматгорони Худро мушоҳида мекунад, ва низ ба хотири мукофоти оянда аз Ӯ Тимотиюс бояд то охир ба Калом вафодор бошад. Ӯ бояд дар ин ҷода меҳнат кунад, ва барои ин ҳамаи имкониятҳоро истифода барад. Ва барои ин хизмат ҳамеша бояд вақт бошад, ҳатто агар касе фикр кунад, ки он “на дар вақташ” аст.

Павлус Тимотиюсро даъват мекунад, ки чун хизматгори Масеҳ боисрор бошад, яъне мазаммат намояд, манъ кунад, насиҳат намояд. Ӯ вазифадор аст ҳама чизи бад ва дурӯғро маҳкум намояд. Ӯ бояд гуноҳкоронро насиҳат кунад, ки ба Худованд бовар кунанд, имондоронро бошад – насиҳат кунад, ки хизматро ба Худованд давом диҳанд. Ва ҳамаи инро Тимотиюс бояд бо таҳаммул ва омӯзгорӣ кунад.

# ЧАРО ИН ЧУНИН ЗАРУР АСТ (4:3-4)

**4:3** Дар оятҳои 3-6 Павлус оиди ду сабаби ҷиддии чунин вазифадор намудан сухан меронад. Аввалан, вақте фаро хоҳад расид, ки ҳама аз таълимоти ҳақиқӣ рӯ мегардонанд. Дуюмаш он аст, ки вақти ин ҷаҳонро тарк кардани Павлус наздик аст.

Фириста вақтеро пешбинӣ мекунад, ки одамон ба таълимоти солим таваҷҷӯҳе нахоҳанд намуд. Зиёда аз ин, аз ҳамаи касоне ки

ҳақиқати Каломи Худоро таълим медиҳанд, рӯ хоҳанд гардонд. Гӯшҳои онҳо танҳо ба он таълимоте ҷӯр хоҳанд шуд, ки ба гӯш форам ва хуш мебошанд. Ва барои қонеъ намудани майлҳо ва ҳавасҳои худ одамон сӯи муаллимоне ҷалб мешаванд, ки чизи мехостаашонро таълим медиҳанд.

**4:4** Майли шунидани мавъизаи ба ҳама форам боиси он мешавад, ки одамон аз ҳақиқат дур шуда, ба қиссаҳо рӯ меоваранд. Чунин мубодила, албатта, нобаробар аст (аз даст додани ҳақиқат ба хотири қиссаҳо), аммо ин мукофоти сазоворест барои ҳамаи онҳое ки таълимоти ҳақиқиро рад мекунанд.

## ДАЪВАТИ ПАВЛУС ДАР ПАРТАВИ АНҶОМЁБИИ ХИЗМАТИ ЗАМИНИИ Ӯ (4:5-8)

**4:5** Дар чунин хизмат ҳушёр будан аслан маънои ба ҳама чиз ҳушёрона муносибат карданро дорад. Тимотиюс бояд ба меҳнати худ ҷиддӣ муносибат намояд, мӯътадил ва бомулоҳиза бошад.

Ӯ бояд аз нохушиҳо канорагирӣ кунад, аммо ҳама гуна душвориҳоро, ки дар раванди хизмат ба Масеҳ дучор шуда метавонанд, босаброна паси сар кунад.

Нисбати суханони "кори башоратдиҳандаро ба ҷо овар" муҳаққиқон ҳамфикрӣ надоранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки Тимотиюс аз ҷиҳати бахшоишҳояш муждарасон буд, ва Павлус дар ин ҷо ӯро даъват мекунад, ки хизмати худро давом диҳад. Дигарон чунин меҳисобанд, ки Тимотиюс бахшоиши муждарасонӣ надошт, чунки ӯ шубон ё муаллим буд, аммо агар имконияти муждарасонӣ фароҳам меомад, набояд аз он даст мекашид. Мо чунин меҳисобем, ки Тимотиюс амалан муждарасон буд, ва Павлус ӯро даъват менамуд, то ҳама кореро, ки муждарасон метавонад ва бояд иҷро кунад, ба ҷо оварад.

Аммо, ба ҳар ҳол, ӯ бояд ҳамаи лаёқатҳо ва бахшоишҳои худро барои эълони имон истифода бурда, хизмати худро ба ҷо оварад.

**4:6** Сababи дуюми чунин даъвати Павлус аз Тимотиюс он буд, ки ӯ наздик шудани маргашро ҳис мекард. Ба қарибӣ ӯ мебоист ин ҷаҳонро тарк мекард. Дар оят гуфта шудааст, ки ӯ акнун қурбонӣ мешавад. Павлус дар назар дорад, ки ӯ ба қарибӣ қурбонии рехтанӣ мешавад. Ӯ ҳангоми марги риёзаткашона рехта шудани хуни худро ба қурбонии рехтанӣ монанд мекунад (Ниг. Хуруҷ 29:40; Ададҳо 15:1-10). Пеш аз ин Павлус дар Нома ба Филиппиён 2:17 марги худро ба қурбонии рехтанӣ монанд карда буд. "Ҳамаи зиндагии ӯ чун қурбонии зинда ба Худо пешкаш шуда буд; ва инак марг, ки бо рехтани май чун амали охирини

маросими қурбониоварӣ монанд карда мешавад, анҷоми ҳамаи ин қурбонӣ хоҳад шуд” (Ҳиберт).

“Вақти риҳлатам фаро расидааст”. Павлус ин ҷо барои тасвири марги худ калимаи ифоданокро истифода мебарад. Мувофиқи ақидаи Ричард Уаф, ин калима камаш чор мавриди истифода дорад: 1) ин калимаро баҳрнавардон истифода мебурданд ва лангарро бардошта, ба сафар баромадани киштиро дар назар доштанд: 2) ин калимаро зироаткорон истифода мебурданд, ҳангоме баъди заминронӣ абзори аспро мекушоданд; 3) он дар байни сайёҳон маъмул буд, ҳангоме онҳо ки оиди хаймаҳоро “ғундошта”, ба сафар баромадан сухан меронданд; 4) ин истилоҳи фалсафӣ буд, ки маънои “ҳалл”-и масъаларо дошт. Ин ҷо мо боз парвози хаёлро мебинем, ки ба фиристаи бузург хос буд.

**4:7** Дар назари аввал метавонад чунин тобад, ки Павлус ин ҷо худситоӣ мекунад. Аммо ин тавр нест. Ин ҷо на оиди он гуфта мешавад, ки ӯ дар *кадом як* кашмакаш талош кардааст, балки оиди он, ки ӯ дар кашмакаши нек, ва маҳз дар кашмакаши имон талош кардааст ва ҳоло ҳам мекунад. Ӯ ба маънои беҳтарини калима тамоми қувваи худро сарф намуд. Феъли “талош кардам” дар ин ҷо на танҳо маънои ҳарбӣ, балки маънои варзишӣ низ дошта метавонад. Павлус ҳис мекард, ки “кашмакаш”-и ӯ ба анҷом мерасад. Ӯ аз самт бероҳа нашуд ва мақсади ниҳоиро аз назар гум накард.

Ва ниҳоят, Павлус имонро нигоҳ дошт. Ин маънои онро дорад, ки ӯ на танҳо ба ҳақиқатҳои бузурги масеҳият бовар карданро давом медод, балки чун идоракунанда он таълимотеро, ки ба ӯ дода шуда буд, нигоҳдорӣ мекард, ва онро дар покии ибтидоӣ ба дигарон мерасонд.

**4:8** Дар ин оят фириста боварӣ изҳор менамояд, ки росткорие ки ӯ дар хизмати худ зоҳир намудааст, аз ҷониби Худованди росткор дар рӯзи доварии Масеҳ мукофотонида мешавад.

Оиди Худованд Павлус чун оиди Довари росткор мегӯяд. Бар хилофи доварони заминӣ, Ӯ дониши пурра ва комил дорад, ҳеҷ касро афзал намедонад, водоркунандаҳоро ба андозаи корҳо баҳо медиҳад, ва ҳукмҳои Ӯ аниқ ва холисона мебошанд.

Тоҷи росткорӣ тоҷест, ки ба имондороне дода мешавад, ки дар хизмати худ росткорӣ нишон додаанд. Ҳақиқатан, он ба ҳамаи онҳое дода мешавад, ки омадани Масеҳро самимона интизоранд. Агар шахс самимона интизори бозгашти Ӯ бошад ва бо ин воқеа зиндагӣ кунад, мукофоташ низ барои зиндагии росткорона мувофиқи он хоҳад буд. Ин бори дигар ба мо ёдрас мекунад, ки омадани дуюми Масеҳ, агар кас ҳақиқатан ба Ӯ

бовар дошта бошад ва Ӯро дӯст дорад, зиндагии чунин имондорро пок мегардонад.

## ДАРХОСТ АЗ ТИМОТИЮС, ТО МАРҚУСРО ҲАМРОҲАШ БИЁРАД (4:9-12)

**4:9** Павлуси пиронсол бесаброна интизори вохӯрӣ бо бародари ҷавони худ дар Худованд аст. Аз ин сабаб ӯ аз вай хоҳиш мекунад, ки бо ҳар роҳи имконпазир ҳарчи зудтар ба Рум биёяд. Фириста дар маҳбаси Рум танҳоиро хеле сахт ҳис мекард.

**4:10** Яке аз санҷишҳои талхтарин дар хизмати масеҳӣ лаҳзаҳое мебошанд, ки бародарони ҳамимон аз якдигар рӯ мегардонанд. Димос дӯсти Павлус, бародари ҳамимонаш буд, ки ҳамроҳи ӯ хизмат мекард. Аммо масеҳиён ба таъқиботи бераҳмона дучор шуданд, вазъият барои онҳо хеле бад гардид, ва Павлус ба зиндон партофта шуд. Ба ҷои он ки бозгашти Худовандро интизор шавад, Димос боз арзишҳои дунёи атрофро дӯст дошт, Павлусро тарк намуд ва ба Таслӯникӣ раҳсипор шуд.

Ин ҳатман маънои онро надорад, ки Димос имони масеҳиро тарк кард ва аз имон гашт, ва низ маънои онро надорад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ имондори ҳақиқӣ набуд. Шояд, тарс барои бехатарии худ ӯро маҷбур кард, ки хато кунад.

Сипас фириста мегӯяд, ки Крискис ба Ғалотия рафт, ва Титус – ба Далмотия. Дар ин суханон мо ҳеҷ айбдоркуниеро дар ҳаққи ин касон намебинем: пурра имконпазир аст, ки онҳоро махсус ба он ҷо барои хизмати масеҳӣ равон карда буданд. Крискис дар Китоби Муқаддас дигар зикр карда намешавад. Мо оиди ӯ дигар чизе намедонем. Ва ин бояд ҳамаи имондоронро рӯҳбаланд кунад. Мақоми имондори алоҳида ҳар қадар хоксорона ва фурӯтанона бошад ҳам, хизмати ӯ барои Худованд пайхаснашуда ва бемукофот намемонад.

Табиби дӯстдошта Луқо дар он рӯзҳо ягона касе буд, ки чун пештара бо Павлус дар Рум робита дошт. Барои фириста дастгирии рӯҳонӣ ва ёрии ин хизматгори бузурги Худо аҳамияти зиёд дошт.

**4:11** Мо бояд барои ояти 11 хеле миннатдор бошем. Он ҳамаи касонеро, ки дар хизмати Худованд нобарор мешаванд, рӯҳбаланд мекунад. Он ҳамеша ба мо имкон медиҳад дар имони худ ба Ӯ устувор гардем. Умедворам, шумо қиссаеро дар ёд доред, ки Марқус ҳамроҳи Павлус ва Барнаббо ба сафари якуми миссионерии худ рафта буд, аммо дар Пирҷа онҳоро тарк карда, ба хона баргашт. Ва ҳангоме ки вақти сафари дуюм фаро расид, Павлус нахост Марқусро ҳамроҳ гирад, чунки дафъаи аввал онҳоро тарк карда буд. Ҳангоме Барнаббо исрор намуд, ки Марқус ҳамроҳи онҳо равад, Павлус баҳсро чунин ҳал намуд: худаш бо Силос ба Киликия ва Сурия рафт, Барнаббо ва Марқус

бошанд ба Қиприс равон шуданд. Дертар Павлус ва Марқус оштӣ шуданд, ва ин ҷо аллакай Павлус махсус оиди Марқус чун оиди шахси барои ӯ ва барои хизмат фоиданоктарин хоҳиш мекунад.

**4:12** Касоне ки ба фикрашон, ҳангоми навишта шудани ин нома Тимотиюс дар Эфсӯс буд, чунин меҳисобанд, ки фириста Ба Эфсӯс Тӯхикӯсро фиристод, то Тимотиюсро мувaққатан иваз кунад. Онҳо чунин меҳисобанд, ки дар асл Павлус дар ин оят чунин гуфтан мехост: "Тӯхикӯсро вазифадор намудам, ки ба Эфсӯс биёяд".

## ДАРХОСТ ОИДИ ЧИЗҲОИ ШАХСӢ (4:13)

**4:13** Ридо дар ин ҷо метавонад либоси болоӣ ё китобдонро ифода кунад. Бисёрии муҳаққиқон ва тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки сухан дар бораи либос меравад.

Нисбати чӣ будани "китобҳои пӯстӣ" ҳамфикрӣ нест. Оё онҳо китобҳои Навиштаро дар бар мегирифтанд? Ё ин номаҳои Павлус буданд? Шояд сухан дар бораи ҳуҷҷатҳое меравад, ки он вақтҳо ҳангоми пурсуковҳо истифода мешуданд? Ё шояд ин варақҳои тозаи папирус ё пӯст буданд, ки Павлус барои навиштани номаҳо истифода бурдан мехост? Дар ин бора ягон чиз аниқ гуфтан ғайриимкон аст. Аммо як чиз аниқ аст: ҳатто дар маҳбас фириста Павлус мехост бо китобхонӣ ё навиштан машғул шавад.

Дар робита, бо ин оят ва он мавқеи муҳиме ки он дар Китоби Муқаддас ишғол мекунад, як ҳикояи шавқовар ба ёд меояд. Боре Ф. Нюмен аз Д. Н. Дарбӣ пурсид: Агар ин оят дар Китоби Муқаддас намебуд, оё мо рӯҳан камбағалтар мешудем? Шояд, набудани онро касе пай намебурд? Агар Павлус ин оятро наменавишт, оё мо дар ин ҷаҳон ягон чизро аз даст медодем?

Дарбӣ хеле хирадмандона ҷавоб дод: "Ман аниқ чизеро аз даст медодам, зеро ин оят боре маро аз фурӯхтани китобхонаи худ боздошт. Ҳама гуна сухан аз Рӯҳ аст ва арзиши ҷовидон дорад".

## ТАФСИЛОТЕ КИ БА МУРОФИАИ ДОВАРИИ ПАВЛУС ДАХЛ ДОРАНД (4:14-18)

**4:14** Искандари мисгар, ки Павлус дар ин ҷо зикр мекунад, шояд ҳамон шахсест, ки Павлус дар 1Тимотиюс 1:20 ӯро куфргӯй номидааст. Дар ҳар ҳол, ин Искандар ба Павлус зарари калон расонд. Мо танҳо тахмин карда метавонем, ки ин чӣ зараре буд. Агар ин оятро бо оятҳои баъдина муқоиса кунем, фарз кардан мумкин аст, ки Искандар зидди фириста гувоҳӣ медод ва беасос айбдор менамуд. Конибер ва Ҳаусон ин оятро чунин тарҷума мекунанд: “Искандари мисгар маро дар бадии бисёр айбдор намуд”.

Фириста шубҳае надорад, ки Худованд ба Искандар мувофиқи аъмолаш подоше хоҳад дод. Гап дар бораи он нест, ки Павлус аз Худо хоҳиш мекунад, то подош диҳад, ва ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки Павлус ба ногузир будани ин амали Худованд боварии пурра дорад.

**4:15** Аз ин оят аён аст, ки Павлус дар интизори ба Рум омадани Тимотиюс қарор дод, ки дӯсти ҷавони ӯ бояд оиди Искандар донад, то аз дасти ин шахси бад зарар набинад.

Пурра имконпазир аст, ки ҳангоми мурофиаи доварӣ Искандар зидди Павлус баромад карда, ба гувоҳии ӯ мухолифат менамуд.

**4:16** Фириста чун пештара оиди воқеаҳои якчанд рӯзи охир фикр мекунад. “Муҳокимаи аввалин” шояд имконияти аввалинест, ки ӯ ҳангоми мурофиа барои сафед кардани худ пайдо намуд.

Афсӯс, ки дар назди Павлус касе набуд, то ин фиристаи бузургро, ки асарҳои навиштааш наслҳои зиёди имондорони асрҳои минбаъдаро ғанӣ гардондаанд, ҷонибдорӣ кунад. Ҳеҷ кас барои ҳимояи Павлус коре накард, аммо дар дили ӯ аламе нисбати ин нест. Монанди Наҷотдиҳанда, ки пеш аз ӯ риёзаткашона мурда буд, ӯ дуо мекард, ки ҳеҷ кас дар чунин кор айбдор дониста нашавад.

**4:17** Одамон ӯро тарк карда метавонистанд, аммо Худованд ҳамеша бо ӯ буд. Зиёда аз ин, ӯ аз олами боло қувват мегирифт, то ки ҳатто ҳангоми мурофиа Хушхабарро мавъиза кунад. Хушхабаре ки ӯ мегуфт, монеаҳоро бартараф намуд, ва доварони бутпараст онро шуниданд. “Ҳамаи халқҳо – бо ин ибора чӣ қадар сокинони империяи Рум дар назар дошта шудаанд! – дар он рӯз суханонеро шуниданд, ки Худо ба инсоният нигаронидааст; ҳама шуниданд, ки Исои ба салиб кашидашуда ва боло бурдашуда ягона Наҷотдиҳанда аст. Ин аз ҳама гуна фаҳмиши инсонӣ болотар аст; ҳеҷ гуна тахайюлот чунин манзараро тасаввур карда наметавонад; ин, бе шубҳа, яке аз лаҳзаҳои бузургтарини таърихи

инсоният аст; ва натиҷаҳои ин воқеа танҳо дар ҷовидонӣ пурра ошкор мешаванд!” (Сток).

Дар матни асл феъли “қавӣ кард” серистеъмол нест; он дар Инҷил танҳо 8 бор вомехӯрад. Мо онро дар Аъмол 9:22 мебинем, ки он ҷо оиди ибтидои хизмати Павлус гуфта мешавад, ки “торафт бештар қувват мегирифт”. Дар ин ҷо низ ҳамон калима истифода мешавад, аммо сухан аллакай дар бораи охири хизмати Павлус меравад – зикри қуввати Худованд, ки хизматгори бовафои Ӯро тамоми умр қувват мебахшид.

Суханони “ман аз даҳони шер раҳо шудам” танҳо онро ифода мекунанд, ки дар тақдири Павлус муваққатан сабукие ба миён омад. Ба ҳар ҳол ӯ дар зиндон буд. Хатар танҳо муваққатан аз ӯ дур шуд.

Яке аз муҳаққиқон ин суханонро чунин тафсир додааст, ки гӯё ин ҷо сухан дар бораи Нерон, ё шайтон, ё ҳайвонҳои ваҳшӣ меравад. Аммо ба ҳар ҳол тафсир оиди хатар ба маънои умумӣ бештар қобили қабул метобад.

**4:18** Ҳангоме фириста мегуфт, ки Худованд ӯро аз ҳама гуна амали бад халосӣ медиҳад, ӯ албатта дар назар надошт, ки аз қатл раҳо карда мешавад. Ӯ мефаҳмид, ки вақти маргаш наздик аст (ояти 6). Пас ӯ дар ин ҷо чӣ гуфтан мехост? Бе шубҳа, ӯ боварӣ дорад, ки Худованд ӯро аз ҳама амалҳое ки ба рӯзҳои охири гувоҳии ӯ зарар расонда метавонанд, нигаҳдорӣ мекунад. Худованд роҳ намедиҳад, ки Павлус аз Ӯ даст кашад, номи Ӯро инкор кунад, тарсад, рӯҳан шикаста шавад.

Зиёда аз ин, фириста боварӣ дошт, ки Худованд ӯро барои Подшоҳии Худ нигаҳдорӣ хоҳад намуд. Ин Подшоҳӣ на Подшоҳии ҳазорсола, балки осмонҳост, ки Худованд дар он ҷо ҷовидона ҳукмфармост.

Дар ин оят фириста “Худовандро абад ҷалол бод” гуфтааст. Дар нусхаи асли юнонӣ ба ҷои то абад “асрҳои аср” гуфта шудааст, лекин ҷовидонӣ асрҳо надорад, балки ақли одамӣ, ки вуҷуд надоштани вақтро фаҳмида наметавонад, бояд ба мафҳумҳои замонӣ рӯ оварад.

## ДУРУДУ САЛОМҲОИ ОХИРИН (4:19-21)

**4:19** Дар ин оят Павлус ба Прискила ва Акило ном ҳамсарон, ки бисёр вақт ҳамроҳи ӯ хизмати муждарасониро ба ҷо меоварданд, салом мегӯяд. Онҳо бори аввал бо ӯ дар Қӯринт шинос шуда, баъд ҳамроҳи ӯ ба Эфсӯс сафар карда буданд. Онҳо муддате дар Рум зиста буданд (Румиён 16:3) ва ҳамроҳи Павлус хаймасозӣ мекарданд.

Павлус оиди Анисифӯрус аллакай дар 2Тимотиюс 1:16 гуфта буд, ки вай бисёр вақт ба фириста ёрӣ мерасонд ва ҳангоме ки Павлус дар зиндон буд, аз занҷирҳои ӯ хиҷил намешуд.

**4:20** Шояд Арастус ҳамон хазинабони Қӯринт аст, ки фириста оиди ӯ дар Румиён 16:23 гуфта буд.

Зикри Трофимӯсро мо дар Аъмол 20:4 ва 21:29 вомехӯрем. Ӯ дар Эфсӯс имон оварда, ҳамроҳи Павлус ба Уршалим сафар карда буд. Яҳудиён гумон карданд, ки Павлус ӯро ҳамроҳи худ ба парастишгоҳ даровардааст. Ин ҷо мо мехонем, ки Павлус ӯро аз боиси бемориаш дар Милитус вогузошта буд. Ин ифода ҷолиби диққат аст, зеро нишон медиҳад, ки агарчи фириста бахшоиши шифодиҳӣ дошт, онро на ҳамеша истифода мебурд. Мӯъҷизаи шифодиҳӣ ҳеҷ гоҳ барои роҳату осудагии шахсӣ истифода намешуд; онро чун гувоҳии ҳаққонияти Хушхабар барои яҳудиёни беимон истифода мебурданд.

**4:21** Тимотиюс бояд то зимистон, ки сафарро душвор ё номумкин мегардонд, назди фириста омада мерасид. Павлус, ки дар зиндон буд, хеле мехост бо дӯсти ҷавони худ вохӯрад. Дархостҳои такроршаванда оиди назди ӯ омадани Тимотиюс хеле таъсирбахш мебошанд (ниг. 1:3,4 ва 4:9).

Сипас Павлус ба Тимотиюс аз Ӯвулӯс, Пудис, Линӯс, Клавдиюс ва ҳамаи бародарон саломҳо мерасонад. Ин номҳо амалан ба мо чизе намегӯянд, аммо зикри таъсирбахши он мебошанд, ки "яке аз афзалиятҳои махсусан хурсандибахши хизмати масеҳӣ он аст, ки дӯстии байни имондорон чӣ гуна инкишоф меёбад ва устувор мегардад" (Роҷерс).

## ДУОИ ХАЙР (4:22)

**4:22** Павлус номаи худро бо ин оят анҷом медиҳад. Ба Тимотиюс муроҷиат намуда, ӯ мегӯяд: "Худованд Исои Масеҳ бо рӯҳи ту бод". Сипас ба ҳамаи онҳое ки дар лаҳзаи гирифтани нома бо Тимотиюс ҳастанд, муроҷиат карда, фириста илова мекунад: "Файз бо шумо".

Ва инак акнун ӯ қаламро як сӯ мегузорад. Мактуб ба охир расид. Хизмати ӯ низ ба охир расид. Аммо мо ҳанӯз ҳам зери таъсири қавии зиндагӣ ва хизмати ӯ мебошем. Мо бо Павлус боз вомехӯрем ва оиди он мавзӯъҳои бузурге ки ҳамроҳ омӯхтем, сӯҳбат хоҳем кард.

## НАҚШАИ НОМА БА ТИТУС

**I.** Салому паёмҳо дар аввали нома (1:1-4).

**II.** Пирони ҷамоати маҳаллӣ (1:5-9).
а. Таъин намудани пирон (1:5).
б. Тавсифи пирон (1:6-9).

**III.** Душвориҳо дар ҷамоати маҳаллӣ (1:10-16).
а. Мавҷудияти муаллимони дурӯғин (1:10-12).
б. Таъна ба муаллимони дурӯғин (1:13-16).

**IV.** Рафтор дар ҷамоати маҳаллӣ (2:1-15).
а. Рафтори мардони калонсол (2:1-2).
б. Рафтори занони калонсол (2:3).
в. Рафтори занони ҷавон (2:4-5).
г. Рафтори мардони ҷавон (2:6-8).
д. Рафтори ғуломон (2:9-10).
е. Рафтори ҳамаи имондорон (2:11-15).

**V.** Даъват аз ҷамоати маҳаллӣ (3:1-11).
а. Итоат ба ҳукуматдорон (3:1-2).
б. Зарурати ба ҷо овардани корҳои нек (3:3-11).

**VI.** Хотима (3:12-15).

ДАРСИ ЁЗДАҲ

# УСТУВОРШАВИИ ҶАМОАТ ДАР КРИТ
**1:1-16**

## МУҚАДДИМА

Сеюмин номаи шубонӣ ба Титус, ки ҳамкори Павлус буд, навишта шудааст. Азбаски Павлус Титусро “фарзанди ҳақиқӣ” меномад (Титус 1:4), бештар имконпазир метобад, ки ӯ ба шарофати Павлус назди Худованд омадааст. Кай рӯй додани ин дар Навишта зикр нашудааст. Азбаски ин муждабари ҷавон яке аз се кас аст, ки Павлус ба онҳо шахсан бо нома муроҷиат кардааст, мо метавонем мухтасар якчанд зикрҳоро оиди ӯ дар Китоби Муқаддас аз назар гузаронем.

Бори аввал номи ӯ дар робита бо машварат дар Уршалим зикр мешавад. Мувофиқи Ғалотиён 2:1,3 ва Аъмол 15:2, ӯ ҳамроҳи Павлус ва Барнаббо аз Антиохия омад. Ин зикри кӯтоҳ мегӯяд, ки бар хилофи Тимотиюси нимюнонӣ ва нимяҳудӣ, ӯ юнонӣ буд. Аз афташ, он вақт ӯ аллакай имондор буд ва дар Антиохия мезист. Титус аллакай ҳамон вақте ки ба Павлус ва Барнаббо ҳамроҳ шуд, хизматгори боғайрат буд.

Сипас, зикри Титус дар робита бо вазъият дар Қӯринт вомехӯрад, ки Павлус ӯро ба он ҷо фиристода буд. Шояд ӯ ба қӯринтиён номаи якуми фиристаро оварда буд, ва баъд онҳоро тарк карда, бо ӯ дар Македония вохӯрд (2Қӯринтиён 2:13; 7:6,13-15; 12:18). Сипас Павлус, аз афташ, боз Титусро ба Қӯринт бо номаи дуюм равон кард, то ки дар он ҷо ҷамъоварии хайротро барои имондорони эҳтиёҷманди Уршалим ташкил кунад (2Қӯринтиён 8:6,16,23).

Ва баъд, то худи Нома ба Титус, дар ҳеҷ ҷой оиди ин зикр намешавад. Аз ишораҳои дар ин ҷо зикршуда аён аст, ки ҳангоме ӯ Хушхабарро дар Крит мавъиза менамуд, ҳамроҳи Павлус буд. Сипас дар он ҷазира монд, то ки хизматро давом диҳад. Баъд Павлус аз Титус хоҳиш мекунад, то пас аз он ки Артемос ё Тӯхикӯс назди ӯ меоянд, назди ӯ ба Никӯпӯлис шитобад (Титус 1:4,5; 3:12). Зикри охирин оиди Титус дар 2Тимотиюс 4:10 вомехӯрад. Ин ҷо гуфта мешавад, ки ӯ ҳамроҳи Павлус дар Рум буд, ҳангоме ки ӯро зиндонӣ карданд, ва баъд ба Далмотия рафт, шояд барои он ки Хушхабарро пеш барад.

Аз ин зикрҳо, ва низ аз он чи Павлус оиди ӯ дар Номаи дуюми худ ба қӯринтиён гуфта буд, хулоса баровардан мумкин аст, ки Титус хизматгори бовафо, самимӣ ва болаёқати Худованд буд. Павлус Титусро дар Нома ба қӯринтиён “рафиқ ва ҳамкор” номида, хизмати ӯро хуб қадр мекунад. Дигар зикрҳои Павлус низ гувоҳи он мебошанд, ки Титус хизматгори рӯҳонӣ ва софдил буд. Ҳангоме оиди вазъият дар Қӯринт, оиди ҳамаи душвориҳои дар ҷамоат буда гуфта мешавад, ин таассуроти амиқе мегузорад ва нишон медиҳад, ки Титус то чӣ андоза рӯҳан болиғ буд ва то чӣ андоза Павлус дар ҳалли чунин масъалаҳои душвор ба ӯ боварӣ мекард.

Азбаски дар Аъмол оиди Титус ҳеҷ зикре нест, бисёр муҳаққиқон тахмини ҷолиберо баён намудаанд, ки Титус ба Луқо, муаллифи Аъмол, хешованд буд; ва аз ҳамин сабаб Луқо лозим донист, ки номи Титусро зикр накунад, чуноне ки номи худро зикр накардааст. Дар китоби Аъмол зикр нашудани номи Луқоро бо ҳамин далел маънидод кардан мумкин аст.

Вақт ва ҷои навишта шудани номаро аниқ муқаррар кардан ғайриимкон аст. Аз афташ, Павлус онро дар байни бори якум (Аъмол 28) ва дуюм дар Рум маҳбус будани худ (2Тимотиюс 4) навиштааст. Чун ҷои тахминии навишта шудани нома минтақаҳои гуногун номбар шудаанд; шояд он Мақдуния бошад, аммо инро ҳам бо бовари пурра қабул кардан номумкин аст.

Сабаби навишта шудани нома омадани Зенос ва Апӯллӯс (3:13) буд, ки номаро ба нишонии даркорӣ расонда метавонистанд. Нисбати корҳои дар Крит ҳанӯз иҷронашуда дастурҳо додан даркор буд (1:5).

Мавзӯи нома, аз афташ, дар ояти 2-юми боб ифода ёфтааст: “Валекин ту суханонеро, ки ба таълимоти солим муносиб аст, бигӯ”, дар ояти 10-уми ҳамин боб бошад гуфта шудааст: “...то ки таълимоти Наҷотдиҳандаи мо Худоро аз ҳар ҷиҳат зебу оро диҳанд”. Ба воситаи зиндагии тақводорона ва нек “зебу оро додани таълимот”-ро мавзӯи Нома ба Титус номидан мумкин аст. Таълимоти Худованд Исои Масеҳ ҳақиқист – новобаста ба он ки одамон ба он бовар мекунанд ё не; он некӣ ва покӣ меоварад, новобаста ба он ки одамон онро қабул мекунанд ё не. Аммо, мо бояд ин таълимотро бо зиндагии тақводорона ва шоиста зебу оро диҳем. Аз таърих чунин далели аҷиб маълум аст: ғуломони масеҳӣ дар империяи Рум арзиши бештар доштанд, чунки онҳо мувофиқи имони худ рафтор менамуданд: бовиҷдон, боваринок буданд ва бо саъю кӯшиш кор мекарданд. Онҳо “зебу орои таълимот” буданд, мо низ бояд ҳамин гуна “зебу ороиш” бошем. Маҳз аз ҳамин сабаб дар нома насиҳатҳои амалӣ ва ахлоқӣ ба табақаҳои гуногуни ҷамъият, ки он вақт дар ҷамоат вомехӯрданд ва ҳоло ҳам вомехӯранд, зиёданд.

Чор ояти аввал саломи дарозтарин дар ҳамаи Номаҳои Шубонӣ аст. Ва дар ҳақиқат, ин дарозтарин саломест, ки дар номаҳои Павлус вомехӯрем (Бо Нома ба Румиён муқоиса кунед).

## ДУРУДУ САЛОМҲО БА ТИТУС ДАР АВВАЛИ НОМА (1:1-4)

**1:1** Павлус худро бандаи Худо меномад. Ин дар номаҳо ягона ҷоест, ки ӯ худро чунин меномад, ва ин далели самимияти ӯст. Ғайр аз ин, дар он боз як хусусият ошкор мешавад: дар ин ҷо аксаран оиди Худо гуфта мешавад ва номи Худованд кам зикр мешавад. Истилоҳи “Худованд” танҳо як бор, дар ояти 4, вомехӯрад.

Ин хусусият нишон медиҳад, ки манфиатҳо ва мақсадҳои Худо ва Худованд як мебошанд. Пас, агар Павлус бандаи Исои Масеҳ бошад (чуноне ки ӯ одатан оиди худ мегуфт), ӯ бандаи Худо низ мебошад. Амалан аз ҳамин сабаб ӯ бандаи Худост.

Павлус ҳамчунин худро бо суханони одатӣ “Фиристаи Исои Масеҳ” меномад. Мавқеи ғулом ва фириста ба Павлус барои он дода шуда буд, ки дар устувор намудани имони интихобшудагон ёрӣ расонад. Ғайр аз ин, дар имондорон пуррагии имонро, ки бо тақводорӣ вобастагии зич дорад, нигоҳдорӣ намудан лозим аст. Калимаи “тақводорӣ” дар Номаҳои Шубонӣ асосӣ аст ва 10 бор зикр мешавад. Худи ин мафҳум хусусияти амалӣ дошта, бо рафтори ҳаррӯзаамон дар хона, дар ҷои кор, дар ҷамоат вобаста аст.

Ибораи “имони баргузидагони Худо” камаш ду мавзӯи бузургро, ки ба наҷоти мо дахл доранд, дар бар мегирад:

масъулияти инсон – “имон” ва тавоноии Худо – “баргузидан”. Агарчи барои ақлҳои маҳдуди мо ин мафҳумҳо хилофи ҳам метобанд, дар Каломи Худо онҳо мувофиқати хуб доранд. Ба Румиён 8:33 ва Қӯлассиён 3:12 нигаред, ки он ҷо иборай “баргузидагони Худо” вомехӯрад.

**1:2** Павлус дар ин оятҳо оиди ояндаи пуршукӯҳ – “зиндагии ҷовидонӣ”, оиди гузаштаи дур – “аз азал”, ва оиди “замони муайян” (ояти 3) мегӯяд. Дар ҳоле ки мо худи ҳозир зиндагии ҷовидонӣ дорем, он низ ҳақиқат аст, ки мо онро пурра дарк накардаем, ва он барои мо ҳанӯз умеди ояндa аст.

Ҳанӯз аз азал Худо зиндагии ҷовидониро ваъда додааст. Ин ваъда дар боғи Адан дода шуда буд, ва мо дар Китоби Ҳастӣ 3:15 дар робита бо насли зан оиди он мехонем.

**1:3** Он чи дар аввал ваъда буд, акнун воқеият мешавад. Он дар Худи Худо, ки ба замин дар симои Исои Масеҳ омад, зоҳир шуд. Марг, дафн ва растохези Ӯ қисми ин ваъда мебошанд ва ба одамон дар он каломе ки Павлус мавъиза мекунад, ошкор мегарданд.

Ин ҷо ду истилоҳе ки дар ояти 1 дида будем, вомехӯранд. Хизмати фиристагии Павлус дар он чи ба ӯ супурда шудааст, дида мешавад, бандаи Худо будани ӯ бошад, дар итоат ба фармудаи Худо аён аст. Калимаҳои “Наҷотдиҳандаи мо Худо” барои гуноҳкорони азобдида ва нотавон дилбардории аҷибе мебошанд. “Худо Довари мост” ё “Худо душмани мост” – стереотипҳои доимо истифодашаванда мебошанд, ки гуноҳкор Худоро ба воситаи онҳо қабул мекунад. Ва дарки он ки Худо Наҷотдиҳандаи мост, рӯҳбаланд мекунад ва қувват мебахшад. Одамон наҷот дода наметавонанд. Инро танҳо Ӯ карда метавонад ва мекунад. Кӣ метавонад ба Ӯ муқобилат кунад ва моро аз дасти Ӯ кашида гирад? Ҳеҷ кас! Оиди ин факти ҳайратовар мо дар Румиён 8:31-34 мехонем.

**1:4** Баъди муқаддимаи дуру дароз, ки миннатдории Павлусро барои хизмати ба ӯ супурдашуда нишон медиҳад, фириста ба худи салом мегузарад. Дар ояти додашуда Титус “фарзанди ҳақиқӣ” номида мешавад. Ин имкон медиҳад чунин ҳисобем, ки аз афташ Павлус Титусро назди Худованд овардааст ва падари рӯҳонии ӯ шудааст.

Дар баъзе тарҷумаҳо калимаи “марҳамат” нест. Шакли умумии саломгӯӣ ба салом дар 1Тимотиюс 1:2 монанд аст.

Истилоҳи “Наҷотдиҳанда” дар Номаҳои Шубонӣ беш аз ҳама вомехӯрад. Дар дигар китобҳои Инҷил мо онро кам мебинем. Беҳуда нест, ки мо диққати худро ба ин ҷиҳат равона мекунем, чунки ҳангоме сухан дар бораи Исои Масеҳ меравад, масеҳиён ин калимаро бисёр истифода мебаранд. Дар номаҳо ва дигар китобҳои Инҷил бисёртар оиди он гуфта мешавад, ки Ӯ

Худованди мост. Аҳамият диҳед, ки дар оятҳои 3 ва 4 Павлус ҳам Худо Падар ва ҳам Худованд Исои Масеҳро Наҷотдиҳанда меномад; ин маънои онро дорад, ки кори наҷоти мо меҳнати якҷояи онҳост.

Дар банди хурди оянда, ки оятҳои 5–9-ро дар бар мегирад, мо рӯйхати он сифатҳоеро мебинем, ки бояд пирон доро бошанд. Ин порча бо суханони "то ки корҳои нотамомро ба анҷом расонӣ" ба охир мерасад, ва ин ба фикре водор мекунад, ки дар Крит баъзе корҳои муҳим нотамом мондаанд. Пеш аз рӯ овардан ба ин масъала, бори дигар хондани 1Тимотиюс 3:1-7, ки рӯйхати сифатҳои ба ин монанд тасвир ёфтааст, барои донишҷӯ фоиданок аст.

## ТАЪИН НАМУДАНИ ПИРОН (1:5)

**1:5** Аз афташ, Павлус ва Титус пештар ҳамроҳ дар Крит муждарасонӣ мекарданд. Ҳангоме ки Павлус Критро тарк мекард, Титусро вазифадор намуд, ки натиҷаҳои меҳнатеро, ки онҳо якҷоя сар карда буданд, мустаҳкам намояд, ва баъд онҳо дар ҷои нави хизмат вомехӯрданд (3:12). Муждарасонон барои мушоҳида бар хизматгузорони ҷавон бояд ин принсипро истифода баранд.

Хушхабарро мавъиза намудан ва дидани он ки ҷонҳо наҷот меёбанд, кифоя нест. Ҷонҳои наҷотёфтаро дар ҷамоатҳо ҷамъ оварда, дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кардан лозим аст. Титус барои иҷрои ин хизмат масъул аст. Аз ин оят, чун аз ояти 3:12, аён аст, ки хизмати Титус муваққатӣ буд, агарчи одатан чунин ҳисобида мешавад, ки хизмати усқуф на муваққатӣ, балки доимӣ буд.

Яке аз вазифаҳои Титус аз он иборат буд, ки дар ҷамоатҳои тамоми шаҳрҳо пиронро таъин намояд. Ин расман ба вазифа таъин кардан не, балки даъват намудани одамоне буд, ки ба ин хизмат лаёқат доштани худро нишон додаанд ва ба адои ин хизмат тайёранд. Чунин одамон амалан аллакай пирон буданд, аммо барои он ки сокинони беинтизоми ҷазира онҳоро эътироф намоянд, ин фактро бо тамоми овоз эълон намудан даркор буд. Ва агар шахс сифатҳои барои пири хуб даркориро намедошт, Титус ӯро таъин карда наметавонист.

Шояд саволе ба миён ояд, ки чаро имрӯзҳо мо ба намунаи Титус пайравӣ намекунем ва дар ҷамоатҳо пиронро ҳамин тариқ таъин намекунем. Оё мо бо ин кор таълимоти Китоби Муқаддасро вайрон мекунем? Ба ин ҳар хел ҷавоб додан мумкин аст. Аввалан, ҳозир фиристаҳои дорои қувваи илоҳӣ нестанд, пас одамоне низ нестанд, ки чунин фиристагон ба иҷрои ин вазифаҳо даъват мекарда бошанд. Ин рост аст, агарчи бо нуқтаи назари ҷамоатҳо мухолифат дорад. Сониян, Рӯҳи Пок ба мо Каломи навишташудаи Худоро, аз ҷумла 1Тимотиюс 3-ро боқӣ гузоштааст. Дар онҳо оиди сифатҳое гуфта шудааст, ки бояд пир

дорои онҳо бошад ва аз рӯи онҳо маҷлиси ҷамоат чунин касонро ошкор намуда, пирони худ эътироф намуда метавонад.

Мо чунин меҳисобем, ки Навишта ба мо се тарзи рафторро нишон медиҳад, ки пирон бояд дар ҷамоатҳои маҳаллӣ зоҳир намоянд. Аввалан, худи номзад ба ин хизмат (1Тимотиюс 3:1) бояд хоҳиш дошта бошад, ки вазифаи пирро ба ҷо оварад. Сониян, аз Аъмол 20:28 аён аст, ки танҳо Рӯҳи Пок метавонад чунин одамонро пирон ё пресвитерҳо гардонад. Яъне Ӯ Касест, ки дар инсон меҳнат карда, ӯро ба иҷрои чунин вазифа тайёр мекунад. Ва, сеюм, дар 1Таслӯникиён 5:12,13 гуфта мешавад, ки маҷлиси ҷамоати маҳаллӣ бояд ин ё он шахсро ҳамчун пир эътироф намояд. Имондорон пиронро таъин намекунанд ва онҳоро бо роҳи овоздиҳӣ интихоб намекунанд; имондорон танҳо онҳоро чун пирон эътироф карда, ба онҳо итоат менамоянд. Дар назди мо шахсест – ва инак тасвири пири типӣ, чуноне ки ӯ бояд бошад (Титус 1:5-9; 1Тимотиюс 3:1-7); оё ин шахс ба талаботи пешниҳодшуда мувофиқат мекунад? Агар ҳа, пас ӯ пир аст.

Азбаски сифатҳои дар оятҳои 6-9 зикршуда бо он сифатҳое ки дар 1Тимотиюс 3 пешниҳод шудаанд, монанд ҳастанд, мо ҳар кадоми онҳоро муфассал дида намебароем, балки танҳо оиди он ҷойҳои порча гап мезанем, ки барои рӯйхати дар Нома ба Титус додашуда хос мебошанд. Оиди дигар ҷиҳатҳо мо ба шумо маслиҳат медиҳем, ки тафсирро ба боби 3-юми Номаи якум ба Тимотиюс хонед. Ба аҳамиятнокии ин мавзӯъ аҳамият диҳед, чунки дар тамоми Нома он ду бор пешкаш карда мешавад. Ҳангоме ки Худо ягон мавзӯъро такрор мекунад, шубҳае нест, ки Ӯ ба ин восита онро ҷудо мекунад ва моро водор мекунад, ки аҳамиятнокии онро дарк намоем. Пас, ин мавзӯъ – сифатҳое ки бояд пирон дошта бошанд, барои Худо яке аз муҳимтаринҳост, бинобар ин барои мо низ муҳим аст. Мутаассифона, дар ҷамоати ҳозира ба ин ҷиҳат кам аҳамият медиҳанд!

## СИФАТҲОИ ПИРОН (1:6-9)

**1:6** Дар аввал метавонад чунин тобад, ки сифати аввал бо он чи дар 1Тимотиюс дода шудааст, монанд аст, аммо дар матни асл дар ин ҷо калимаи дигар аст. Ин оят чунин маъно дорад: касеро, ки беайб аст, дар чизе айбдор кардан мумкин нест. Ин ҷо дар навбати аввал оиди муносибат ба молия гуфта мешавад, аммо ин принсип нисбати ҳамаи соҳаҳои дигари зиндагӣ қобили истифода аст. Худи ҳамин калима дар Тимотиюс 3:10 истифода шудааст. Дар омади гап, ҳамаи сифатҳои дар ин ҷо ва дар 1Тимотиюс пешниҳодшуда дар нусхаи асл ба ҷинси мардона тааллуқ доранд. Ин принсипи Китоби Муқаддасро таъкид менамояд, ки мувофиқи он танҳо мардон дар ҷамоат вазифаҳои роҳбариро ишғол карда метавонанд.

Сифати навбатӣ боз як ҷиҳатест, ки дар 1Тимотиюс 3:4 зикр мешавад. Ин ҷо гуфта шудааст, ки пир бояд ба хонаи худ гувоҳии нек барад; фарзандони ӯ бояд имондор бошанд. Ин меъёри муқарраркардаи Навишта аст. Чӣ гуна ин ё он шахсро роҳбари даъватшуда ҳисобидан мумкин аст, агар оилааш ӯро пайравӣ накунад ва гувоҳии ӯ дар хонаи худаш натиҷае наоварад? Мутаассифона, тақдири бисёр имондорон ҳамин гуна аст.

Сипас гуфта мешавад, ки онҳо набояд дар фосиқӣ ва беитоатӣ зиндагӣ кунанд. Аз матн хулоса баровардан мумкин аст, ки ин ҷо сухан дар бораи "фарзандони имондор" меравад. Азбаски ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки кӯдакон аз кадом синну сол метавонанд ва бояд наҷот ёбанд, шахсро танҳо аз боиси он ки фарзандонаш ҳанӯз Худовандро қабул накардаанд, аз ҳисоб баровардан мумкин нест, агар онҳо маҳз ҳамон тавре ки гуфта шудааст, зиндагӣ намекарда бошанд.

**1:7** Ин ҷо мо мебинем, ки калимаи "усқуф", ки онро "нозир" низ тарҷума кардан мумкин аст, ба мафҳуми "пир" дар ояти 5 баробар карда мешавад. Ҳамчунин Аъмол 20:17,28-ро бинед, ки худи ҳамин ду мафҳум чун як чиз тасвир шудаанд. Калимаи "нозир" ("усқуф") хусусияти меҳнатро тасвир мекунад, дар ҳоле ки "пир" оиди хусусияти шахсият мегӯяд. Дар замони ҷамоати фиристагон на ду навъи хизматҳои роҳбарӣ, балки як хизмати роҳбарӣ дида мешавад.

Он чи дар ояти гузашта чун шарт пешниҳод шудааст, дар ин ҷо чун зарурати мутлақ такрор мешавад – ӯ "бояд беайб бошад".

Сабаби ин он аст, ки ӯ "муваккали Худо" аст. Муваккал, ё мудир, – ҳамон касест, ки идора кардани моликияти шахсе ба ӯ боварӣ карда шудааст. Ӯ дар ҳаққи ин моликият ғамхорӣ мекунад, барои он масъулият дорад. Ва барои ҳама чиз бояд ҳисобот диҳад. Ин айнан ба меҳнати пир-нозир мувофиқат мекунад. Ҷамоате ки ӯ дар он меҳнат мекунад, ба Худо тааллуқ дорад, ва ҷонҳои одамоне ки ба Ӯ тааллуқ доранд, ба ғамхории пир вогузор карда шудаанд. Ва боре ӯ ба Худо оиди онҳо ҳисобот медиҳад (Ибриён 13:17).

Сипас панҷ огоҳкунӣ зидди он чи боиси таънаҳо ва маҳкумкунӣ шуда метавонад, баён мешаванд. Пир набояд густох бошад. Ин калима дар Инҷил боз танҳо дар 2Петрус 2:10 вомехӯрад, ки он ҷо сухан дар бораи пайғамбарони дурӯғин меравад. Аз афташ, муваккал бояд на хости худро, балки хости соҳиби худро иҷро кунад.

"На хашмгин" маънои "худдорикунанда" ва "ором"-ро дорад. Бо назардошти он ки пирон дар бисёр вазъиятҳои фитнаангез буда метавонанд, чунин сифат ҳақиқатан даркор аст. Ва агар ӯ асабҳои худро нигоҳ дошта натавонад, вазъиятро

бадтар мекунад, ба шаҳодати худ зарар мерасонад ва ба ҷамоат зарари калон мерасонад.

Оиди ду сифати навбатӣ дар 1Тимотиюс 3 низ гуфта мешавад. Он ҳақиқат, ки мо дар ин ҷо низ оиди онҳо мехонем, аҳамиятнокии онҳоро таъкид мекунад. Оиди охирини он панҷ сифат дар матнҳои беҳтарини аслӣ гуфта намешавад, аммо мо дар ин ҷо оиди он мехонем. Ҳамчунин ба ояти 11-уми ҳамин боб нигаред. Дар он "тамаи нангин" зикр мешавад, ки боиси натиҷаи ногузири дили бахил мегардад – шармсорӣ. Одамони атроф чунин сифатро дар фарзандони Худо зуд ҳис мекунанд, ва ҳатто ҳангоме ки онҳо онро пинҳон карданӣ мешаванд. Бинобар ин аз чунин маҳкумкунӣ канорагирӣ кардан даркор аст.

**1:8** Аз пайи ин огоҳкуниҳо дар оятҳои 8-ум ва 9-ум оиди ҳафт сифати иловагӣ гуфта мешавад. Аввалӣ дар 1Тимотиюс 3 низ номбар шудааст. Дуюмаш "хайрхоҳ" аст. Пири ҷамоат бояд сифатҳои мусбатеро дошта бошад, то ки одамонро ба худ ҷалб кунад ва дар ниҳояти кор онҳоро назди Худо оварад. Набудани сифатҳои бад барои пири ҷамоат кифоя нест. Ӯ бояд ҳама чизи хуброро дӯст дорад.

Оиди ду сифати навбатӣ низ дар 1Тимотиюс 3 гуфта мешавад. Бо вуҷуди ин мо дар ин ҷо зикр карда метавонистем, ки калимаи "боисмат" дар Нома ба Титус якчанд бор вомехӯрад ва онро чун яке аз тавсифҳои ҳатмӣ ҳисобидан мумкин аст.

"Парҳезгор" калимаи навбатист, ки хислати пирро тавсиф медиҳад. Дар Аъмол 2:27 ва 13:35 маънои калимаи юноние ки дар ин ҷо чун "парҳезгор" тарҷума шудааст, "қуддус" аст ва ба Худованд дахл дорад. Ғайр аз ин, Навишта ин калимаро боз дар 1Тимотиюс 2:8 ("дастони муқаддас") ва дар Ибриён 7:26 ("муқаддас") истифода мебарад. Тавсифи шашум – "худдор" танҳо дар ин ҷо дар матни Инҷил вомехӯрад. Се сифати охиринро илова ба хислати пир ҳисобидан мумкин аст: а) нисбати шахс – "боинсоф", б) нисбати Худо – "парҳезгор", в) нисбати худ – "худдор".

**1:9** Сифати ҳафтум лангарест* барои пир ва ба ӯ имкон медиҳад, ки хизмати шубониро ба ҷо оварад. Тавсифи "қоим бошад"-ро бо истифодаи ҳамон калимае ки дар Матто 6:24 "часпад" тарҷума шудааст, аз назар гузарондан мумкин аст. Дар 1Тимотиюс мо аввалин зикри "сухани дуруст"-ро, ки дар ин номаҳо панҷ бор такрор мешавад, дида будем. Дар ин ҷо боз як зикри он вомехӯрад ("каломи ҳақиқӣ" ва сухани дуруст" дар забони юнонӣ як аст), аммо аз пештараҳо фарқ дорад. Ҳамон калимаҳо истифода мешаванд, аммо сохти грамматикии ибораҳое

* Ҳангоми истодан дар бандар онро аз киштӣ ба об мепартоянд (мисли тормоз)

ки онҳоро дар бар мегиранд, фарқ дорад. Ҳамон панҷ зикр ҳар як тавсифро ҷудо карда, мегӯянд, ки онҳо "дурустанд". Аммо ин ҷо сухан дар бораи умуман таълимот меравад ва гуфта мешавад, ки он ҳақиқист.

Маҳз Каломи ҳақиқӣ пир-нозирро ба хизмати насиҳат додан ва сарзаниш кардан қобил мегардонад. Маҳз Каломи Худо ба ӯ тамоми чизҳоро барои ин медиҳад. Донишҳои академикӣ, қувваи шахсӣ ва дигар афзалиятҳо бе дониши Калом наметавонанд одамро ба иҷрои чунин вазифаҳо пурра тайёр намоянд.

Чунин хизмат дуҷониба аст, чунки насиҳат намудан ва рад карданро дар бар мегирад. Имондоронро ба хизмат моил намуда, фаъол гардондан даркор аст. Ва монанди он ки гургҳоро аз гӯсфандон ҳимоя намудан даркор аст, имондоронро низ аз мухолифони имон ҳимоя кардан даркор аст.

Зикри мухолифат гузариш ба қисми навбатии нома (оятҳои 10-16) аст. Дар онҳо Павлус оиди он масъалаҳои махсус мегӯяд, ки Титус дар Крит бо онҳо рӯ ба рӯ шуда буд. Махсус ба маҳалле дахл доштани онҳо маънои онро надорад, ки ба онҳо рӯякӣ нигаристан кофист. Онҳо имрӯз низ аҳамият доранд, ва ба онҳо диққат додани Павлус далели он аст, ки Рӯҳи Худо оиди чунин хусусиятҳои маҳаллӣ, ба монанди фарқиятҳои миллӣ, нажодӣ ва маданӣ, андеша менамояд. "Ин тавр набояд бошад!" (ояти 11) – ин қисмро чунин номидан мумкин аст.

## БУДАНИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (1:10-12)

**1:10** Сабаби зарурати чунин хизмат дар хислат ва амалҳои сокинони Крит ва низ дар он аст, ки дар ҷазира муаллимони дурӯғин буданд. Павлус дар ин оятҳо хеле ҷиддӣ гап мезанад ва калимаҳоро нарм намекунад. Ҳозир нисбати бадӣ ва бадкорон як навъ беҷуръатӣ ҳукмфармо шудааст. Дар Каломи Худо ба чунин беҷуръатӣ ҷой нест. Он ошкоро ва боваринок гап мезанад. Мо низ бояд чунин гап занем.

Калимаи "беитоат" ҳамчунин дар ояти 6-ум вомехӯрад. Касе ки хонаи худро идора карда метавонад, ҷамоатро низ идора карда метавонад. Оиди "ёвагӯй" танҳо ин ҷо дар Инҷил гуфта шудааст. Аммо он калимае ки мо дар 1Тимотиюс 1:6 вомехӯрем, маънои "беҳуда зангӯла задан"-ро дорад. Суханони чунин шахсон беҳудаанд ва ҳеҷ фоида намеоваранд. Ғайр аз ин, онҳо фиребанда мебошанд, чуноне ки баъд оиди ин гуфта мешавад. Ин се калима одамонро умуман тавсиф медиҳанд, аммо дар навбати аввал он касонеро, ки имондоронро ба итоати шариат даровардани шуда, маҷбур менамоянд, ки дар баробари имон ба Масеҳ хатна кунанд ва шариатро риоя намоянд. Павлус муддати дароз бо ин душманони салиб ва кори анҷомдодаи Исо мубориза мебурд. Ӯ хусусиятҳои хоси онҳоро хеле хуб медонист ва сетои онҳоро

тасвир намудааст. Ба шарофати ин оят чунин одамонро дар ҷаҳони имрӯза низ шинохтан ва муборизаро зидди онҳо сар кардан мумкин аст.

**1:11** Ба чунин вайронкорон набояд имкон дод, ки дар ҷамоат сухан гӯянд ва таълимоти дурӯғини худро, ки ба рӯҳонияти имондорон зарар мерасонанд, паҳн намоянд. Даҳони онҳо бояд "баста шавад". Масъулияти пирон ба ин низ паҳн мешавад. Фикр оиди он, ки ҷамоат бунёди демократӣ буда, ҳар кас метавонад дар он фикрҳои дуруст ё хатои худро баён намояд, ба таълимоти Инҷил бегона аст. Он аз ҳаракатҳои ҳозираи сиёсӣ гирифта шудааст, аммо дар ҷамоати ҳақиқии Исои Масеҳ он набояд ҷой дошта бошад. Дар ҷамоат бояд тартиби тақводорона бошад, ки хислати Худоро нишон медиҳад.

Сипас, фаъолияти муаллимони дурӯғинро тасвир намуда, фириста мегӯяд, ки онҳо "хонаҳои томро фосид карда, ... чизҳое таълим медиҳанд, ки шоиста нест". Сабаби асосии ин амалҳо нишон дода шудааст – пул. Онҳо худро ва амалҳои худро самимӣ меҳисобанд, аммо Каломи Худо инро "тамаи нангин" меномад.

**1:12** Азбаски эътирози Павлус нисбати ин бадкорон чунин ҷиддист, дар ояти 12-ум ӯ иқтибоси ҷолибе меоварад. Он ба сокинони Крит дахл дорад ва аз сарчашмаи дунявӣ, ки аниқ карданаш осон аст, гирифта шудааст. Ин суханонро Эпименид аз Кносси Крит гуфтааст, шахси маъруфе ки тақрибан 600 сол пеш аз милоди Масеҳ зистааст. Ҷолиби диққат аст, ки Павлус бо қувваи Рӯҳи Пок сухан мегӯяд, ӯро пайғамбар меномад. Ин маънои онро надорад, ки Эпименид пайғамбари Худо буд, балки дар мавриди додашуда суханони ӯ барандаи ҳақиқат мебошанд, ва Павлус инро тасдиқ мекунад.

Каломи навишташудаи Худо ягона гувоҳи ҳақиқат нест. Порчаи Румиён 1:19-20 ба мо нишон медиҳад, ки ҳамаи офариниш оиди Худо гувоҳӣ медиҳад (Забур 18:1-6). Дар Аъмол 14:17 гуфта мешавад, ки ғамхории Худо оиди инсоният ҳамчунин гувоҳӣ оиди Ӯст. Аз намунаи додашуда мо боз як навъи гувоҳиро мебинем, ки он аз одамон бармеояд. Дар ҳоле ки табиат ва ғамхории Худо оиди некӣ ва қуввати Худо гувоҳӣ медиҳанд, гувоҳиҳои одамон одатан эътирофи ғамангези ахлоқан фурӯ ғалтидани одам мебошанд.

Хислати бади сокинони Критро шахсе тасдиқ мекунад, ки онҳоро хуб медонист. Румиён ва юнониён низ мақолҳое доштанд, ки хислати сокинони ин ҷазираро тавсиф медиҳанд. Дар ҳақиқат, Эпименид гуфта буд, ки дар ҷазира кам будани дарандагони бадкин аз ҷониби сокинони Крит ҷуброн карда мешуд. Ғайр аз ин, ӯ онҳоро дурӯғгӯй, шикампарастони танбал номидааст. Бо чунин хислат онҳо ба осонӣ тӯъмаи пайравони яҳудият мегардиданд.

## САРЗАНИШИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (1:13-16)

**1:13** Павлус ҳаққонияти суханони Эпименидро тасдиқ мекунад ва чунин меҳисобад, ки мувофиқи он амал бояд намуд. Фиребгарон, мувофиқи ояти 11, бояд хомӯш бошанд, фиребхӯрдагонро бошад сахт сарзаниш кардан даркор аст. Баъзе одамони эҳсосотгаро чунин меҳисобанд, ки таъна ва сарзанишро дар ҷаҳони масеҳият умуман фаромӯш кардан даркор аст, чунки “Худо муҳаббат аст”. Барои онҳо сарзаниш ва муҳаббат ду мафҳуми номувофиқ мебошанд. Аммо чунин ақидаро Каломи Худо тасдиқ намекунад, чунки гуноҳ ва гуноҳкорон амалан дар ҳар як саҳифаи Китоби Муқаддас сахт сарзаниш карда мешаванд. Оё ин маънои онро дорад, ки Худо муҳаббат нест? Албатта, не! Баръакс, барои одамон хавотир шудани Худо маҳз зоҳиршавии муҳаббати Ӯст. Ӯ намехоҳад, ки одамон бо роҳи бад рафтанро давом диҳанд, ва ба онҳо бо огоҳкунии ҷиддӣ мурочиат менамояд.

Худо барои он сарзаниш мекунад, ки одамон ба имони “солим” баргарданд. Доруе ки духтур ба бемор таъин мекунад, метавонад талх, нохуш бошад, аммо он барои саломатӣ аст; сарзаниш низ нисбати солимии рӯҳонии мо худи ҳамон вазифаро иҷро мекунад.

**1:14** Дар ояти 14 мо боз ду огоҳкунии ҷиддиро мебинем. Аввалинаш он аст, ки ба қиссаҳои яҳудиён набояд гӯш дод. Ба 1Тимотиюс 1:4 ва тафсири ин оят нигаред. Пайравони яҳудият оиди шахсиятҳои дуюмдараҷаи Таврот қиссаҳои зиёде бофта бароварда буданд. Онҳо дар нақли онҳо вақти зиёдеро сарф карда, худро ва шунавандагонро машғул медоштанд.

Огоҳкунии дуюм ба “фармуда”-ҳои муаллимони дурӯғин дахл дорад. Онҳоро тақрибан дар ҳамаи динҳо ва мазҳабҳои дурӯғин шунидан ва хондан мумкин аст. Ин одамон, чуноне ки дар ин ҷо гуфта шудааст, “аз ростӣ рӯй мегардонанд”. Ҳамчунин ба 2Тимотиюс 4:4 нигаред. Хизмати онҳо ва фармудаҳои онҳо ҳамчунин одамонро аз ҳақиқат дур мекунанд.

**1:15** Чаро Павлус дар ин ҷо чунин мегӯяд? Оё Титусро огоҳ мекунад, ки худро пок нигоҳ дорад, зеро шояд имкон дорад, ки табиати поки ӯ суханони ин муаллимони дурӯғинро бе ягон шубҳа қабул кунад? Шояд. Азбаски фарзанди Худо пок гардида, табиати наҷиби Масеҳро дар бар кардааст, акнун аз ҳамин сабаб дар хатар аст. Аз тарафи дигар, Павлус мехоҳад фарқи ҷиддии хислатҳои одамони наҷотёфта ва наҷотнаёфтаро нишон диҳад.

Психологияи ин оят то чӣ андоза ҳаққонист! Касе ки Каломи Худоро медонад, амалан психологияи инсонро фаҳмидааст. Одамони бад дар зиндагии ҳаррӯза бисёр вақт бо рафтор ва амалҳои худ ҳаққонияти он чиро, ки дар ин оят гуфта

шудааст, тасдиқ мекунанд. Онҳо дар вазъиятҳои беайбтарин кинояҳои бадро мебинанд, тахминҳои беасос мекунанд. Тафаккур, фаҳмиш, ва низ, чуноне ки дар ин ҷо гуфта шудааст, “хирад ва виҷдон”-и онҳо тамоман фосид шудаанд.

Мо бисёр вақт мешунавем, ки гуноҳкорон худро сафед карда, мегӯянд, ки онҳо мувофиқи виҷдони худ зиндагӣ мекунанд. Дар асоси ин оят аён аст, ки чунин баҳонаҳо беасосанд. Бинобар ин имондоронро огоҳ намудан даркор аст, ки дар рафтор хеле боэҳтиёт бошанд. Азбаски ҷаҳон пур аз бадӣ аст ва васвасае пайдо мешавад, ки одамон гуноҳкор будани ҳамаро далел оварда, гуноҳҳои худро сафед кунанд, мо бояд хеле бо диққат бошем, ки на дар худ ва на дар дигарон чунин баҳонаҳо наёбем. “Аз ҳар гуна бадӣ худдорӣ кунед”.

**1:16** Ин ҷо мо мебинем, ки чунин одамон дурӯя низ ҳастанд. Касоне ки Павлус ин ҷо оиди онҳо гап мезанад, одатан дар ҷамоатҳо мебошанд, ё ақаллан, кӯшиш мекунанд, ки дар ҷамоатҳо бошанд.

Павлус бо Яъқуб оиди сафедшавӣ бо имон ва корҳои нек баҳс намекунад. Яъқуб низ бо Павлус баҳс намекунад. Ҳар кадоми онҳо сухани якдигарро пурра мекунанд. Ин ҷо мо мебинем, ки Павлус ба сафедшавӣ бо амалҳо бовар дорад. Ин муаллимони дурӯғин бо амалҳои худ Худоро рад мекунанд. Мавқеи баландро ишғол намуда, онҳо бо андешаҳо ва корҳои бади худ ду баробар зиёд боиси нафрат ва бадбинӣ мешаванд. Сифати “зишткор” дар тамоми Инҷил танҳо дар ин ҷо вомехӯрад, агарчи ин гуна исм – ”кароҳат” дар Матто 24:15 ҳаст. Онҳо беитоат мебошанд. Ин ба мо мегӯяд, ки онҳо ҳама чизро медонанд, аммо ба он чи медонанд, пайравӣ намекунанд.

Пас ҳеҷ кори нек аз дасти онҳо намеояд. “Ба ҳеҷ амали нек қобил нестанд” – қисми охири оят – натиҷаи умумии ҳамаи кӯшишҳои онҳоро дар ҷамоат нишон медиҳад.

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

# ТАЪЛИМОТИ ҲАҚИҚӢ ВА ТАРЗИ ЗИНДАГИИ ИМОНДОР

## 2:1 – 3:15

Дар банди аввали ин боб мо ба қисме мегузарем, ки ба рафтори амалии имондорон муносибат дорад. Ин қисм бо қисми пештара, хусусан бо қисми дуюми ояти 11 тазод дорад. Ба қисми омӯхташаванда чунин ном гузоштан мумкин аст “Ҳамаи он чи ба таълимоти дуруст мувофиқат мекунад” (оятҳои 1-10).

Бояд зикр кард: он чи таълимоти солим меноманд ё мансуб ба он медонанд, амалияи зиндагии тақводоронаи шахсест, ки ба Худо бовар дорад. Ин ҷо байни таълимот ва амалия фарқ гузошта намешавад, чуноне ки одатан дар таълимоти умумии мо ҳаст. Магар ин моро намеомӯзад, ки тамоми таълимот ба зиндагии тақводоронаи шахси алоҳида муносибати бевосита дорад?

## РАФТОРИ ПИРОН (2:1-2)

**2:1** Монанди он ки муаллимони дурӯғин дар Крит "на он чиро, ки даркор аст, таълим медоданд", Титус низ бояд он чиро, ки даркор аст, таълим медод. Ҳамаи ин бо таълимоти ҳақиқӣ ё солим вобастагии қатъӣ дорад. Дар ин робита ба 1Тимотиюс 2:10 диққат диҳед, ки он ҷо гуфта шудааст, ки корҳои нек тақводорӣ мешаванд. Дар Эфсӯсиён 5:3 мо ҳамчунин оиди он чи сазовори муқаддасон нест, мехонем.

Калимаи "солим" барои Номаҳои Шубонӣ хос аст, агарчи онро дар дигар китобҳои Навишта низ дидан мумкин аст. Дар Номаҳои Шубонӣ беш аз ҳама он дар Нома ба Титус дида мешавад; нигаред ба 1:9 ("ба каломи ҳақиқӣ қоим бошад"); 1:13; 2:2,8 ва ин ҷо. Ҳамчунин чун тазод ба 1Тимотиюс 6:4 нигаред ва ба тафсири ин  оят дар маводи дарс диққат диҳед.

Сипас фириста шаш хели имондоронро, ва дар асоси оятҳои 7 ва 8 Титусро низ чун намояндаи яке аз онҳо, номбар мекунад. Инҳо пирамардон ва пиразанон, ҷавонзанон, мардони ҷавон, Титус ва ғуломон мебошанд.

**2:2** Комилан ҳаққонист, ки дар ҷамъомад ҷавонон бояд калонсолонро эҳтиром намоянд, аммо ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки онҳо дар байни калонсолон хизматро пеш бурда наметавонанд. Фириста дар ин ҷо Титусро, ки ба миёнсолон мансуб набуд, даъват мекунад, то ба пиронсолон бо таълимот муроҷиат кунад. Айнан ҳамин тавр одамони пиронсол ба чунин хизмат беаҳамиятӣ накунанд, танҳо аз боиси он ки онро ҷавонон ба ӯҳда доранд (ниг. 1Тимотиюс 4:12).

Се сифати аввалро, ки ба пирон дахл доранд, ҳамчунин дар тасвири диаконҳо ва пирон ёфтан мумкин аст. Ба касоне ки бояд намунаи ибрати дигарон бошанд, сабукфикрӣ ва беандешагӣ тамоман хос нестанд.  Шояд сокинони Крит ба чунин норасоиҳо хеле таъсирпазир буданд ва ба огоҳкунии махсус эҳтиёҷ доштанд. Бо вуҷуди он инро ба ҳамаи пирамардон ёдрас кардан даркор буд. Имон, муҳаббат, сабр, ки пирамардон бояд дар онҳо солим бошанд, ҳамчунин дар 1Тимотиюс 6:11 чун барои одами Худо зарурӣ зикр шудаанд. Ҳамчунин ба 1Таслӯникиён 1:3 нигаред. Дар намунаи охир мо мебинем, ки сабр ва умед бо ҳам зич алоқаманд мебошанд, ва маҳз умед сабрро ба вуҷуд меоварад. Аз ин бармеояд, ки се сифати дар ин оят зикршуда ҳамон "ин се чиз"

мебошанд, ки дар 1Қӯринтиён 13:13 сухан дар бораи онҳо меравад.

## РАФТОРИ ПИРАЗАНОН (2:3)

**2:3** Пиразанонро низ насиҳат кардан даркор аст; калимаи *низ* дар ин ҷо нишон медиҳад, ки хислати умумии пирон нисбати пиразанон низ қобили истифода аст. Аммо дигар сифатҳо ва намудҳои хизмат низ ҳастанд, ки танҳо барои онҳо хосанд.

Сипас оиди ду ҷиҳати зиндагӣ гуфта мешавад, ки одатан якдигарро пурра мекунанд – оиди он чи ба осонӣ аз даҳон мебарояд ва ҳамин гуна осон ба даҳон медарояд, – оиди тӯҳмат ва май. Амали якҷояи ин ду ҷиҳати зиндагиро дидан осон аст. Бо вуҷуди ин, имкон дорад, ки кас тӯҳматчӣ буда, май нанӯшад. Пиразанон бояд бодиққат бошанд, то худро аз зарари беандозае ки ин майлҳо расонда метавонанд, нигоҳдорӣ намоянд.

Илова ба он чи Макдоналд дар тафсир ба 1Тимотиюс 5:23 нисбати май мегӯяд, метавон зикр кард, ки Китоби Муқаддас истеъмоли майро манъ намекунад, балки таълим медиҳад, ки онро зиёд истеъмол накунанд. Дар баъзе кишварҳо аз боиси ифлос будани манбаъҳои об ягона нӯшокии дастрас, ки ҳамчунин ба мақсади безараргардонӣ истифода мешавад, май аст. Дар Китоби Муқаддас май рамзи хурсандист. Худованди мо мӯъҷиза ба амал оварда, обро ба май табдил дод, ва ин ҳамчунин муносибати Ӯро ба май нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин, агар ба шахси имондор чизе иҷозат дода шуда бошад, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки ин ҳуқуқро озодона ва бепарвоёна истифода бурдан мумкин аст. Агар дар кадом як кишвар истеъмоли май дигаронро меранҷонда бошад, имондорон бояд бо ҳар роҳ кӯшиш кунанд, ки аз ин худдорӣ кунанд. Румиён 14:21 ба таври пурра дастрас инро таълим медиҳад: “Беҳтар аст, ки ту гӯшт нахӯрӣ, май нанӯшӣ ва коре накунӣ, ки боиси пешпо хӯрдан, ё ба васваса афтодан ва ё суст шудани бародарат мегардида бошад”.

## РАФТОРИ ҶАВОНЗАНОН (2:4-5)

**2:4** Ибораи охирини ояти 3 оиди хизмате мегӯяд, ки пиразанон ба ӯҳда доранд, – хизмати панд додан ба ҷавонзанон. Онҳо бояд бо тамоми зиндагии худ ва бо насиҳатҳо хизмат кунанд.

Феъли “ёд диҳанд”, ки дар ояти 4 истифода шудааст, дар Инҷил нисбатан кам вомехӯрад. Маънои он ба мафҳуми “насиҳат додан” наздик аст, аммо мазмунаш – “ақл ёд додан” – ба феъли “таълим додан” ва ба калимаи “солим”, аз ҷумла, ба маънои “солимфикр”, ки дар Номаҳои Шубонӣ бисёр вомехӯрад, наздик аст.

Дар замони мо, ки алоқаҳои оилавӣ аз боиси вайроншавии ҷамъияти инсонӣ суст мешаванд (2Тимотиюс 3:3), чунин насиҳат хеле бамаврид аст. Аммо ҳар кас аз хондани он, ки ба ҷавонзанон дӯст доштани шавҳарону фарзандонро ёд додан даркор аст, ҳайрон мешавад. Аммо мо бояд табиати ҷамъиятҳои шарқӣ ва бутпарастонаи он замонро фаҳмем. Дар бисёр кишварҳо никоҳҳоро волидон ташкил мекарданд, ва дар айни замон розигии домод ва арӯсро намепурсиданд. Барои чунин ҷамъият муносибати ғарбӣ ба никоҳ, ки дар муҳаббат асос ёфтааст, бегона буд. Аммо он чиз низ ҳақиқат аст, ки дар кишварҳои бутпараст дар муносибатҳои никоҳӣ мафҳумҳое ба монанди боадабӣ ва эҳтиром аз байн рафта буданд. Пас, дар ҷамъияти масеҳӣ ҳақиқатан чунин хизматро ба ҷо овардан даркор аст.

**2:5** Калимаи "боисмат" аз ҷиҳати маъно ба калимаи "солимфикр" наздик аст. "Пок" ба покии ахлоқӣ ва вафодорӣ ишора мекунад. "Ғамхори хона"-ро "дар хона кор мекарда" ё "рӯзғорро пеш мебурда" тарҷума кардан беҳтар аст. Чунин мафҳум барои замони ҳозира хеле муҳим аст, ҳангоме дар аксари ҳолатҳо ҳам шавҳар ва ҳам зан рӯзи дароз кор мекунанд. Дар ҳоле ки чунин вазъиятро ҳатто дар мавриди набудани фарзандон низ хуб номидан мумкин нест, дар мавриди будани фарзандон ин зарари калон расонда метавонад. Идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки зидди қонуншиканиҳои кӯдакон ва наврасон мубориза мебаранд, дар аксари ҳолатҳо бо кӯдаконе сару кор доранд, ки ҳам падар ва ҳам модарашон кор мекунанд, ва ҳамин тариқ, аксар вақт дар хона нестанд. Дар бисёрии чунин мавридҳо зарурати иқтисодӣ танҳо рӯпӯшкунии ҳарисӣ (чашмгуруснагӣ) аст. Пули иловагӣ барои ҳаловатҳои тамоман нодаркор сарф мешавад, ки касро хушбахт карда наметавонанд ва музди фоҷиавии таназзули ахлоқӣ ва рӯҳонии минбаъда мегарданд.

Занҳо бояд "мутеъ ба шавҳарон" бошанд, яъне дар вазъияти тобеият бошанд ва бо ихтиёри худ чунин кунанд.

Сабаби асосии зарурати чунин рафтор он аст, ки Каломи Худо хор дошта нашавад. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи кӯшишҳои атеистҳо, агностикҳо, бутпарастон ва дигар мухолифони ошкорои Худо ба Ҷамоат ва кори Масеҳ ба андозаи имондорони беитоат зарар нарасондаанд. Чун пештара ҳақиқат аст, ки агар суханон бо рафтори мувофиқ устувор нагарданд, "зиндагии шахс аз суханонаш баландтар гувоҳӣ медиҳад". Ин мавзӯъ дар тамоми Навиштаҳо хеле муҳим аст. Дар робита бо мавзӯе ки ба муносибатҳои мардону занон дахл дорад, ба 1Петрус 3:1 нигаред.

## РАФТОРИ МАРДОНИ ҶАВОН (2:6-8)

**2:6** Насиҳат ба мардони ҷавон дар ин ҷо кӯтоҳ аст, аммо на аз боиси он ки чун дар мавриди насиҳат ба дигар категорияҳои одамон муҳим нест. Аввалан, калимаи “низ” бисёр насиҳатҳоеро (агар на ҳамаашро), ки ба ҷавонзанон гуфта шудаанд, дар назар дорад. Дуюм, нисбати мардони ҷавон намунаи худи Титус қобили истифода аст, бинобар ин дар ин ҷо ягон хел насиҳатҳои махсус дода нашудаанд.

Ягона калимаи муайян – “боисмат” – дар Номаҳои Шубонӣ бисёр вомехӯрад. Дар замони мо, ҳангоме ки сабукфикрӣ ва бепарвоӣ гоҳо ҳатто асосҳои масеҳиятро ба ҷарии дилхушиҳои беҳуда тела медиҳад, чунин насиҳатҳо хеле заруранд. Ҳазл дар Китоби Муқаддас ҳаст, аммо он хеле кам вомехӯрад. Масъалаҳои зиндагӣ ва марг чунон ҷиддӣ мебошанд, ки гуфтугӯ оиди онро ба беҳудагӯӣ ва сабукфикрии кадом як “ҳозирҷавобӣ” табдил додан даркор нест, зеро дар ин маврид он ба фоидаи шайтон хоҳад буд.

**2:7** Насиҳати ояти 7-ро бо он чи дар 1Тимотиюс 4:12 ба Тимотиюс навишта шудааст, муқоиса кунед. Худи Титус пеш аз ҳама бояд барои ҷавонон, ва низ барои ҳамаи дигарон намунаи ибрат бошад. Қувваи намуна хеле бештар аз мавъиза аст. Маънои асосии ин оят дар калимаҳои “корҳои нек” аст. Чуноне ки мо дар муқаддимаи ин курс гуфта будем, ин боз як мавзӯест, ки дар ин се нома зикр шудааст.

Таълимоти он бо пуррагӣ, дурустӣ ва асоснокӣ фарқ мекунад. Аҳамият диҳед, ибораи охир то чӣ андоза бо солимфикрӣ ва боисматӣ, ки ба мардони ҷавон расондан даркор аст, мувофиқат дорад.

**2:8** Дар ояти 8 мо бори панҷум дар тамоми нома бо калимаи “солим” вомехӯрем. Ҳамчунин ба он аҳамият диҳед, ки чӣ гуна ин калима нисбати категорияҳои гуногуни имондорон истифода мешавад. Дар ин ҷо он ба хизмати Титус дахл дорад – ҳам ба мавъизаҳо ва ҳам ба сӯҳбатҳои шахсии ӯ. Рафтори ӯ дар ин маврид мухолифонашро маҷбур мекунад, ки хомӯш шаванд, ва онҳо шармсор мегарданд. Ҳангоме мо суханони олии таҳсинро нисбати хизмати Титус дар Қӯринт ва дигар ҷойҳо мешунавем, чунин насиҳат бемаврид метобад. Аммо калонсол шуда, болиғ гардида, мо мефаҳмем, ки бояд доимо оиди зиндагии тақводорона насиҳат шунавем, то ки ба гуноҳ наафтем. Петрус чунин меҳисобид, ки дар чунин насиҳат ҳеҷ чизи ҳайратоваре нест (2Петрус 3:1).

Рафтор ба мухолифони имон таъсири манфӣ мерасонад – он онҳоро шармсор менамояд. Дар 1Петрус 2:15 рафтори хуб одамони нодонро ба хомӯшӣ маҷбур мекунад. Далели зиндагии нек ҳамеша таъсирбахш аст. Дар 1Петрус 2:12 ҳамчунин натиҷаи таъсирбахштар аён мегардад – одамон ба Худо ҳамд гуфтанро сар мекунанд.

## РАФТОРИ ҒУЛОМОН (2:9-10)

**2:9** Категорияи охирини имондорон, ки Павлус дар ин қисм ба онҳо муроҷиат мекунад, ғуломон мебошанд. Дар он замон тақдири онҳо вазнин ва талх буд, аммо ба ҳар ҳол чунин вазъиятҳое низ буданд, ки ғуломон аз одамони озод кам фарқ доштанд. Зиёда аз ин, гоҳо тақдири одамони озод чунон тоқатфарсо мегардид, ки онҳо ихтиёрӣ худро ба ғуломӣ мефурӯхтанд, то ки аҳволи иқтисодии худро беҳтар намоянд. Дар ҳар сурат имконияти гапнодарой, муносибати бевиҷдонона ба кор, беитоатӣ ба калонҳо ё соҳибон, дуздӣ ва дигар амалҳои бадкирдорона вуҷуд дошт. Ғуломи имондор бошад мавқеи худро барои нишон додани файзи Худованди худ истифода мебурд. Бори дигар ба тафсири 1Тимотиюс 6:1 нигаред.

**2:10** Дар матни асл дар ҷои "дуздӣ кардан" калимаест, ки дар Аъмол 5:2,3 ҳангоми нақл оиди Ҳанониё ва Сафира истифода шудааст. Калимаҳои "камоли вафои некро нишон додан" онро ёдрас мекунанд, ки Юсуф дар Миср ғулом буд – аввал дар хонаи Фӯтуфар, сипас дар зиндон, – аммо баъд ба шарофати некӯкории худ ба мартабаи баланд ва масъулиятнок расид. Дониёл дар Бобил тақрибан дар ҳамин гуна вазъият буд.

Ҳамаи он чи Титус бояд мегуфт, ба таълимоти солим дахл дошт. Ва зиндагие ки натиҷаи ин итоаткорӣ аст, ороиши ин таълимот хоҳад буд. Таълимоти "наҷотдиҳандаи мо Худо" тавоно, пурра ва таъсирбахш аст. Ва лозим аст, ки зиндагии хуби имондорон ороиши ин таълимот гардад, ва ғуломони имондор тамоми имкониятҳои нишон додани онро дошта бошанд. Аммо суханони ин оят на танҳо ба ғуломон, балки ба ҳамаи имондорон дахл доранд. Худи ҳамон сухан дар 1Тимотиюс 2:9 ва 1Петрус 3:5 оиди занон гуфта мешавад. Оё мо ҷуръат пайдо мекунем, то аз худ пурсем: "Ман ороиш ҳастам ё доғ?"

Аз ин ҷиҳатҳои амалӣ фириста ба мавзӯи таълимот мегузарад, ки оятҳои 11–15-ро дар бар мегирад. Оиди се ояти аввал Стромбек мегӯяд: "Ин се ояти аввал яке аз ҳақиқатҳоеро дар бар мегиранд, ки беш аз ҳама сарфи назар карда мешаванд". Шояд ҳеҷ порчаи дигар дар тамоми Каломи Худо чунин ҷамъбасти мавзӯи рафтори масеҳиро намедиҳад... Ин ҷо оиди се ҷиҳати рафтор гуфта мешавад. Аввалан, зиндагии воқеан масеҳӣ исёнкорӣ ва ҳавасҳои дунявиро рад мекунад. Ҳамин тариқ, ҳамаи корҳои бехудоёна, ва низ ҳамаи ҳаловатҳои ин ҷаҳон инкор карда мешаванд. Дуюм, дар ин ҷаҳон тақводорона, дуруст ва росткорона зистан даркор аст. Сеюм, чунон зистан даркор аст, ки омадани Исои Масеҳро ҳамеша дар ёд дошта бошем ва интизори бозомадани пуршукӯҳи Ӯ бошем. Ҳеҷ гуна "масеҳияти амалӣ"-

ро, агар он ин се шартро дар назар надошта бошад, рафтори ҳақиқатан масеҳӣ номидан мумкин нест”.

Ба ояти 15-уми боби 2 такя намуда, ин қисмро метавон “Оиди чӣ гап задан даркор аст” номид. Дар ин қисм илова ба таълимоти таъсирбахш оиди ҷиҳати амалии масеҳият, оиди ду бор омадани Худованди мо ва оиди гувоҳии бевоситаи табиати илоҳии Ӯ ва қурбонии Ӯ гуфта мешавад.

## РАФТОРИ ҲАМАИ ИМОНДОРОН (2:11-15)

**2:11** Аз ороиши таълимот ба худи таълимот гузашта, Павлус нишон медиҳад, ки он чӣ гуна бояд зиндагии моро ороиш диҳад. Фириста мегӯяд, ки рафтори тақводорона, ки дар оятҳои гузашта оиди онҳо сухан мерафт, аз файзи Худо бармеояд.

Дар робита бо файз камаш ба чор чиз диққат додан даркор аст: 1) Ин файзи Худост, ва бинобар ин ҳар каси ба Ӯ таллуқдошта онро дорад. 2) Он ҳамон вақт зоҳир карда шуд, ки ба ин ҷаҳон Исои Масеҳ омад (ниг. Юҳанно 1:14,17). Он файзи Худост, ва он дар ҷисми одамӣ омадани Ӯ амалӣ гардид. 3) Файзи Худо “барои ҳамаи одамон” буд. Ҳеҷ кас истисно нест. Шояд ин ҷо дар вобастагӣ бо зикри ғуломон дар ояти 10 гуфта шудааст. 4) Мақсади ин файз – ба одамон наҷот додан аст.

**2:12** Ҷиҳати панҷум дар насиҳат, ё таълим аст. Аксари масеҳиёни ҳозира шариати Мусоро панд барои имондорон, меъёри зиндагӣ меҳисобанд. Аммо ин нодуруст аст. Дар Ибриён 7:19 гуфта шудааст, ки дар гузашта “шариат ҳеҷ чизро ба камол нарасонидааст” ва ҳозир ҳеҷ чизро беҳтар карда наметавонад. Петрус онро “юғе” номидааст, ки ҳеҷ кас онро бардошта наметавонад (Аъмол 15:10). Танҳо файз метавонад фарзанди Худоро таълим диҳад ва ба роҳи дуруст ҳидоят намояд.

Феъли “таълим медиҳад” дар ҷойҳои дигар бо феълҳои “насиҳат кардан”, “ёд додан”, “ҷазо додан” ифода ёфтааст. Онро дар нақл оиди он истифода мебаранд, ки Мусо ҳикмати Мисрро меомӯхт (Аъмол 7:22), ва Павлус шариатро меомӯхт (Аъмол 22:3). Феъли “ҷазо додан” ҳангоми зикри Худованди мо дар Инҷили Луқо 23:16,22 ва зикри имондорон дар Ибриён 12:6-11 истифода мешавад. Он ғояи таълим додан ва ҷазо доданро бо файз аз рӯи таҷрибаи зиндагӣ дар бар мегирад.

Ин таълим додан якчанд ҷиҳат дорад: аввалан, гузашта, ҳозира ва оянда, ва сониян боз дуто – манфӣ ва мусбат. Гузашта рад карда мешавад (дар ояти додашуда он дар калимаҳои “маъсият ва шаҳватҳои ин дунёро рад намуда” ифода ёфтааст), шахси имондор дар замони ҳозира зиндагӣ мекунад, ояндаро бошад интизор мешавад (ояти 13). Исёнкорӣ ва шаҳватҳои дунявиро метавон ва бояд рад намуд. Мутаассифона ин аз дасти

баъзе фарзандони Худо намеоянд, ва дар натиҷа онҳо бо рафтори дунявии худ Касеро ки онҳоро наҷот додааст, бадном мекунанд.

Дар тарзи зиндагии имондор ҷиҳати ҳозира ва мусбат ифода меёбад. Дарҳол гувоҳии бузурги Павлус ба ёд меояд: “Зеро ки барои ман зиндагӣ – Масеҳ аст” (Филиппиён 1:21). Се калима чунин тарзи зиндагиро ифода мекунанд: “боисмат” – нисбати худ, “одилона” – нисбати атрофиён, “парҳезгорона” – нисбати Худо.

**2:13** Зикри замони ҳозира ба таври табиӣ замони оянда ва умедҳои дурахшони вобаста ба онро дар назар дорад. Тамоми рафтори имондор, ки бо файзи Худо зиндагӣ мекунад, ба ин умед вобаста аст. Калимаи “муборак”, ки чунин умедро тавсиф медиҳад, дар Мавъизаи болои кӯҳ истифода мешавад (Матто 5). На кадом як баракат, балки маҳз умед рӯҳи одамро хушбахт мегардонад. Бисёр баракатҳо бо дарки ин умед вобастаанд, аммо дар навбати аввал ин ҷо на оиди онҳо гуфта мешавад. Бинобар ин, имондор, ки тамоман шахсияти хиратабъ ва бемор нест, боисмат ва солимфикр буда, ба таври ҳақиқӣ шахси хушбахт аст. Ӯ умед дорад. Ба Забур 145:5 нигаред. Умед дар ин ҷо бо зоҳиршавӣ вобаста аст. Дар матни юнонӣ ин ҷо калимаи “епифания” аст, ки дар ояти 11 (дар шакли феъл) истифода шудааст. Он ҷо дар бораи зоҳиршавии якуми Худованд барои Ҷамоати Худ гуфта мешуд, ки онро “ба осмон гирифта шудан” меноманд. Ин ду исмро танҳо як артикли муайянӣ мепайвандад – “умед” ва “зоҳиршавӣ” – ки мувофиқи он ҳар ду калима ба ҳамон як воқеа дахл доранд. Ин оятро истифода бурда, баъзеҳо исбот карданӣ мешаванд, ки ба осмон гирифта шудан, ки бо умеди муборак вобаста аст, баъди давраи мусибат меояд, зеро зоҳиршавӣ, ё епифания, ба замин омадани Худованди моро дар назар дорад.

Аммо, чуноне ки  мо пештар гуфта будем, “зоҳиршавӣ” ё “епифания”, истилоҳи махсуси ба воқеаи алоҳида  вобаста нест. Ин калима ҳангоми тасвири зоҳиршавии якуми Ӯ, ки дар ояти 11-уми ин боб гап дар бораи он меравад, ва низ дар дигар ҷойҳои Инҷил истифода мешавад. Пас, маънои ин истилоҳро дар матн аниқ кардан даркор аст. Дар ин робита Вудринг оид ба Нома ба Титус 2:13 чунин мегӯяд:

«Ин боз як ҷои Навишта аст, ки бо омадани дуюм умумияте надорад. Ғояи бозгашти Худованд баъди давраи мусибат дар он асос ёфтааст, ки епифания ба омадани дуюм дахл дорад. Бинобар ин, ҳангоме ки умеди муборакро (назарияе ки мувофиқи он бозгашти Худованд пеш аз давраи мусибати бузург рӯй медиҳад, онро бо бурда шудан ба осмон пайваст менамоянд) танҳо дар як оят бо епифанияи пуршукӯҳ вобаста менамоянд, пас ин умеди муборак ба воқеае дахл дорад, ки пас аз давраи мусибат рӯй медиҳад. Аммо ҳангоме дарк мекунем, ки ду епифания ҳаст – яке то давраи мусибат ҳангоми ба осмон бурда

шудан, ва дигаре пас аз давраи мусибат ҳангоми омадани дуюми Худованд, – далели ин шахсон барбод меравад. Дар асл ҳам умеди муборак ва ҳам зоҳиршавӣ то давраи мусибат рӯй медиҳанд. То даме ки ҷонибдорони ин назария исбот карда наметавонанд, ки гап дар бораи танҳо як епифания пас аз давраи мусибат меравад, онҳо ҳеҷ чизро исбот карда наметавонанд».

Ҳамчунин инро гуфтан мумкин аст:

«Дар назди "умеди муборак" истодани артикл ва дар назди "зоҳиршавӣ" набудани он нишон медиҳад, ки умеди муборак ва зоҳиршавии ҷалол як воқеа мебошанд. Ин ҷо байни марҳилаҳои (давра) алоҳидаи омадани дуюми Масеҳ фарқе нест».

Баҳсҳои ҷиддитар дар атрофи ин оят бо суханони охирини он вобастаанд. Оё Павлус дар ин ҷо оиди ду шахсият, Худо Падар ва Исои Наҷотдиҳанда мегӯяд? Ё ӯ танҳо Исои Масеҳро дар назар дошта, Ӯро бехато "Худои азим" меномад? Бо назардошти он ки чунин зикри Писар ба муаллифони Таврот маълум набуд, бисёр муҳаққиқон ва баъзе тарҷумонҳо ҷонибдори ақидаи якум ҳастанд. Аммо бисёр муҳаққиқони дигар ҷонибдори ақидаи дуюм мебошанд. Ва ба фоидаи ақидаи онҳо чунин далелҳоро овардан мумкин аст:

1) Калимаҳои "Худо" ва "Наҷотдиҳанда" бо як артикл муттаҳид карда шудаанд. Тавзеҳоти пеш аз он, ки ба умед ва зоҳиршавӣ дахл доранд, дар ин ҷо қувваи баробарро ифода мекунанд.

2) Дар тамоми ин қисм гап танҳо дар бораи Писар меравад.

3) Ҷонишини "ки" дар ояти минбаъда дар шумораи танҳо аст ва танҳо ба Масеҳ дахл дорад. Шояд чунин далел боварибахш натобад, аммо он бо қисми боқимонда хуб мувофиқат мекунад.

4) Дар ҳамаи ҷойҳои дигари Инҷил истилоҳи "епифания" танҳо ба Масеҳ дахл дорад.

5) Дар динҳои бутпарастона сарварони одамӣ ва худоёни дурӯғинро "худои бузург ва наҷотдиҳанда" меномиданд. Аз афташ, пурра равшан аст, ки масеҳиён дидаву диниста ин суханонро нисбати Исои Масеҳ истифода мебурданд, зеро Ӯ ягона Касест, ки ҳақ дорад, чунин номида шавад.

Ва мо, имондорон, ба воситаи файз даъват шудаем, ки зуҳури ҷалоли «Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ» бошем. Мо аллакай чунин нахоҳем хонд: "Мо Худоеро мебинем, ки ҷисми одамӣ дар бар кардааст", ки ин ҷо задаи мантиқӣ ба одам шудани Худо гузошта мешавад. Дар ин ҷо бошад Ӯ чун пештара бо ҷисми одамӣ, аммо дар ҷалол аст, чуноне ки ҳангоми дигаргуншавӣ ё ҳангоми сафари Павлус ба Димишқ буд. Ва ин ҷалолро мо ҳангоми ба осмон бурда шудан мебинем. Худованд, ин рӯзро наздик гардон!

**2:14** Ибораи якуми ояти 14, аз афташ, ибораи дӯстдоштаи Павлус аст; ба 1Тимотиюс 2:6; Ғалотиён 1:4 Эфсӯсиён 5:25 нигаред. Ин ҷо гап дар бораи Наҷотдиҳанда, ва низ дар бораи чӣ гуна рӯй додани наҷотёбии мост: бо нархи беандозаи бозхариди мо. Эҳтиёҷи беҳудуди мо, озодӣ аз ғуломии гуноҳ, нархи гаронеро металабад, Исои Масеҳро, Худо ва одамро дар Худ.

Қисми аввали ин мақсади дутарафа аз бадкирдорӣ бозхарид намудани мост. Дар дигар ҷойҳои Навишта мебинем, ки бозхариди мо бо кадом нарх ба даст меояд – бо хуни гаронбаҳо (1Петрус 1:18,19); дар айни ҳол мо аз чӣ озод мешавем – аз лаънати шариат (Ғалотиён 3:13); бозхарид боиси чӣ мешавад – бахшида шудани гуноҳҳо (Эфсӯсиён 1:7). Дар ин ҷо рафторро таъкид намуда, Павлус оиди озодшавӣ аз ҳама гуна бадкирдорӣ мегӯяд.

Қисми дигари мақсад аз он иборат аст, ки Ӯ моро барои Худ пок карда тавонад. Дар байни калимаҳое ки наҷоти моро тасвир мекунанд, "росткорӣ" ва "сафед карда шудан" аз лексикаи доварӣ гирифта шудаанд ва мавқеи қонунии моро ифода мекунанд. Калимаҳои "тақдис" ва "муқаддасӣ" аз лексикаи ҷамоатӣ гирифта шудаанд ва ҷудошавии моро ифода мекунанд. "Бозхарид кардан" аз истилоҳоти бозорӣ гирифта шуда, созишро ифода мекунад. (Нигаред 1Қӯринтиён 1:30.) Аз ҷиҳати муайян бозхарид шуданро байни сафед карда шудан ва тақдис гузоштан мумкин аст.

Калимаҳои "барои Худ ҳамчун қавми махсусе татҳир намояд" оиди мақсаде мегӯянд, ки чунин нархи гарон барои он пардохта шудааст. Мо аз маҳкумшавӣ на барои он наҷот меёбем, ки баъд ҳама кори мехостаамонро кунем. Акнун мо ба Ӯ тааллуқ дорем. Суханони охирини ин ибора арзишнокии ҳайратовари бозхариди моро махсусан равшан таъкид мекунанд. Дар Инҷил оиди он танҳо дар ҳамин ҷо гуфта мешавад, агарчи ифодаи ба он монанд дар 1Петрус 2:9 низ вомехӯрад. Ин ифода аз Септуагинта (тарҷумаи юнонии Таврот) аз порчаи Хуруҷ 19:5 ва Такрори Шариат 7:6 гирифта шудааст.

Боз як мақсади бозхариди мо аз он иборат аст, ки моро ба корҳои нек ғайратманд намояд. Мо дуруст мегӯем, ки фарзанди Худо бо корҳои нек наҷотро сазовор шуда наметавонад, аммо дар айни ҳол фаромӯш мекунем, ки Калом ба амалҳо чӣ аҳамияте медиҳад. Калимаи "ғайратманд" худ аз худ қавӣ ва ифоданок аст. Оё ин калима моро тавсиф медиҳад? Ё ба мо бепарвоӣ нисбати даъватҳои ёрӣ дар ҷамоат ё дар ҷамъомад, ки ҳар рӯз бо онҳо рӯ ба рӯ мешавем, хос аст? (Нигаред Ваҳй 3:16.)

**2:15** Ояти 15 ҳамаи он чиро, ки дар ин боб ва бобҳои гузашта гуфта шудааст, ҷамъбаст мекунад, ва он чи Титус бояд оиди он гӯяд, дар навбати аввал ба мавзӯи ин қисм, яъне ҳақиқате ки дар зиндагӣ ва рафтори шахси имондор ошкор мегардад,

вобаста аст. Насиҳат пеш аз ҳама ба он чи дар 2:1-10 гуфта шудааст, дахл дорад, аммо на танҳо ба он. Сарзаниш пеш аз ҳама он хизматест, ки дар 1:10-16 оиди он гуфта мешавад.

Аҳамияти ду ибораи охири оятро ҷудо кардан даркор аст: “бо тамоми қудрат” ва “то ки ҳеҷ кас ба ту беэътиноӣ накунад”, хусусан агар хислати мураккаби сокинони Критро дар ёд дошта бошем. Хизматгори Худованд, бо олиҳимматӣ ва фурӯтанӣ, ва низ бо таълими боқудрат, чуноне ки дар Матто 7:28-29 дида мешавад, хислати Худовандро инъикос менамояд. Олиҳимматӣ ва фурӯтанӣ умумияте бо сустӣ ва бехислатӣ надоранд, вақте шахс тамоман сарзаниш намекунад, зеро «касеро ранҷондан» намехоҳад.

Суханони охирини оят мегӯянд, ки Титус бояд ба беитоатӣ ва гапнодароӣ роҳ надиҳад. Бисёр ходимони Худованд ин ҷиҳатро сарфи назар мекунанд. Бигузор беҷуръатон ва тарсончакҳо ба ин оят диққат диҳанд.

## БОБИ 3

Ду ояти аввали ин боб як навъ муқаддима мебошанд. Дар асоси мундариҷаи онҳо бобро тақрибан чунин номидан мумкин аст: “Он чиро, ки дар зиндагии ҷамъиятӣ бояд дар ёд дошт”.

## ИТОАТ БА ҲУКУМАТДОРОН (3:1-2)

**3:1** Сокинони беитоат ва танбали Крит ба насиҳате эҳтиёҷ доштанд, ки дар ояти 1 мехонем. Дар Эфсӯсиён 3:10 Павлус ба Ҷамоат мегӯяд, ки ба воситаи он ҳукуматдорон дар осмонҳо оиди “ҳикмати гуногуншакли Худо” медонанд. Айнан ҳамин тавр Ҷамоат, аниқтараш, намояндагони алоҳидаи он бояд ҳикмати Худоро ба сарварону ҳукуматдорон дар замин нишон диҳанд. Ба таври муайян ин ба воситаи итоаткорӣ ба идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, маҳкамаҳо, волиён, ҳокимон, ва ҳамаи дигар одамони соҳибқудрате ки дар ҷаҳони мо ҳастанд, зоҳир мешавад. Ҳақиқатан маҳз ба воситаи итоат дар замин ҳукуматдорон метавонанд ҳикмати Худоро бинанд.

Феъли “итоат намудан” ба фикр оиди итоат ба қонунҳо мебарад. Румиён 13:1-7 оиди муносибати шахси имондор ба ҳукуматҳои заминӣ мегӯяд, ва ин порчаро дар ин робита омӯхтан фоиданок аст. Ҳамчунин дар ёд нигоҳ доред, ки ин суханон дар замоне навишта шудаанд, ки дар империяи Рум Нерон – қайсари бераҳм ва ноинсоф ҳукмронӣ мекард.

Агар умуман ба матн нигарем, корҳои неке ки ин ҷо зикр шудаанд, амалҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандӣ мебошанд. Шахсе ки ба Худо бовар дорад, метавонад дар бисёрии онҳо иштирок кунад ва ҳамин тариқ оиди Худованд гувоҳӣ диҳад. Дар ин порча гуфта нашудааст, ки мо ба ҳар ҳол бояд дар ин гуна корҳо иштирок

намоем, балки ба мо иҷозат дода шудааст дар онҳо иштирок намоем, то ки имконияти шаҳодат доданро истифода барем.

**3:2** Боз ҳам, бо назардошти матн, бояд гуфт, ки ҳамаи хусусиятҳои дар ин ҷо зикршуда ба зиндагии ҷамъиятӣ ва шаҳрвандӣ, ба муносибатҳои мо бо ҳукуматдорон ва ғайра дахл доранд. Сифатҳои дар ин ҷо номбаршуда Худованди пуршукӯҳи моро тавсиф медиҳанд, ки Ӯ гуфтааст: "Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам".

Дар матни юнонӣ дар ҷои феъли "бадгӯӣ кардан" дар ояти 2 калимаест, ки дар Марқӯс 3:28 чун "куфр гуфтан" тарҷума шудааст. Дар Титус 2:5 он чун "хор доштан" тарҷума шудааст. Пас, ин ҷо даъвати "куфр нагуфтан" ба ҳукуматдорон ва намояндагони ҳокимият садо медиҳад, – ин гуноҳ бошад имрӯзҳо дар байни одамон васеъ паҳн шудааст! Зиёда аз ин, мо набояд ҷанҷолӣ бошем, яъне ҳамон сифатҳоеро дошта бошем, ки пир-нозирро дар 1 Тимотиюс 3:2 тавсиф медиҳанд ва дар тамоми Инҷил оиди онҳо танҳо дар ин ду ҷой сухан меравад. Олиҳимматӣ ҳамчунин бояд моро тавсиф диҳад, чуноне ки он ҳамеша Худованди моро тавсиф медод (нигаред 2Қӯринтиён 10:1).

Калимаи "фурӯтанӣ" низ дар 2Қӯринтиён 10:1 вомехӯрад, ки он ҷо оиди хислати Худованд гуфта мешавад. Феъли "рафтор намудан"-ро мо дар Титус 2:10 дар шакли "нишон додан" вомехӯрем, ки он ҷо Павлус хизматгоронро даъват менамояд, то вафодории нек нишон диҳанд.

Насиҳатҳои ин ду оят дар шароити набудани тартиби даркорӣ дар ҷаҳони имрӯза махсусан муҳиманд. Имрӯзҳо мо доимо рӯҳи исёнкорӣ ва бадкирдориро ҳис мекунем, ки қариб ҳар рӯз ҳукуматҳоро барҳам мезанад ва ба ҷамъият бетартибӣ меоварад. Шахси имондор, ки Каломи пешгӯиро медонад, аз ин воқеаҳои шум наметарсад, зеро онҳо ба рамзи оҳан ва гил дар тафсири хоб дар боби 2-юми китоби пайғамбар Дониёл аниқ ҷавобгӯ мебошанд. Мо ба тартиби ҷамъиятие ворид мешавем, ки ба он шакли нави идоракунӣ хос аст, ҳокимияти диктатор (оҳан) бар асоси ноустувори издиҳом (гил) бунёд ёфтааст.

Бисёр имондороне ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон, дар давлатҳои навташкил зиндагӣ мекунанд, ба ҳар гуна фаъолиятҳои сиёсӣ ҷалб карда шудаанд. Баъзеҳо аз васвасаи дастгирии баромадҳои зиддиҳукуматӣ худдорӣ карда натавонистанд. Бе шубҳа, бисёриҳо танҳо аз боиси башардӯстӣ дар ин амалҳо иштирок мекунанд, аммо дар ниҳояти кор онҳо чашмони худро аз Худованд Исои Масеҳ мегардонанд ва дар навбати аввал оиди ҳаракатҳо ва ҷоҳталабиҳои одамон ва миллатҳо фикр мекунанд.

Бигузор ин оятҳо ба мо муносибатҳои дурустро бо ҳокимиятҳо ва ҳукуматҳо омӯзанд.

Қисми навбатиро, ки оятҳои 3–7-ро дар бар мегирад, “Мо чӣ гуна будем ва чӣ гуна шудем” номидан мумкин аст. Дар ояти 3 оиди он гуфта мешавад, ки мо дар гузашта кӣ будем, дар оятҳои 4-7 бошад – ҳозир мо чӣ гуна ҳастем.

## АҲАМИЯТИ КОРҲОИ НЕК (3:3-11)

**3:3** Замоне ба мо ҳафт хусусияти бад хос буданд. Онҳо бо насиҳатҳое алоқаманд мебошанд, ки мо худи ҳозир оиди онҳо гуфта будем. Каломи Худо дарҳол ёдрас менамояд, ки мо замоне чӣ гуна будем, ва гоҳо ба ақиб нигаристан фоиданок аст, то ки ба васвасаи ғурур гирифтор нашавем (нигаред 1Қӯринтиён 6:9-11; Эфсӯсиён 2:1-3) .

Аҳамият диҳед: аз пайи беитоатӣ гумроҳӣ меояд. Калимаи “бандагон” дар ин ҷо ғояи муносибатро ба ҳавасҳо ва ҳаловатҳои дунявӣ хуб ифода мекунад. Корҳои ҳаррӯзаи шахси наҷотнаёфта дар коргоҳ, мағоза, завод оиди ҳаққонияти ин суханон хуб шаҳодат медиҳанд. Бадбинӣ, ҷанҷол, ҳасад, нияти бад дар зиндагии бехудоён аз худ далолат медиҳанд.

**3:4** Дар оятҳои 4-7 ҷамъбасти таълимот оиди наҷот хеле хуб тасвир ёфтааст. Барои соддагии таҳлил онҳоро чун сохтори ягонаи грамматикӣ тасаввур кардан мумкин аст – ҷумлаи мураккаби тобеъ:

ояти чорум – ҷумлаи пайрави замон;

оятҳои панҷум ва шашум – сарҷумла;

ояти ҳафтум – ҷумлаи пайрави мақсад.

Се калимаи хуб дар ин оят оиди муносибати Худо ба одам мегӯянд: “файз” (ду бор, дар оятҳои 4 ва 7), “одамдӯстӣ”, “марҳамат”. Ҳамаи онҳо тазоди хислатҳое мебошанд, ки дар ояти гузашта зикр шудаанд. Чӣ гуна ҳайратовар аст файз ва муҳаббати Ӯ ба касоне ки инро тамоман сазовор нестанд!

Калимаи “одамдӯстӣ” дар Инҷил танҳо дар ин ҷо истифода мешавад, дар забони имрӯза бошад муодили он вомехӯрад – “филантропия”. Худо аввалин ва бузургтарин филантроп (одамдӯст) аст, ва аз одамдӯстии Ӯ мо ҳама чизро доро мешавем.

Зуҳуроти файз, ки ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ба меҳнати бозхаридкунандаи Исо ҳангоми омадани аввалинаш дахл дорад.

**3:5** Павлус бори аввал кушоду равшан қоидаи росткорӣ аз рӯи амалҳоро рад мекунад. Ин ба мо номаҳо ба румиён ва ғалотиёнро ёдрас мекунад, ки он ҷо ӯ оиди наҷот танҳо ба воситаи имон мегӯяд. Наҷотро Павлус бевосита бо марҳамати Худо вобаста медонад. “Марҳамат он аст, ки мо он чиро, ки сазовор ҳастем (ҷазоро), намегирем”. Илова ба он ки мо наҷотро бо корҳои нек ба даст оварда наметавонем, мо барои

бадкирдориҳои худ ҷазои фаврӣ ва бераҳмонаро сазоворем. Аз рӯи марҳамат мо аз чунин маҳкумият барканор мешавем, ва ба ҷои он Худо ба мо наҷот ато мекунад. Замон дар матни асли ин ҷумла аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин амал раванди бардавом нест, балки як бор ва барои ҳамеша ба ҷо оварда шудааст.

Ҷумлаи хуби "Ӯ моро наҷот дод" меҳвари тамоми ҷамъбасти таълимот аст. Ҳақиқатан ҳам, ин порчаро бо ояти зерин хулоса кардан мумкин аст: "*Наҷотдиҳандаи* мо Худо моро ба воситаи *Наҷотдиҳандаи* мо Исои Масеҳ *наҷот дод*".

Бояд зикр кард, ки ибораи "Наҷотдиҳандаи мо Худо" дар оятҳои 1:3; 2:10; 3:4 вомехӯрад; "Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ" – дар 1:4; 2:13; 3:6. Ҳамин тариқ, дар се боби хурди ин нома истилоҳи "Наҷотдиҳанда" се бор ҳам нисбати Худо, ки наҷоти моро андешид, ва ҳам нисбати Исои Масеҳ, ки ин наҷотро амалӣ гардонд, истифода шудааст.

Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки ибораи баъдина – "ғусли таваллуди дубора" – ба маросими ғӯта дахл дорад. Он гоҳ ҷонибдорони он ақида ҳақ мебошанд, ки амали ҷисмонии ғӯта ҳамчунин барои наҷот даркор аст. Аммо ин ҷо на оиди "ғӯтаи масеҳӣ", балки оиди "ғӯтаи таваллуди дубора" гуфта мешавад.

Юҳанно 3:5-6 ва 4:14-ро бо Эфсӯсиён 5:26, ва баъд бо 1Петрус 1:23 муқоиса намуда, дидан мумкин аст, ки об тимсоли Каломи Худост (гоҳо Рӯҳи Пок). Дар ҳеҷ ҷои Навиштаҳо он чун тимсоли ғӯтаи масеҳӣ истифода намешавад. Ғӯтаи масеҳӣ худ тимсол аст, ва тимсоли тимсол, албатта, мафҳуми вазнин ва тамоман нодаркор мешавад. Зодашавии дубора чӣ гуна ба амал меояд? Зодашавии нав чӣ маъно дорад? Як мисол меоварем. Гоҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо фаҳмидан мумкин аст, ки шахсеро ошкор намудаанд, ки бо номи дигар дар кишвари бегона, дар байни халқи бегона, хеле дур аз ватан мезистааст. Чунин шахс одатан кӯшиш мекунад, ки бо он чи зиндагии пештара ва ҷиноятҳои пештараашро ақаллан каме ёдрас мекунад, ҳеҷ умумияте надошта бошад. Ӯ гӯё одами дигар мешавад ва кӯшиш мекунад бо гузаштаи худ робитае надошта бошад. Бо вуҷуди ин дар асл ӯ одами дигар намешавад; ӯ танҳо вонамуд мекунад, ки чунин шудааст.

Аммо ҳангоме ки мо наҷот меёбем, ҳақиқатан дигар мешавем. Мо ҳақиқатан шахсиятҳои нав мешавем, ки аз тамоми ҷавобгарӣ барои зиндагии гузашта, аз шахсияти гузашта, ҳамоне ки ҳамроҳи Масеҳ дар салиб мурд, пок карда шудаем (Ғалотиён 2:20). Ҳамин тариқ, зодашавии дубора ба маънои амалитарини он покшавӣ аз фасоди гузашта аст.

Одами нав дар Масеҳ барои гуноҳҳо ва нопокиҳои гузашта чӣ гуна ҷавобгар буда метавонад?

Калимаҳои “таҷдиде ки аз Рӯҳулқудс аст” ба ҷиҳати мусбат ишора мекунанд. Мо маҳз ба миёнаравии фаъолонаи Рӯҳи Пок нав мешавем. Худи ҳамон калима дар Румиён 12:2, ки он ҷо оиди зиндагии ҳаррӯзаи шахси имондор гуфта мешавад, истифода шудааст. Дар Қӯлассиён 3:10 он ҳамчунин вомехӯрад, аммо дар шакли феъл инро чун амали яквақта фаҳмидан мумкин аст, агарчи оиди раванди давомкунанда низ сухан рондан мумкин аст.

**3:6** Дар рӯзи Пантикост Рӯҳи Пок бар имондорон фурӯ рехт, ва зикри ин воқеа ба масеҳиён оиди атои беандоза ва қувваи он мегӯяд. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки ҳамаи се шахсияти Сегона барои наҷоти гуноҳкорон меҳнат мекунанд.

**3:7** Дар байни муҳаққиқон нисбати мақсади наҷот ва натиҷаи он ақидаҳои гуногун пайдо мешаванд. Калимаҳои “то ки”-ро дар ин оят чӣ гуна бояд фаҳмид. Дар ин ҷо Павлус аввал оиди яке аз мавзӯъҳои бузургтарини нома ба румиён ва ғалотиён – оиди сафедшавӣ – мегӯяд.

Ин истилоҳи ҳуқуқӣ шояд дар ин номаҳои дорои хусусияти соф амалӣ мавқеи назаррас надорад, аммо оиди чунин мафҳум зикр кардан зарур буд, ва инак он дар назди мост. Шояд дар ин ҷо мувофиқи таърифҳои медодаи Навишта ҷамъбаст намудани ин мақсади бузург ба мо ёрӣ медиҳад.

“Бо хуни Ӯ сафед шудаем” (Румиён 5:9) – Худо бо Худо – асоси наҷот – “Хунро мебинам” (Хуруҷ 12:13).

“Бо файзи Ӯ сафед шудем” (Титус 3:7) – Худо бо одам – табиати наҷот – “аз болои шумо хоҳам ҷаҳид” (Хуруҷ 12:13).

“Бо имон сафед шудаем” (Румиён 5:1) – одам бо Худо – қабул кардани наҷот – “... ба ҳар ду паҳлударӣ бимоланд” (Хуруҷ 12:7).

“Ба василаи аъмол сафед шуд” (Яъқуб 2:25) – одам бо одам – гувоҳии наҷот – “ҳафт рӯз фатир бихӯред” (Хуруҷ 12:15).

Муқоисаи ҷиддии ин изҳороти гуногун баъзе ҷиҳатҳои ҳайратовари ин ҳақиқатро ошкор менамояд ва ба фаҳмидани он ёрӣ медиҳад, ки онҳо бо ҳам чӣ гуна мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, таъиноти бузурги сафедшавӣ дар он ифода ёфтааст, ки мо “ворисон гардем”. Ин ҳақиқат дар Эфсӯсиён 1:5, 11-14 ва дар Ғалотиён хуб ифода ёфтааст. Дар ин ҷо он бо факти ҳайратовари зиндагии ҷовидон вобаста аст. (Нигаред 2Тимотиюс 1:1.) Бо наҷот тақдири бузург меояд. Ин зиндагӣ мақсади наҷот нест. Наҷот ёфта, мо ворисони Худо мегардем.

**3:8** Ояти 8 қисми пештараро бо баъдина мепайвандад. Тасвияи “дуруст аст ин сухан” дар тӯли матн ин ҷо бори панҷум вомехӯрад – танҳо дар ҳамин нома: 1:16; 2:7,14; 3:1 ва 3:8.

**3:9** Дар ин оят оиди чизҳои бефоида гуфта мешавад. Каломи Худо ҳамеша хусусияти амалӣ дорад ва нисбати он ки бадӣ чист, ҳеҷ гоҳ ба шубҳае роҳ намедиҳад. Ин албатта ба

бисёриҳо маъқул намешавад, агарчи онҳо умуман зидди гуноҳ ҳастанд, аммо ҳангоме ки гуноҳҳои худашон ошкор мешаванд, худро нороҳат ҳис мекунанд. Маънои умумии оят, аз афташ, дар муборизаи доимӣ бо яҳудият аст, ки фириста тамоми умр бо он сару кор дошт. Оят барои мо, ки ҳозир зиндагӣ мекунем, низ муҳим аст, агар ба омӯзиши академии Китоби Муқаддас аҳамияти зиёд дода, дар натиҷа таъсири амалии онро ба зиндагиамон фаромӯш кунем. Ҳозир он қадар тарҷумаҳои Китоби Муқаддас ҳастанд ва ҳар кадомашон чунон фикрҳову ғояҳои нав, иловагиро пеш меоваранд, ки гоҳо кас мехоҳад бозистода, оиди тарҷумаи содда ва барои ҳама фаҳмо фикр кунад.

**3:10** Мубоҳисаҳо ва ҷанҷолҳое ки дар ояти 9 зикр шудаанд, натиҷаи кӯшишҳои “бидъаткорон” мебошанд, ки ин ҷо оиди онҳо гуфта мешавад. Чанд бор ҳамоҳангии олидараҷаи имондорон аз боиси ягон касе ки ба ихтилофот майл дорад, халалдор ва ҳатто вайрон шудааст. Барои ҳамин ҳам Павлус бо исрор Титусро даъват менамояд, ки агар насиҳат ба ин гуна шахсон таъсир накунад, аз онҳо рӯ гардонад. Имондорон набояд чунин одамонро таҳаммул намоянд, зеро онҳо танҳо нохушиҳоро ба вуҷуд меоваранд, ва онҳоро аз худ дур кардан даркор аст. Маънои ибтидоии калимаи юнонии “еретик” (бидъаткор) “гирифташуда” ё “гиранда” аст, ба маънои васеътар бошад – “дорои озодии интихоб”. Касе ки ба ихтилофот майл дорад, мувофиқи хости худ амал мекунад; шогирди ҳақиқӣ бошад кӯшиш мекунад итоат намояд ва омӯзад.

**3:11** Дар ояти 11 оиди боз як сабабе гуфта мешавад, ки ба хотири он аз шахсе ки ба ихтилофот майл дорад, канораҷӯӣ кардан даркор аст. Хислати фосид ва гуноҳкораш ӯро аллакай маҳкум менамояд ва ӯ далелҳои ақли солимро қабул намекунад. Ягона восита барои чунин одамон ҷазои интизомӣ аст. Бисёр вақт дар ҷамъомадҳо ва ҷамоатҳо одамон таҳаммул ва пурсабрӣ зоҳир карда, мегӯянд, ки ёри худро бояд дӯст дошт. Аммо имондорон бояд ҳикмати Худоро, ки Ӯ худи Муҳаббат аст, дастури амали худ қарор диҳанд, ва ҳангоми зарурат ҷазо диҳанд. Дар ёд нигоҳ доред, ки ин на хонаи мо, балки хонаи Ӯст, ва мо бояд дар он тартибро нигоҳдорӣ намоем.

Чор ояти охир (12-15) хулоса мебошанд.

# ХУЛОСА

**3:12** Дар ин қисм дархостҳои шахсӣ мебошанд. Дар Каломи Худо бисёр лаҳзаҳои ҷолиби диққат ҳастанд, чунки дар он на танҳо оиди таълимотҳои хушки ахлоқӣ ва фалсафӣ, балки оиди зиндагии воқеии одамон гуфта мешавад. Ҷузъиёти дорои хусусияти шахсӣ хеле муҳиманд – ҳатто ҳангоме ки хеле кам ҳастанд. Артемос дар тамоми Инҷил танҳо дар ин ҷо зикр мешавад. Аммо чӣ шарафест, агар номи ягон кас ақаллан як бор дар Каломи Худо зикр шуда бошад! Аммо он низ ҳақиқат аст, ки ин танҳо пешнамои доварии Масеҳ аст, ки дар он ҳама гуна кӯшишҳо барои ҷалоли Ӯ, ҳатто аз қабили он чи Артемос дар ин ҷо кардааст, ҳатман ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Тӯхикӯс ба мо бештар маълум аст. Ӯ чун яке аз ҳамкорони Павлус ҳангоми бозгашт ба вилояти Осиё (Аъмол 20:4) зикр шуда буд. Сипас ӯ номаҳои Павлусро ба имондорони Эфсӯс (Эфсӯсиён 6:21) ва Қӯлассо (Қӯлассиён 4:7-8) овард. Павлус дар ин ҷо боз ӯро чун ҳамкори худ зикр мекунад. Аммо дар охирин зикр оиди ӯ, дар 2Тимотиюс 4:12, Тӯхикӯс боз як супориши Павлусро иҷро мекард. Аз ин зикрҳои хурд мо оиди ҳаҷми калони корҳои ин хизматгори Худованд мефаҳмем.

Дархости Павлус оиди дар Никӯпӯлис ба ӯ ҳамроҳ шудани Титус нишон медиҳад, ки Титус на ҳама вақт хизмати усқуфиро дар Крит ба ҷо меовард, чуноне ки аз рӯи анъана бисёр муҳаққиқони Китоби Муқаддас меҳисобанд. Ҳеҷ кас бо боварӣ гуфта наметавонад, ки оё Павлус ба Никӯпӯлис расид ва кадом Никӯпӯлис дар назар дошта шудааст. Бештар имконпазир ҳисобида мешавад, ки ин Никополе мебошад, ки дар қисми шимолу ғарби Юнон аст.

**3:13** Зенос дигар дар ҳеҷ ҷои Инҷил зикр намешавад. Пурра имконпазир аст, ки ӯ китобдоне буд, ки шариати Мусоро хуб медонист ва дертар масеҳӣ шуда буд. Оиди Апӯллӯс дар боби 19-уми Аъмол гуфта шудааст, ва ғайр аз ин, Павлус ӯро дар бобҳои 3-юм ва 4-уми номаи якум ба Қӯринтиён зикр мекунад. Ин ҷо мо мехонем, ки ӯ фиристаро баъди дар хизматаш ёрӣ додан тарк мекунад. Ин вазъиятро истифода бурда, Павлус нома ба Титусро бо ӯ мефиристад.

Ин вазъият ҳамчунин ба Титус ва имондорони Крит имкон медод, ки меҳмоннавозии худро, ки он замон чун дар замони ҳозира даркорӣ буд, зоҳир намоянд.

**3:14** Меҳмоннавозӣ ва ғамхорӣ, ки оиди онҳо дар ояти гузашта сухан мерафт, бе шубҳа, ба корҳои нек ишора мекунанд. Меҳмоннавозӣ ба ин ду бародарон ба критиён имкон медиҳад, ки корҳои нек кунанд.

Корҳои бесамар натиҷаи зиндагии шахси беимон аст, аммо барои имондори ҳақиқӣ ин хос нест. Дар тасаввури бисёр масеҳиён самар овардан аз он иборат аст, ки одамонро назди Масеҳ оваранд. Аммо Китоби Муқаддас на танҳо инро самар овардан меҳисобад. Самар овардан  бо зиндагии амалии масеҳӣ ва кӯшиши аз рӯи файз ва бо қувваи Рӯҳи Пок ба Масеҳ монанд шудан вобаста аст (Ғалотиён 5:22-23).

**3:15** Саломи хотимавии Павлус дар ин нома аз муқаррарӣ кӯтоҳтар аст, ва оиди зарурати аз қолабҳо барканор будан мегӯяд. Дуо, ё баракатхоҳии хотимавии ӯ пеш аз ҳама бо он файзе вобаста аст, ки барои тамоми ҷамоат дар Крит зарур аст, ва ин дар мурочиати "бо ҳамаи шумо" ифода ёфтааст.

Инак, мо омӯзиши ин китоби хурд, аммо хеле фоиданоки Каломи Худоро ба охир расондем, Ба ақиб нигариста, мавзӯъҳои асосии номаро ба ёд овардан мумкин аст: сифатҳое ки пирон-нозирон бояд дошта бошанд; сифатҳои манфии сокинони Крит; муносибатҳои байни гурӯҳҳои синнусолии гуногун дар ҷамоат; насиҳат барои зиндагии тақводорона, ки бар ду омадани Худованд асос ёфтааст, ва ҷамъбасти бузурги таълимот оиди наҷот. Ва бигузор Худованд ба мо имкон диҳад, ки доимо зарурати тақводорона зистанро дарк намоем, то таълимоти баланду муқаддас ва он мавқеи масеҳиро, ки дорем, пайравӣ намоем.